**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД: 31+31.277.1+31 (25)+31.27+65.9 (2 тоҷик) 304.13**
**ТДУ: 620.4+621.22+621.311.1+338.911+9 (5) 575.3**
**А – 49**

**АЛИМАРДОНЗОДА ЗУЛАЙХО ФАЙЗАЛӢ**

# ҲАМКОРИҲОИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**(солҳои 1991-2021)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи имии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6 D020300 – Таърих (6 D020201- таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор Ҳусайнов А.Қ.**

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ** .............................3

**МУҚАДДИМА** ..............................................................................................5

**БОБИ 1. БУНЁДИ КОМПЛЕКСИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН, ВИЖАГИҲО ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР НИЗОМИ ЭНЕРГЕТИКИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ**

1.1. Захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ............................................21

1.2. Аҳаммияти бунёди комплекси гидроэнергетикӣ дар тараққиёти хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ ..........................................................................................50

1.3. Консепсияи нави рушди комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ ..........................................74

**БОБИ 2. ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА**

2.1. Захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва масоили иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ ..................................................................103

2.2. Ҳамкориҳо дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ – техникӣ дар соҳаи гидроэнергетикӣ ........................................................119

2.3. Аҳаммияти минтақавии НБО – и Роғун дар таъмини обу барқӣ ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ....................................................................152

**ХУЛОСА** ..................................................................................................179

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ..........................................................................186

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АИПИ –** Бойгонии Институти таҳқиқоти сиёсии назди КМ ПК Тоҷикистон

**АФ ИҶШС** - Академияи фанҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**БАБТ** - Бонки аврупоии бозсозӣ ва тавсеъа (англ. European Bank for Reconstruction and Development, EBRD)

**АХОМ (БВО)** - Ассотсиатсияҳои хоҷагии обҳои минтақа

**ББНА** - Бунёди байналмилалии наҷоти Арал

**ВАБК** – Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ

**ҲКУ (б)** – Ҳизби коммунистии умумиттифоқӣ (болшевикҳо)

**ШОХХ** – Шурои олии хоҷагии халқ

**СҶТ** – Созмони ҷаҳонии тиҷорати

**КДЭР** – Комиссияи давлати оид ба электрофикатсияи Русия

**ПБНШЯ** – Пойгоҳи барқии ноҳиявии шакли давлатӣ

**КДЭ** – Комиссияи давлатии энергетикӣ

**КИА** – Комиссияи иқтисодии Авруосиё

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шуравии сотсиалистӣ

**КМ** – Комитети марказӣ

**ҲКТ** – Ҳизби коммунистии Тоҷикистон

**КСЭ** – Комплекси сузишворию энергетикӣ

**КҲИТҶ** - Комплекси ҳудуди истеҳсолии Тоҷикстони Ҷанубӣ

**ХИБ** – Хатти интиқоли барқ

**НБО** – Неругоҳи барқи обӣ

**МҒБЭ** – Манбаъҳои ғайриананавии барқароршавандаи энергия

**КМБҲО** - Комиссияи махсуси байнидавлатии ҳамоҳангсозӣ оид ба об

**МИИ КМБҲО** - Маркази иттилооти илмии Комиссияи махсуси байнидавлатии ҳамоҳангсозӣ оид ба об

**МБГМ** - Маркази барқи гармидиҳии Душанбе

**МВт** - Мегаватт

**МСЭК** – маҷмааи сӯзишворӣ-энергетикии

**СММ** – Созмони милали муттаҳид

**ҶСКХ** – Ҷамъияти саҳомии кушодаи холдингӣ

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҲКИШ** – Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ.

**ШСХК** – Ширкати саҳомии холдингии кушода.

**TBEC** - Тебян Электрик Корпорейшн

**ТАЛКО** – Корхонаи алюминии тоҷик

**ТоЭС** - Ассотсиатсияи сохтмонӣ ва саноатӣ барои тарҳрезии хатҳои интиқоли барқ

**EDC Energia** - Маркази таълимии тиҷоратӣ

**ICWC** – Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии обии Осиёи Марказӣ

.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлоли ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, вазифаи таъмини истиқлолияти энергетикӣ аҳаммияти хос пайдо намуд. Ин масъала махсусан барои Тоҷикистон муҳим буд, зеро захираҳои бузурги карбогидридӣ надошт ва маҷбур буд ба имконияtҳои гидроэнергетикии худ такя кунад. Дар давраи пасошуравӣ ҳамкории энергетикӣ миёни давлатҳои минтақа шаклҳои нав пайдо кард, ки ба истифодаи муштараки захираҳои обӣ ва энергетикии фаромарзӣ, ҳамчунин сохтани лоиҳаҳои зерсохтии минтақавии таъминоти энергия равона шудаанд.

Аҳаммияти таҳқиқи ҳамкории энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар давраи солҳои 1991 - 2021 аз маҷмуи омилҳое иборат аст, ки аҳаммияти стратегиии ин самтро барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян мекунанд. Осиёи Марказӣ як ҷузъи муҳимми низоми энергетикии ҷаҳон буда, захираҳои назарраси ҳам анъанавӣ ва ҳам барқароршавандаи энергия, аз ҷумла, захираҳои обиро доро мебошад, ки нақши калидиро дар таъмини рушди устувор ва амнияти энергетикии ҷаҳон мебозад. Дар ин замина, Тоҷикистон, ки дорои бузургтарин захираҳои гидроэнергетикии минтақа мебошад, ҳамчун бозингари муҳимми саҳнаи энергетикии минтақа баромад мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои калидии аҳаммияти мавзуъ норасоии афзояндаи неруи барқ аст, ки Тоҷикистон, хусусан дар мавсими зимистон, бо он рӯ ба рӯ мешавад ва ин ҳолат зарурати ҳамкории энергетикӣ бо кишварҳои ҳамсояро хеле муҳим месозад. Сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷумла, Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, мисоли ташаббуси стратегии Тоҷикистон дар боло бурдани иқтидори энергетикии худ мебошад, ки паёмадҳои муҳиммеро барои тамоми минтақа дорад. Ин лоиҳаҳо на танҳо барои ҳалли мушкилоти дохилии

таъминоти энергия нигаронида шудааст, балки барои баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар низ мусоидат мекунанд, инчунин, имкон медиҳад, то Тоҷикистон ба бозорҳои энергетикии минтақа ворид шавад ва робитаҳои иқтисодиро бо кишварҳои дигари минтақа тақвият диҳад.

Илова бар инҳо, дар шароити тағйироти глобалии иқлим ва чолишҳои афзояндаи экологӣ, масъалаҳои истифодаи устувори захираҳои об ва энергия ба таври махсус аҳаммияти худро зиёд мекунанд. Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки гидроэнергетика дар сохтори тавозуни энергетикии он мавқеи калидӣ дорад, дар маркази баҳсҳо оид ба зарурати рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия қарор гирифтааст. Ҳамкории энергетикӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ба яке аз воситаҳои муҳимми ҳалли вазифаҳои муштараки минтақавӣ дар соҳаи амнияти энергетикӣ ва таъмини рушди устувор табдил меёбад.

Пажӯҳиши ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар шароити таҳаввулоти иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳои соҳибистиқлоли минтақа аҳаммияти илмӣ-амалиро касб кардааст. Зеро энергетика як қисми муҳимми иқтисоди миллии кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи энергетика яке аз фаъолиятҳои хоҷагидорӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мебошад, ки захираҳои он, истеҳсол, интиқол, нигоҳдорӣ ва тақсимоти намудҳои гуногуни энергияро дар бар мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ то ҳол бозори ягонаи энергетикӣ пурра ташаккул наёфтааст. Ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни ҷумҳуриҳои минтақа дар самти таъмини самараноки ҳамдигар бо ҷалби сарватҳои ғании энергетикӣ, истифодаи оқилонаи иқтидорҳои мавҷуда ва эҷоди як сохтори беҳтари энергетикӣ, ки ба талаботи истеъмолкунандагон бо қувваи арзони барқ ҷавобгӯ бошад, то ҳол пурра ба роҳ монда нашудааст. Дар минтақа сол то сол талабот ба неруи барқ зиёд мегардад. Масалан, соли 2015 дар тамоми

давлатҳои Осиёи Марказӣ тақрибан 157,7 миллиард кВт/соат неруи барқ истеҳсол карда шудааст, ки ин талаботи аксари ҷумҳуриҳои минтақаро қонеъ карда наметавонад. Ҳамзамон, то соли 2020 талабот ба нерӯи барқ ба 180 миллиард кВт/соат ва то соли 2025 ба 206 миллиард кВт/соат меафзояд [88, с. 3].

Мавзуи таҳқиқ ва аҳаммияти он аз зарурати омӯзиши амиқи омилҳо ва сабабҳои афзоиши талабот ба неруи барқ дар кишвар ва минтақа, инчунин, ташхиси имкониятҳои мавҷудаи энергетикӣ бармеояд. Ин таҳқиқот ба таҳияи роҳҳои илмии ҳалли мушкилоти марбут ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва энергетикӣ равона шудааст, ки бо дарназардошти афзоиши талабот ба нерӯи барқ, саҳми муҳимме дар рушди устувори минтақа хоҳад гузошт.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи иқтидори гидроэнергетикӣ ва захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳои дастовардҳои қаблӣ дар ин соҳа, ҳамчунин омӯзиши таҷрибаи таърихии истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ вазифаи муҳим ва зарурии илмӣ ба ҳисоб меравад. Бо дар назардошти он ки Тоҷикистон дорои манбаъҳои фаровони обӣ ва иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, омӯзиши амиқи ин захираҳо на танҳо барои таъмин намудани ниёзҳои дохилии кишвар, балки барои тавсеаи ҳамкориҳои энергетикӣ бо кишварҳои ҳамсоя аҳаммияти бузург дорад.

Аз замони ба даст овардани истиқлол, Тоҷикистон дар самти истифодабарии самараноки захираҳои табиии худ, хусусан, обӣ, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст. Дар ин замина, сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ, бахусус, НБО – и Роғун, ки яке аз бузургтарин лоиҳаҳои энергетикӣ дар минтақа маҳсуб меёбад, аз дастовардҳои муҳимми соҳа ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, омӯзиши таҷрибаи таърихии истифодаи обҳои фаромарзӣ ва гидроэнергетикӣ дар заминаи сиёсати байналмилалӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ, ҳамчунон ҳалношуда боқӣ мемонад ва ба таҳлили ҷиддии илмӣ ниёз дорад.

Таҳқиқи роҳҳои рушд ва пешрафти истифодаи захираҳои энергетикӣ, махсусан, гидроэнергетикӣ, бо дарназардошти омилҳои геополитикӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, метавонад ба таҳияи хулосаҳои илмии асоснок дар ин самт мусоидат намояд. Таҳияи стратегияи ҳамкориҳои энергетикӣ бо кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, ки дар он ҳамкории судманд ва ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба назар гирифта шавад, вазифаи илмиест, ки ниёз ба таҳқиқоти амиқ ва муносибати ҳамгироӣ дорад. Ин гуна таҳқиқот метавонад дар шароити афзоиши талабот ба энергия ва зарурати рушди устувори кишварҳои Осиёи Марказӣ, роҳҳои ҳалли мураккаби масоили энергетикиро пешниҳод кунад.

Таҳияи хулосаҳои илмии асоснок ва пешниҳодҳои амалии нав дар самти рушди ҳамкориҳои энергетикӣ дар асоси таҳқиқоти амиқ ва таҳлилҳои илмӣ метавонад заминаҳои мустаҳками назариявӣ ва амалӣ барои рушди соҳа дар оянда фароҳам оварад.

Илова бар ин, дар шароити истиқлолият, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар таъмини истиқлолияти энергетикӣ қарор дода шудааст. Ин аҳаммияти илмии мавзуи таҳқиқотро дучанд карда, муҳиммияти онро тасдиқ намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҳарчанд перомуни мавзуи мазкур то ҳол таҳқиқоти мукаммале ба анҷом нарасида бошад ҳам, вале, хушбахтона, китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои зиёди илмӣ, публитсистӣ ва рисолаҳои илмӣ таълиф гардидаанд, ки масоили гуногуни рушди иқтисодиёти миллӣ, истеҳсол ва рушди энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақа, сохтмони неругоҳҳои нави барқӣ, афзоиши шабакаҳои хурду миёнаи истеҳсолкунандаи неруи барқ, зарурати ба кор даровардани НБО - и Роғун ва аҳаммияти он барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва дар ин замина паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чумҳуриҳои Осиёи Марказиро

мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд. Осори чопшударо шартан ба тариқи зайл метавон гурӯҳбандӣ кард: 1) асарҳо, суханрониҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар; 2) китобҳо, монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳамчунин, мақолаҳои дар матбуоти даврӣ батабърасида; 3) диссертатсияҳо ва автореферaтҳо; маводди шабакаҳои интернетӣ.

Мавриди зикр аст, ки масоили асосии соҳаи энергетика ва фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти энергетикаи обии минтақа, пеш аз ҳама, дар китоб, мақола, суханрониҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар инъикос ёфтаанд [151; 152; 153; 154].

Ба ин гурӯҳ, инчунин, адабиётеро, ки нақши Пешвои миллатро дар раванди таъмини барқи ҷумҳурӣ, бунёди иншооти бузурги энергетикӣ ва ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Осиёи Марказӣ инъикос кардаанд, дохил кардан мумкин аст. Дар воқеъ, роҷеъ ба саҳми Сарвари давлат дар бунёди неругоҳҳои бузурги ҷумҳурӣ китобу мақолаҳои зиёде, чун «Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари Роғун» [162; 163] (дар чанд нашр), «Пешвои муаззами миллат. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими Истиқлоияти давлатӣ» [140], «Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори кохи нури Тоҷикистон» [92], «Дар талоши нур. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва рушди соҳаи энергетика» [88] ва ғайраҳо рӯйи кор омаданд, ки дар онҳо нақши Сарвари давлат дар рушду такомули соҳаи энергетика ва бунёди иншооти бузурги энергетикӣ, аз ҷумла, Неругоҳи барқи обии Роғун таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Китоб-албоми «Эмомалӣ Раҳмон – эҳёгари Роғун» [162; 163] дар се нашр ба табъ расида, дар асоси таърихи мухтасари энергетикаи Тоҷикистон, корҳои азнавбарқароркунӣ ва сохтмони НБО - и Роғун, дастовардҳои истиқлолияти энергетикии

кишвар, нақши Пешвои миллат дар бунёди неругоҳ, оғози бунёди сарбанди неругоҳ ва ба кор даровардани чархаи якум мураттаб шудааст.

Мавриди зикр аст, ки китоби «Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори кохи нури Тоҷикистон» [92] низ дар мавриди омӯзиши масоили рушду такомули соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус, нақши Пешвои миллат дар бунёди иншооти бузурги энергетикӣ ва пешрафти ин соҳа манбаи арзишманд маҳсуб меёбад. Муаллифон дар ин китоб маълумоти амиқ оид ба захираҳои обӣ ва гидроэнергетикии Тоҷикистон, таърих ва сохтмони НБО - и Роғун ва нақши Сарвари давлат дар бунёди ин сохтмони бузурги аср гирд оварда, манзури аҳли илм ва мутахассисони соҳа гардониданд.

Ба **гурӯҳи дуюм** китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ҳамчунин, мақолаҳои дар матбуоти даврӣ батабърасида, ки дар онҳо масълаҳои алоҳидаи энергетикаи обии ҷумҳурӣ дар даврони шуравӣ ва солҳои истиқлол, азхудкунии захираҳои обии минтақа, паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ инъикос ёфтааст, дохил мешаванд [56; 61; 62; 65; 66; 67; 69; 71; 74; 75; 76; 91; 93; 95; 96; 102; 105; 109; 132; 148; 161; 179; 181; 182; 194; 195; 196; 201].

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқ ва омӯзиши захираҳои энергетикаи обии Осиёи Миёна, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан аз соли 1925, аз тарафи олимони маъруф - А.В. Ферсман, Д.И. Шербаков, Б.А. Наследов ва И.Г. Александров оғоз гардидааст. Барои ба таври мухтасар омӯхтани сарватҳои табиӣ, аз ҷумла, захираҳои энергетикаи обӣ маблағҳои ҷудокардаи ҳукумати марказӣ барои экспедитсияи маҷмуии тоҷикию помирии Академияи фанҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (минбаъд АФ ИҶШС), ки аз соли 1932 амал мекард, инчунин комиссия, ки то соли 1925 фаъолият дошт, нақши калон бозидааст.

Дар китобу рисолаҳои профессор Н.Б. Ҳотамов [183; 184] дар қатори омӯзиши таърихи халқи тоҷик, масъалаҳои иқтисодӣ-энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ барои таъмини рушди кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум таҳлил гардидаанд.

Дар корҳои илмии М.А. Бурҳонов [72; 74; 75; 76; 95] масъалаҳои самаранокии истеҳсолоти энергетикии неругоҳи барқи обии Норак ба иқтисодиёти мамлакат, таърихи барқароршавии захираҳои энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳқиқ карда мешаванд.

Муҳаққиқони соҳа Т. Авазов, Г. Петров ва Ҷ. Тошматов [56] динамикаи сохтмони неругоҳҳои барқии обии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳаматарафа таҳқиқу баррасӣ намуданд. Дар корҳои илмии Р.Х. Зоиров [91] масъалаҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб кардани маблағгузориҳои байналмилалӣ барои инкишофи комплекси энергетикаи обии кишвар, оварда шудааст.

Маликов М.Х. [103; 104; 105], Ахророва А.Д., Шарифзода А.Д., Доронкина Д.А. [70] ва ғайра дар осори худ масъалаҳои захираҳои сӯзишворӣ-энергетикии кишвар, таҷрибаи омӯзиш ва азхуд кардани онҳо, ҳамчунин, дар равандҳои истеҳсолии хоҷагии халқ, маданият ва ҳаёти маишии аҳолии ҷумҳурӣ истифода бурдани қувваи барқро инъикос намудаанд.

А.А. Алимбаев, А.Р. Саринсакхоҷаев, Р.А. Ситдиков [61] дар китоби худ ҷанбаҳои асосии вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди бахши муосири манбаъҳои алтернативӣ ва барқароршавандаи энергия дар Ӯзбекистонро инъикос намудаанд. Масъалаҳои истифодаи маҷмуӣ дар соҳаи энергетикаи барқӣ бо дарназардошти таъсири он ба рушди кишвар, таъсир ба муҳити зист, самаранокии энергия ва сарфаи он ба низом даровaрда ва пешниҳод карда шудааст. Инчунин, масъалаҳои рушди шабакаҳои барқӣ бо истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия баррасӣ гардида, вазифаҳои ба таври васеъ ҷорӣ намудани манбаҳои

барқароршавандаи энергия, аз ҷумла, базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сохтори институтсионалӣ, стандартикунонии соҳаи мазкур ва ҳамчунин, зарурати дар ҷумҳурӣ хал намудани онҳо бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами хориҷӣ чамъбаст ва мушаххас карда шудаанд.

Дар мақолаи И. Е. Матвеев [109, с.41-46] таърихи ташаккул ва рушди комплекси сузишворию энергетикии Ҷумҳурии Туркменистон таҳлилу баррасӣ гардида, муаллиф қайд мекунад, ки аз солҳои 90-ум бо саъю кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Туркманистон ба соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ заминаи мустаҳкам гузошта шуд. Дар мақола дарҷ гардидааст, ки маҳсулотҳои асосии содиротии Ҷумҳурии Туркманистон ашёи хоми карбогидридӣ (газ, нафт), маҳсулоти коркарди нафту газ ва неруи барқ мебошанд.

Дар мақолаи худ Байбориев А.Ж., Бокоева Э.Т., Тулемишева Б. И. [71, с.32-36] иқтидори гидроэнергетикии захираҳои обии Ҷумҳурии Қирғизистонро ҳамчун асоси рушди энергетикаи кишвар баррасӣ намуда, қайд намудаанд, ки гидроэнергетика ба омили асосии стратегияи дарозмуддати рушди иқтисодии кишвар табдил дода шудааст. Инчунин, дар мақолаи мазкур равандҳои ҷаҳони муосир, ки сохтори муносибатҳои байналмилалиро тағйир дода, ҳамчун қувваи пешбарандаи ҳамгироӣ ва дурнамои муносибатҳои иқтисодӣ баромад карда, зарурати рушди муносибатҳои навро дар соҳаи рушди иқтидори гидроэнергетикӣ ва захираҳои обро тақозо мекунанд, баррасӣ гардиданд. Ба ақидаи муаллифони мақола, захираҳои обӣ ва гидроэнергетикии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун омили афзалиятҳои иқтисодӣ ва стратегӣ дар шакли нав иқтидори рушди ҳам кишвар ва ҳам ҳамсоягони Осиёи Марказиро дар соҳаи обу энергетика ошкор месозад.

Аллаев К.Р. [62] дар китоби худ дурнамои рушди соҳаи электроэнергетикаи Ўзбекистонро то соли 2025 ва комплекси сӯзишворию энергетикии чандин кишварҳои ҷаҳонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муаллиф, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои баланд

бардоштани самаранокии энергетикии саноат, пешгӯии роҳҳо ва хусусиятҳои низоми системаи энергетикӣ, низоми автоматикунонидашудаи идоракунӣ ва баҳисобгирии тиҷоратии неруи барқ, сарфаи энергия ва экология баррасӣ шудаанд. Шарҳи таҳлилии ислоҳоти соҳаи энергетикаи кишварҳои пешрафта, ки ислоҳоти ин соҳаро ба анҷом расонидаанд ва идома медиҳанд, пешниҳод карда мешавад. Масъалаҳои комплекси сӯзишворию энергетикии ин мамлакатҳо, моделҳои ислоҳот ва ташаккули тарифҳо дар саноати электроэнергетика дида баромада шудаанд.

Т.Ю. Юнусов [196] оид ба соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ҷумла, неруи барқ, гармӣ, гидроэнергетика ва манбаъҳои алтернативии энергия: бод, неруи офтоб, мавҷҳо, манбаъҳои геотермалӣ ва нефтетермалӣ (нафтҳароратӣ) ва ғайра маълумоти ҷолиб пешниҳод намудааст.

М. Лалджебаев, Р. Исаев, А. Саухимов [102] дар мақолаи худ масъалаи иқтидор, истифода, дурнамои татбиқ ва монеаҳо дар роҳи рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла, неругоҳҳои хурди барқӣ обӣ, офтобӣ, шамол, геотермалӣ ва биоэнергетикӣ барои панҷ кишвари Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро таҳлилу баррасӣ намудаанд. Аз рӯйи арзёбии онҳо, иқтидори неругоҳҳои барқи обии хурд аз 275 то 30 000 МВт, энергияи офтоб аз 195 000 то 3 760 000 МВт, шамол аз 1500 то 354 000 МВт, энергияи геотермалӣ аз 2 то 54 000 МВт ва биоэнергетика аз 02 то 800 МВт мебошад. Бо вуҷуди ин, миқёси истифодаи онҳо дар панҷ кишвар хеле кам аст – 5 - 225 МВт дар неругоҳи хурди обӣ ва танҳо дар Қазоқистон иқтидорҳои бузурги фотоэлектрикҳои офтобӣ (>800 МВт) ва шамол (>300 МВт) аз худ карда шудаанд. Ҳарчанд ҳамаи кишварҳои дар боло зикршуда стратегия ва барномаҳои баланд бардоштани иқтидори энергетикӣ доранд, аммо татбиқи онҳо ба истисноӣ Қазоқистон ва то андозае Узбакистон пурра амалӣ нагардидааст. Рушди энергияи

таҳдидшаванда дар минтақа бо чандин монеаҳо, аз ҷумла заминаи нокифояи меъёрӣ, инфрасохтори суст инкишофёфта, мушкилот бо молия, малакаҳо, огоҳии мардум ва дастгирии давлатӣ, инчунин дастрасии маълумот ва иттилоот монеа мешавад. Азбаски ин монеаҳо бо ҳам алоқаманданд, барои бартараф кардани онҳо муносибати байнисоҳавӣ ва ҳамгироӣ зарур аст. Энергияи барқароршаванда метавонад ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар қонеъ кардани ниёзҳои афзояндаи неруи барқ ва пешгирӣ аз таъсири манфии муҳити зисти истифодаи сӯзишвории истихроҷшуда кумак кунад.

Ба **гурӯҳи сеюм** диссертатсия ва авторефератҳо, ки дар соҳаҳои гуногуни илм, махсусан, таърих, иқтисодиёт ва сиёсат дифоъ шудаанд, дохил мешаванд [196; 197; 198; 199; 200; 201; 202].

Маводди сомонаҳои интернетӣ, аз ҷумла, сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ Ховар ва саҳифаҳои электронии дигар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷӣ, ки **гурӯҳи чоруми** адабиёти истифодашударо ташкил медиҳанд, дар таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур васеъ истифода шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили интишороти марбут ба мавзуи таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар айни замон ягон таҳқиқоти мукаммал оид ба ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, таҳлили бунёдӣ оид ба мушкилоти сиёсати давлатӣ дар ин низом дар давраи баррасишаванда, яъне аз замони фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ то ба истиқлол расидани ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва то имрӯз вуҷуд надорад.

**Робитаҳои таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**

Диссертатсия дар доираи барномаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ барои солҳои 2020-2025 дар мавзуи «Ҳамкориҳои

энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** аз таҳлили маҷмуӣ ва таърихии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетика, муайян намудани дараҷаи мутобиқати сатҳи ҳамкории мазкур ба мақсади амалӣ намудани сиёсати берунаи ҷумҳурӣ дар марҳилаи ҳозира, инчунин, дар такмили фаъолияти байналмилалии кишвар барои ояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат иборат буда, дар робита ба ин вазифаҳои зерин муайян шудаанд:

- баррасӣ ва таҳқиқи иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ;

- таҳқиқи раванди бунёди иншооти гидроэнергетикӣ ва аҳаммияти онҳо дар тараққиёт ва рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ;

- баррасии буҳрони энергетикӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ва қабули Консепсияи рушди комплекси энергетикии Тоҷикистон;

- таҳлил ва муайян намудани захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ;

- баррасӣ ва муайян намудани ҳамкориҳои минтақавии гидроэнергетикӣ дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ - техникӣ;

- мушаххас намудани нақши иншооти гидроэнергетикӣ дар пешрафти иқтисоди кишвар ва минтақа;

- баррасӣ ва мушххас намудани сохтмони НБО-и Роғун ва аҳаммияти он дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ.

**Объекти таҳқиқро** омӯзиши таърихи захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доираи ҳамкориҳои энергетикӣ бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

**Ппредмети таҳқиқ** – дараҷаи азхудкунии захираҳои обӣ-энергетикии минтақа ва таҳлили ҳолати равандҳои истифодаи неруи барқ дар истеҳсолот, фарҳанг ва ҳаёти маишии аҳолии ҷумҳуриҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

**Чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот** солҳои 1991-2021-ро фаро гирифта, аз замони фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба истиқлол расидани ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ оғоз мегардад ва то ҷашни 30 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома меёбад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро** талабот ва равишҳои маъмули маърифатӣ дар илми муосири таърих – таърихият, низомнокӣ, илмӣ, масъалагузорӣ, айният, объективияти илмӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ ва монанди онҳоро дар асоси санаду далелҳои нав ташкил медиҳад. Дар айни замон, асоси тадқиқоти мазкур равиши масъалагузорӣ-солномавӣ маҳсуб меёбад, ки имкон медиҳад, таърихи азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди комплекси низоми гидроэнергетикии ягонаи Осиёи Миёна дар даврони шуравӣ, ҳамчунин, ҳамкориҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, бартариҳои ин раванд ва аҳаммияти он дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-маишии аҳолии кишварҳои минтақа муайян карда шавад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот** гуногунҷанба буда, ба назари мо, онҳоро метавон ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ кард:

Ба гурӯҳи якум, асарҳо, мақола, баромад, суҳбатҳои хосса ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои байналмилалии об ва захираҳои гидроэнергетикии кишвар дохил аст [82, с. 11-14; 112, с. 2; 129, с. 13-28; 134; 135; 136, с. 2-11; 154, с. 96-115, 330; 340, 344-354; 356-363; 168, с. 1-7; 170, с. 1].

Ба гурӯҳи дуюм, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [10; 26; 27, с. 50-71; 28, с. 36-61; 29, с. 2-5; 30, с. 112-117; 31; 32; 33, с. 54-60] доир ба масоили об ва истифодаи

самараноки он, ҳамчунин, захираҳои гидроэнергетикии кишвар ба шумор меравад.

Ба гурӯҳи сеюм маводди Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии давлатии вилояти Суғд, шуъбаи Тоҷикистони Шуравӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, дигар вазорату сохторҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки номгӯи онҳо дар рӯйхати манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда оварда шудааст.

Ба гурӯҳи чорум маводҳои Бунёди байналмилалии наҷоти Аралро (ББНА) дохил кардан мумкин аст, ки сарчашмаи муҳим ба шумор меравад [18; 35; 36; 39; 48; 52; 110, с. 64-72; 121].

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Рисолаи мазкур нахустин кори ҷомеи илмие мебошад, ки бунёди комплекси гидроэнергетикӣ ва захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии Осиёи Марказӣ, таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва бахусус, рушди ин ҳамкориҳоро дар даврони истиқлол ҷамъбаст карда, халои дар ин самт ҷойдоштаро дар таҳқиқоти илмӣ пурра месозад. Илова бар ин, навгониҳои таҳқиқот дар нуктаҳои зерин зоҳир мегарданд:

- қисмати бештари маводҳои рисола бори аввал мавриди таҳлил қарор гирифта, ба онҳо баҳои илмӣ дода шудааст;

- иқтидори гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст;

- раванди бунёди иншооти гидроэнергетикӣ ва аҳаммияти онҳо дар тараққиёт ва рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ шудааст;

- бӯҳрони энергетикӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ва қабули Консепсияи рушди комплекси энергетикии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст;

- захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли энергияи барқӣ таҳлил ва муайян шудааст;

- ҳамкориҳои минтақавии гидроэнергетикӣ дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ - техникӣ муайян ва баррасӣ шудааст;

- нақши иншооти гидроэнергетикӣ дар пешрафти иқтисоди кишвар ва минтақа мушаххас гардидааст;

- бунёди НБО - и Роғун ва аҳаммияти он дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мушххас ва баррасӣ шудааст.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти нашршуда собит менамоянд, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ ва энергетикӣ дар тамоми Осиёи Марказӣ мақоми аввал дорад;

- неруи барқ дар дигаргунсозии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-маишии аҳолии Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ нақши муассир дошта, истифодабарии он аз тарафи хоҷагиҳо ва аҳолии ҷумҳуриҳои мазкур барои эҳтиёҷоти истеҳсолии кишоварзӣ, корхонаҳои саноатӣ, маданӣ ва маишии аҳолӣ сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи некуаҳволии сокинони онҳоро ба куллӣ тағйир дод;

- таҷрибаи солҳои охири асри XX ва аввали асри XXI дар баъзе кишварҳо нишон медиҳад, ки истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҳалли масъалаҳои ғаразноки байни кишварҳои ҳаммарз, ҳатто бо дастрасии хурдтарин ҷузъиёти ҳамдигарфаҳмӣ, амнияти экологиву минтақавӣ ва ҳамкории манфиатовари тарафайнро ба вуҷуд овардааст. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ тағйирёбии раванди таърихии замони муосирро бо воқеияти дар ҳалли душвориҳои худ ба ҷои аввал баромадани об ва норасоии неруи барқро дарк карда истода, аз мунoқишаҳои ғаразноки сиёсии байни якдигар даст кашида, тадбирҳои мусолиҳаомези ҳалли онро пеш гирифтанд;

- дар ҳоле ки ҷумҳуриҳои ҳавзаи баҳри Аралро норасоии об ва неруи барқ нигарон карда истодааст, тағйирёбии иқлим ва зиёдшавии аҳолӣ, тазоди навро ба вуҷуд овардааст: аз як тараф камшавии захираҳои об ва аз тарафи дигар афзудани талабот ба истеъмоли он. Чи тавре ки мутахассисони соҳа ошкор намудаанд, аз нимаи дуюми асри ХХ сар карда, захираи пиряххо, ки рӯдхонаи дарёҳои ҳавзаи Омударё ҳисоб мешаванд, бо шиддати миёна 06-08 дарсад дар як сол аз рӯи масоҳати обшавӣ ва тақрибан 01 дарсад аз рӯи ҳаҷми ях кам шуда истодаанд. Аз лиҳози демографӣ бошад, минтақаи Осиёи Марказӣ чун яке аз минтақаҳои фаъолтарин маҳсуб меёбад. Аз соли 1960 то соли 2010 аҳолии он зиёда аз се баробар афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давраи мавриди таҳлил қарор гирифта шуда, аҳолии он зиёда аз 60 млн нафарро ташкил медиҳад ва тибқи пешгӯиҳо афзоиши демографӣ то соли 2030 истеъмоли обро аз ҳозира дида 15-20 фисад бештар мегардонад [150];

- пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо бо кишварҳои минтақа барои ҳамкорӣ бо назардошти манфиатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба аз захираҳои обу энергетикӣ талош дорад. Зеро азхудкунии якҷояи захираҳои бузурги обу энергетикии минтақа имконият медиҳад, ки маҷмуи мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ҳалли худро ёбад. Масалан, сохтмони обанборҳо, аз ҷумла, ба кор андохтани обанбори Роғун, метавонанд дар поёнобии дарёи Ому қариб 500 ҳазор гектар заминҳои обёришавандаи аз гардишмондаро, ки ба иқтисоди ин кишварҳо манфиати калон мерасонанд, ба кор дароранд. Ҳамзамон, дар доираи ҳамкориҳои мутақобилан судманд, азхудкунии захираҳои ғании гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад тамоми минтақаро ба қувваи барқи арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намуда, дар пешрафту тараққиёти саноат ва зиндагии шоистаи мардуми минтақа саҳмгузор бошад ва дар ин замина ҳалли чандин масоили дигарро осон гардонад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик метавон истифода намуд. Тавсияҳои илмии дар диссертасия зикрёфтаро метавон барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода намуд. Илова бар ин, таҷрибаи таърихии бунёди комплекси низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ дар даврони шуравиро метавон дар шароити муосир, ҳангоми роҳандозии сиёсати иҷтимоии кишвар истифода кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020201 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** маълумотҳои дақиқ, маводи бойгонӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоиса, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ таъмин менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва чорабиниҳои дигари илмӣ ироа гардидаанд.

Рисола дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ва кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (протоколи №6 аз 9-уми январи соли 2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷагириҳои асосии илмии рисола дар 6 мақолаҳои илмӣ, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 200 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (227 номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ I. БУНЁДИ КОМПЛЕКСИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН, ВИЖАГИҲО ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР НИЗОМИ ЭНЕРГЕТИКИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## 1.1. ЗАХИРАҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАВОЗУНИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад, ки унсури калидии тавозуни энергетикии тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравaнд. Гидроэнергетика, ҳамчун пояи асосии низоми энергетикии Тоҷикистон, дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва қонеъ гардондани талаботи дохилӣ ба неруи барқ накши калидӣ дорад. Бо истифода аз захираҳои фаровони обии кишвар, гидроэнергетика на танҳо ба истеҳсоли мунтазами неруи барқ мусоидат мекунад, балки барои рушди соҳаҳои дигар, аз ҷумла, саноат ва кишоварзӣ, шароити мусоид фароҳам меорад. Ин соҳа метавонад ба истиқлолияти энергетикии кишвар мусоидат намуда, мавқеи Тоҷикистонро дар шумори содиркунандаҳои неруи барқӣ минтақа боз ҳам баланд бардорад.

Ҳамзамон, иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон барои ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ аҳаммияти бузург дорад.

Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати захираҳои энергетикӣ минтақаи муҳим ба шумор меравад. Дар ин ҷо ҳам захираҳои бузурги карбогидридҳо ва ҳам захираҳои бузурги об мавҷуданд. Дар ин замина, тавозуни энергетикии минтақа нобаробар буда, бо фарқиятҳо дар дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳо хос аст. Дар робита ба ин, аҳаммияти захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистонро наметавон нодида гирифт. Дар шароити камбуди нафту газ дар баъзе кишварҳои минтақа, бахусус Тоҷикистон ва Қирғизистон, рушди гидроэнергетика барои таъмини тавозуни устувори энергетикӣ ва амнияти энергетикии тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад.

Қисми асосии захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар ҳавзаи дарёи Ому, ки бо якҷояшавии рудҳои Вахш ва Панҷ падид меояд, ҷойгиранд.

Тоҷикистон аз рӯйи ҳаҷми иқтидори гидроэнергетикӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон баъд аз Непал ва Норвегия ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Аммо имрӯз танҳо як қисми ками ин иқтидор истифода мешавад, ки имкониятҳои ками молиявӣ ва техникӣ барои сохтмон ва навсозии иншооти гидроэнергетикӣ сабаби он мебошад.

Иқтидори мавҷудаи захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон шароити мусоидро барои густариши ҳамкорӣ бо дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи энергетика фароҳам меорад. Дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати гузариш ба «иқтисоди сабз», гидроэнергетика ҳамчун яке аз сарчашмаҳои ояндадори энергияи тоза ва барқароршаванда баррасӣ мегардад. Дар ин замина, таҳқиқоте, ки ба рушди истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, аҳаммияти махсус пайдо мекунанд.

Пеш аз ҳама, мақсади таҳқиқоти мазкур омӯзиши ҳамаҷонибаи нақши захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои судманд дар рушду тавсеаи соҳаи энергетикии кишварҳои минтақа мебошад.

Таърихан, вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ боиси раванди пайвастшавии минтақа ба низоми ҳокимияти Шуравӣ гардид. Дар натиҷа, дар асоси тақсимоти нобаробар ҷумҳуриҳои нави шуравӣ ташкил ёфтанд. Бояд қайд кард, ки сарҳадҳои навбунёд бо хусусиятҳои иқтисодӣ ва қавмии минтақа пурра мувофиқат намекарданд. Ин боис гардид, ки халқҳои гуногун, аз ҷумла, тоҷикон, дар ҷумҳуриҳои мухталиф пароканда зиндагӣ кунанд. Масалан, пас аз барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ, тақрибан 47,7 дарсади тоҷикони минтақа дар ҳудуди ҶШС Туркистон ва 53,3 дарсади онҳо дар ҳудуди ҶШС Бухоро зиндагӣ мекарданд [155, с. 115].

Дар моҳи марти соли 1923 аввалин конфронси иқтисодӣ дар Тошканд баргузор гардид, ки дар он намояндагони Туркистон, Бухоро ва Хоразм иштирок карданд. Дар конфронс қарор қабул шуд, ки дар оянда ҳамаи се ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ фаъолияти иқтисодии худро дар асоси сиёсати

ягонаи иқтисодӣ ва нақшаи умуми иқтисодӣ ҳамоҳанг хоҳанд кард. Дар ин замина, барои мутобиқ кардани фаъолияти мақомоти хоҷагии ҷумҳуриҳо, Шурои иқтисодии Осиёи Миёна ташкил карда шуд [201, с. 61]. Бо ин амал, бори аввал дар муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна замина гузошта шуд. Равобити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҶШСХ Бухоро ва ҶШС Хоразм ба табдилёбии онҳо ба ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ – ҶШС Хоразм (соли 1923) ва ҶШС Бухоро (соли 1924) боис гардид. Ин тағйирот заминаи ҳалли масъалаҳои ташкили миллӣ-ҳудудӣ ва давлатиро дар Осиёи Миёна фароҳам овард. Бюрои ташкилотии КМ РКП(б) пешниҳодҳои худро оид ба ин масъала ба раиси Бюрои Осиёи Миёнаи КМ РКП(б) Я.Е. Рудзутак ирсол намуд [6, ЛЛ.1-4].

Пас аз таҳлили ҳамаҷониба ва баррасии дубораи масъала, Бюрои сиёсии Ҳизби коммунистӣ (РКП(б)) 12-уми июни соли 1924 оид ба тақсимоти миллӣ-ҳудудии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна қарор қабул кард. Тибқи ин қарор, ташкили ҷумҳуриҳои иттифоқии Ӯзбекистон ва Туркманистон, вилояти мухтори Қарақирғизистон (ҳоло Қирғизистон) дар ҳайати РСФСР, инчунин, Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон пешбинӣ гардид.

Кумитаи Марказии РКП(б) ба масъалаи давлатдории миллии тоҷикон таваҷҷуҳи хос дода, зарур донист, ки Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёбад. Ин тасмим таъкид мекард, ки Тоҷикистон бояд ҳадди ақал дар шакли вилоят ё ҷумҳурии мухтор истиқлолияти муайяни сиёсӣ ва фарҳангӣ дошта бошад, гарчанде ки он то ҳол пурра мустақил набуд [5, ЛЛ.17-18].

27 октябри соли 1924 дар ҷаласаи Кумитаи иҷроияи марказии Иттиҳоди Шуравӣ, тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар Осиёи Миёна расман тасдиқ карда шуд. Ин ислоҳот ба ташкили воҳидҳои нави маъмурӣ ва мутаносибан тағйири сарҳадҳои дохилӣ оварда расонд, ки то ҳол таъсири муҳим ба сохтори миллию маъмурии минтақа дорад. Ба Президиуми КИМ давлати Шуравӣ супориш дода шуд, ки ин масъаларо дар мувофиқа бо қарорҳои

анҷуманҳои Шуроҳои ҷумҳуриҳо минбаъд баррасӣ кунад. Дар натиҷаи ин раванд, тоҷикон дар шакли ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон давлатдории худро ба даст овардaнд [201, с. 62]. Ҳангоми ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон ба ҳайати он аз ҶХШ Бухоро Вилоятҳои Ғарм, Душанбе, Кӯлоб ва Қурғонтеппа; аз ҶМШС Туркистон вилоятҳои Панҷакент ва Уротеппа дохил шуданд. Дар натиҷа, масоҳати ҷумҳурӣ ба 135,6 ҳазор км$^2$ баробар гардида, аҳолиаш 739,5 ҳазор нафарро ташкил медод, ки 78,33 дарсадионҳоро тоҷикон ташкил медоданд. Дар тақсимоти ҳудудиву марзии Осиёи Марказӣ, ки аз ҷониби Руссия гузаронида шуд, бештарини ҷабр ба тоҷикон расид, зеро онҳо тақрибан 10 дарсад аз ҳудуди таърихии худро соҳиб нашуданд.

Ҳамин тариқ, харитаи маъмурӣ ва сиёсии Тоҷикистон дар ибтидои таъсиси худ аз 5 ноҳия — Душанбе, Ғарм, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Сариосиё, инчунин, 12 ноҳияи кӯҳӣ ва поёнкӯҳии минтақаи Самарқанд, шаҳрҳои Панҷакент ва Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) ва минтақаи Помир иборат буд. Баъзеи ин минтақаҳо, аз ҷумла, ноҳияҳои поёнкӯҳӣ ва ҳамвор, ҳамчун минтақаҳои муҳимми кишоварзӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ин тақсимоти маъмурӣ ба таври васеъ имкониятҳои рушди иқтисодӣ, аз ҷумла, дар соҳаи кишоварзӣ ва захираҳои табииро, муайян мекард ва ҳамзамон, равиши сиёсӣ ва маъмурии идораи ин минтақаҳоро ташкил медод.

Соли 1929 ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт ва бо илова шудани вилояти Хуҷанд шумораи аҳолии он ба як миллиону 200 ҳазор нафар расид. Ба ҳайати он қариб тамоми Бухорои Шарқӣ, Ҳисору Ғарм, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд, Ӯротеппа, Панҷакент ва ноҳияҳои Помир, ки соли 1925 Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) номида шуд, дохил мешуд. Шаҳри Сталинобод (аз соли 1929 то 1961; ҳоло Душанбе) пойтахти ҶШС Тоҷикистон эълон карда шуд.

Зикр кардан зарур аст, ки табиату иқлими Тоҷикистон вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофиёи он ба таври назаррас фарқ мекунад. Тоҷикистон аз даҳ як масоҳати Осиёи Марказиро ишғол намуда, аз се ду ҳиссаи захираҳои

обии минтақа маҳз дар ҳамин ҷой ҷойгиранд. Аз рӯи ҳаҷми захираҳои гидроэнергетикӣ, Тоҷикистон дар байни кишварҳои ИДМ ҷои дуюмро ишғол мекунад. Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захирахои бузургӣ обӣ-энергетикӣ мебошад.

Ғановати табиии Тоҷикистон пиряххо ва дарёҳои сероби он мебошанд, ки барои истеҳсоли неруи барқ, обёрии заминҳои кишоварзӣ, рушди саноат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ васеъ истифода мешаванд. Пиряххо манбаи муҳимми табиӣ ва сарчашмаи рушди иқтисодӣ барои кишвар ба шумор меравaнд. Масоҳати умумии пиряххо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ тақрибан 17 ҳаз км$^2$ мебошад, ки зиёда аз 60 фоизи он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд. Миқдори умумии пиряххо дар Тоҷикистон 14509 адад буда, масоҳати онҳо 11 146 км$^2$ мебошад, ки 8 дарсади қаламрави ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Захираи умумии ях дар пиряххои кишвар 845 км$^3$ буда, пиряххои хӯрд ба масоҳати 1км$^2$ ҳамагӣ 20 дарсади тамоми пиряххои кишварро ташкил медиҳанд [221].

Дар ҳудуди Тоҷикистон тақрибан 947 дарёҳо ҷорӣ мешавад, ки дарозии умумии онҳо ба 28 500 км баробар мебошад. Омударё ва Сирдарё калонтарин дарёҳои Тоҷикистонанд. Маҷрои миёна солонаи дарёҳо дар кишвар 64 км$^2$, аз ҷумла, дар ҳавзаи дарёи Ому 62,9 км$^2$ ва дар ҳавзаи дарёи Сир 1,1км$^2$-ро ташкил медиҳанд. Дар маҷмуъ, обҳое, ки аз дарёҳои Тоҷикистон ҷорӣ мешаванд, 54,4 дарсади ҳисоби миёнаи солонаи оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳанд [221]. Обе, ки аз ин дарёҳо ҷорӣ мешаванд, на танҳо барои рушди иқтисоди Тоҷикистон, балки барои аҳолии тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ, рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, маорифу тандурустӣ, таъминоти барқи арзон, оби ошомиданӣ ва ғайра барои тамоми минтақа мусбӣ баҳогузорӣ шудааст.

Дар баробари пиряххо ва дарёҳо, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 1300 кӯлҳо бо масоҳати умумии 705 км$^2$ мавҷуданд, ки аксарияти онҳо ҳамчун обанбор муаррифӣ шуда, масоҳати болоии оби онҳо камтар аз 1км$^2$

мебошад ва 97,5 дарсади шумораи умумии кӯлҳо танҳо 9 дарсади умумии масоҳати онҳоро ташкил медиҳад. Захираи умумии кӯлҳои кишвар зиёда аз 46,3 км$^3$ – ро ташкил дода, тақрибан 20 км$^3$ - ии он обҳои тозаи ошомиданӣ мебошанд. Обанборҳо дар идоракунии ҷараёни оби дарёҳо нақши муҳим доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 обанбори гуногун мавҷуд аст, ки калонтарини онҳо Қайроққум ва Норак ҳастанд. Оби дар обанборҳо ҷамъшуда ба 664 км$^3$, ҳаҷми умумӣ ба 15,344 км$^3$, манфиатнок 7,63 км$^3$ баробар буда, дар маҷмуъ 13 дарсади ҳаҷми миёнаи солонаи ҳавзаи баҳри Аралро таъмин менамояд [221].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми обҳои зеризаминӣ ба 18,7 км$^2$ баробар буда, дар як сол танҳо 2,8 км$^2$–и он истифода мешавад. Ҳамчунин обҳои барқароршаванда дар ҳавзаи дарёи Вахш – 4919 млн м$^2$/сол, Сирдарё – 3579 млн м$^2$ /сол ва Кофарниҳон 2505 млн м$^2$ /сол ба қайд гирифта шудааст.

Захираҳои бузурги обӣ манбаи муҳимми табиӣ ва сарчашмаи рушди иқтисодии кишвар ба шумор мераванд. Тақрибан 75% ҳудуди ҷумҳурӣ дар ҳавзаи дарёҳои Панҷ ва Ому ҷойгир аст.

Дарёи Зарафшон аз Тоҷикистон сарчашма гирифта, ба он се шохоби калон – Фондарё, Киштут, Моғиён ва зиёда аз сад дарёву дарёчаҳои хурд ҳамроҳ мешавад.

Дарёи Сир ҳудуди вилояти Суғди ҷумҳуриро убур мекунад, ки дар ин ҷо ҷараёни дарёро неругоҳҳои барқи-обии Қайроққум ва Фарҳод танзим мекунанд. Шохаҳои он дарёҳои Исфара, Хоҷабоқирғон, Исфана, Оқсу (Оби сафед) - ро ташкил дода, барои обёрӣ истифода мешаванд.

Чӣ тавре ки дар боло ишора намудем, Тоҷикистон дорои чанд кӯли машҳур, ба монанди Марғзор дар водии дарёи Шинг, Кӯли Калон дар водии Артуч, Зоркӯл дар Помир, Искандаркӯл, Сарез, Яшилкӯл ва Қарокӯл мебошад. Дар солҳои аввали таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон ҳукумати Шуравӣ барои пешбурди рушди иқтисод дар замони шуравӣ, бахусус, дар соҳаи

кишоварзӣ, дастгирии идеологӣ, ташкилӣ ва моддӣ шароити мусоид фароҳам овард. Барои сохтани ҷомеаи сотсиалистӣ, Тоҷикистон бояд захираҳои табиии худро дуруст истифода бурда, замин ва захираҳои обиро пайваста васеъ намуда, заминаи техникии истеҳсолотро такмил медод. Дар ин замина, омӯзиши захираҳои табиӣ ва қобилияти истеҳсолии кишвар аҳаммияти бузург пайдо кард. Ҳар як минтақаи ҷуғрофии Тоҷикистон — аз ҷумла, ноҳияҳо, қаторкӯҳҳо, қуллаҳо ва водиҳо — дорои захираҳои табиӣ буда, дар якҷоягӣ бо шароити беназири табии ва иқлим, сарватҳои табиии Тоҷикистонро муаррифӣ мекунанд. Аммо, бинобар шароити душвори ҷуғрофӣ, иқлими сахт ва ҷойгиршавӣ дар кӯҳистони дурдаст, то охири асри XIX ин захираҳо пурра омӯхта нашуданд.

Ҳамин тариқ, истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон аз аввали асри XX оғоз мешавад. Масалан, аввалин неругоҳи барқи обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1914 бо роҳбарии А. Шпилко дар қисми низомии ҳифзи сарҳаддии Русияи подшоҳӣ, ки дар Хоруғ ҷойгир буд, сохта шуд [95, с. 392].

Бо барпо шудани ҳокимияти Шуравӣ, раванди азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ба таври назаррас тавсеа ёфт. Дар соли 1925 «Ҷамъияти илмии Тоҷикистон ва эрониёни бурунмарзӣ» таъсис дода шуд. Ба ин ҷамъият олимон ва профессорон аз Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна ва Донишгоҳи коммунистии халқҳои Шарқ, ба монанди А.А. Знаменский (раис), А.А. Семёнов, Н. Корженевский, М. Андреев ва Я. Бездек дохил мешуданд. Нусратулло Махсум - раиси Кумитаи инқилобии ҶШС Тоҷикистон, ҳамчун раиси фахрии ҷамъият интихоб шуда буд ва академики маъруф В.В. Бартолд ҳамчун узви фахрӣ дохил гардид [201, с. 70].

Аз ҳамин вақт омӯзиши ҳамаҷониба ва ҳадафмандонаи захираҳои табиии Тоҷикистон ва рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ҳамчун қисми иқтисодиёти умумииттифоқӣ оғоз ёфт. Рушди сохтмони сотсиалистӣ дар асоси руҳияи баланд ва ташаббуси олимон, мутахассисон ва тамоми мардуми шуравӣ сурат мегирифт. Баъдан, ба таҳқиқот ва азхудкунии захираҳои

табиии Тоҷикистон, бахусус, захираҳои гидроэнергетикӣ, олимони рус, ба монанди академик А. Ферсман, Д.И. Шербаков, Б. Наследов, И. Александров, Н.А. Караулов, А.И. Эстрин, Е.О. Погребитский, Н. Швембергер ва дигарон ҳамроҳ шуданд.

Соли 1925 «Ҷамъияти илмии Тоҷикистон ва эрониёни бурунмарзӣ» экспедитсияи аввалини илмиро таҳти роҳбарии Н.Л. Корженевский барои омӯзиши сарватҳои табиии минтақаҳои шарқии Тоҷикистон ташкил кард. Соли 1927 Н.Л. Корженевский экспедитсияи навбатиро ба водии Лахш фиристод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар мақолаи худ бо унвони «Мугсу ва пиряххои куҳнаи он» нашр намуд [101, с. 62].

Ҳамзамон, ҳукумати Шуравӣ барои рушди захираҳои об ва замин дар Тоҷикистон ташаббусҳои фаъолро оғоз намуд. 14 декабри соли 1924, Президиуми Кумитаи инқилобии ҶШС Тоҷикистон Кумитаи асосӣ оид ба истеҳсоли пахта бо номи «Тоҷикхлопком» таъсис дод. Илова бар ин, дар Шурои меҳнат ва дифои ИҶШС як шуъбаи махсус ташкил шуд, ки вазифаи дастгирии «Тоҷикхлопком»-ро ба уҳда дошт ва назорати татбиқи лоиҳаҳои обёриро дар Осиёи Миёна ва ҷалби мутахассисони беҳтарин дар соҳаи обёриро таъмин менамуд [1, Л.306].

Бо як қарори махсус дар моҳи июни соли 1926, Кумитаи марказии ҶМШС Тоҷикистон Идораи асосии оби ҶШС Тоҷикистонро таъсис дод, ки вазифаи идораи ҳамаи масъалаҳои марбут ба обёриро дар саросари ҷумҳурӣ ба уҳда дошт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар солҳои аввали барпошавии ҳокимияти Шуравӣ якчанд неругоҳи барқии дизелӣ дар Хуҷанд, Ӯротеппа (ҳозира Истаравшан), Конибодом, Исфара, кони ангишти Шӯроб, Ким ва Сулуқта ба истифода дода шуданд [105, с. 70].

Дар ҷумҳурӣ сохтмони корхонаву завод, иншооти нави коммуналӣ сохта ба истифода дода мешуданд, ки талабот ба неруи барқро талаб мекард. То охири соли 1928 талаботи солона ба неруи барқ барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти иншооти иҷтимоӣ ва аҳолии умумӣ дар Тоҷикистон 1 кВт/соат

буд, дар ҳоле ки иқтидори умумии неругоҳҳои барқии ҷумҳурӣ ба 690 ҳазор кВт/соат расид. Дар муқоиса, то инқилоб дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ҳамагӣ 20-30 ҳазор кВт/соат неруи барқ истеҳсол мешуд [166, с. 3].

Аз оғози соли 1928 барои омӯзиши захираҳои табии ҳудуди Тоҷикистон олимони соҳаҳои гуногун, ба монанди ҷуғрофидонҳо, заминшиносон, кӯҳнавардон, харитасозон, сайёҳон ва дигарон сафарбар шуданд. Солҳои 1928, 1932 ва 1933 Ҷамъияти ҷуғрофидонҳои Русия якчанд экспедитсияро ба Тоҷикистон, аз ҷумла, экспедитсияҳои тоҷикӣ ва тоҷикӣ-помириро ташкил кард. Дар ин экспедитсияҳо шумораи зиёди олимони шуравӣ аз соҳаҳои гуногуни илм иштирок намуда, ба доираи васеи тадқиқоти илмӣ дар минтақа саҳм гузоштанд. Ҳамчунин, дар соли 1928 экспедидсияи илмии шуравӣ–олмонӣ бо роҳбарии пажӯҳишгарӣ олмонӣ Вилям Рикмер - Рикмерс барои омӯзиши захираҳои табиии Помир ташкил карда шуд.

Натиҷаҳои татбиқи нақшаи аввали панҷсола дар Тоҷикистон дар Анҷумани якуми муассисони ҲК (б) ҷамъбаст шуданд. Конференсия ба хулоса омад, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба таҳким ва густариши неруи энергетикии он вобаста аст. Дар пайи ин қарор, сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар дарёҳо ва рӯдҳои ҷумҳурӣ оғоз ёфт ва ташаббус оид ба тавсеаи тадқиқоти геологӣ барои кашфи конҳои нави сӯзишворӣ роҳандозӣ гардид. Таҷрибаи рушди мукаммали иқтисодиёти ИҶШС саҳми назарраси олимон, табақаи коргар ва халқҳои гуногуни ИҶШС, аз ҷумла, мардуми Осиёи Миёнаро таъкид мекунад.

Ҳамин тавр, дар даҳсолаи аввали рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, як марҳилаи нав оғоз ва анҷом ёфт, ки ба омӯзиш ва арзёбии захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикии ҷумҳурӣ равона шуда буд. Бори аввал дар таърихи Тоҷикистон муайян карда шуд, ки ҷумҳурӣ дорои захираҳои бузурги сӯзишворӣ-энергетикӣ мебошад, ки 64,6% ҳамаи захираҳои энергетикии Осиёи Миёнаро ташкил медиҳанд ва дар рушди босуръати ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ва минтақа нақши муҳим доранд.

Давраи аввали омӯзиш ва азхуд кардани захираҳои сӯзишворию энергетикии ҷумҳурӣ бо бартараф намудани душвориҳои азиме, ки бо нарасидан ва дар сатҳи паст қарор доштани пойгоҳи техникӣ-иқтисодии ин соҳа алоқаманд буданд, гузашт.

Ҳамин тариқ, корҳо дар самти омӯзиши захираҳои истеҳсолии Тоҷикистон муддати 8-сол (1925-1933) идома ёфта, натиҷаҳои чашмрасро ба бор овард.

Махсусан, саҳми экспедитсияи Н. Криленко ва Н.П. Горбунов, ки дар иқлими душвори Помир корҳои таҳқиқот анҷом доданд, ба муттаҳид гардидани тамоми қувваҳои омӯзиши сарватҳои табиии Тоҷикистон мусоидат кард. Маълум гардид, ки Тоҷикистон кишвари пуштаҳо, қуллаҳо, пиряхҳо, дарёҳо, кӯлҳо ва манбаъҳои фаровони оби гарми ширин ва шифобахш мебошад.

Дар тули ҳашт соли экспедитсияҳо таҳти роҳбарии Н. Корженевский, Н.В. Криленко ва Н.П. Горбунов корҳои муҳимми таҳқиқотӣ анҷом дода шуданд. Ин экспедитсияҳо ақидаҳои навро рушд доданд, мутахассисонро омода намуданд ва вазифаҳои навро муайян ва пешниҳод карданд. Онҳо ҳамчунин, хусусиятҳои ҷуғрофии минтақа ва тақсимоти қувваҳои истеҳсолиро ба таври дақиқ харитакашӣ карда, барои истифодаи оқилонаи онҳо нақшаҳо таҳия намуданд.

Дар ин давра, миқдори зиёди маълумот дар бораи захираҳои энергетикӣ ва сӯзишворӣ, инчунин, конҳои маъдан дар минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ҷамъоварӣ карда шуд. Муҳаққиқон, инчунин, маводди нашршудаи муҳаққиқони пешазинқилобиро низ васеъ истифода намуданд.

Ҳукумати Шуравӣ дар асоси ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба тараққиёти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон ва ноҳияҳои ҷуғрофии онҳо аҳаммияти махсус медод. Муваффақиятҳои бузурги ин соҳаро, ки алакай 50 дарсади аҳолиро дар шакли истеҳсолоти колхозӣ фаро гирифта буд, махсус қайд кардан лозим аст [146, с. 9].

Бар асоси натиҷаҳои нақшаи аввали панҷсола, зарурати муайян кардани самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ва минтақаҳои калидии он ба миён омад. Таъкид ба ёдоварист, ки ба анҷом расонидани сохтмони Канали магистралии Вахш ба оғози корамгардонии заминҳое равона шуд, ки барои таъсиси пойгоҳи истеҳсоли пахтаи хоми мисрӣ пешбинӣ шуда буданд.

Ба анҷом расонидани ин нақшаҳо, конфронси илмӣ «Дар бораи омӯзиши қувваҳои истеҳсолии ҶШС Тоҷикистон», ки бо ташаббуси Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 10-ум то 16-уми апрели соли 1933 дар Ленинград баргузор гардид, мусоидат намуд. Ин конфронс аввалин воҳӯрии илмӣ буд, ки ба омӯзиши қувваҳои истеҳсолии Тоҷикистон бахшида шуда буд.

Дар кори конфронс олимони намоёни РСФСР, аъзои экспедитсияҳои илмӣ, дастаҳои таҳқиқоти илмӣ - Н В. Криленко, Н.П. Горбунов, А.Е. Ферсман, Д.И. Шербаков, Е. Погребитский, Н. Караулов, А.И. Эстрин, В.Р. Вайнберг, Н. Швембергер, роҳбарони сохторҳои истеҳсолии Тоҷикистон Ф. Казаков, Исо Хоҷаев ва дигарон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Конфронс бо маърузаҳо ва суханрониҳои роҳбарони дастаҳои алоҳида, ки минтақаҳои муҳимтарини истеҳсолӣ ва ашёи хоми кишвар, аз ҷумла «камарбанди тилоӣ» - и Помир ва Дарвозро намояндагӣ мекарданд, оғоз ёфт. Н.В. Криленко ва Н.П. Горбунов, ки роҳбарии ин дастаҳоро ба уҳда доштанд, маълумот ва таҷрибаи кори худро ба иштирокдорон пешниҳод карданд [146, с. 313].

Дар байни ин маърузаҳо баромадҳои академик А.Е. Ферсман, Д.И. Шербаков, Н. Караулов, ваколатдори комиссари халқии саноати вазнини ҶШС Тоҷикистон Исо Хоҷаев, ҷонишини раиси Комиссияи давлатии банақшагирии ҶШС Тоҷикистон Ғ.А. Казаков пурмуҳтаво ва диққатҷалбкунанда буданд.

Академик А.Э. Ферсман дар суханронии худ таъкид кард, ки барои рушди муваффақи иқтисоди омехта, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, дар

Тоҷикистон ташаккул ёфтааст, се захираи асосӣ зарур аст: иқтидори ашёи хом, энергетикӣ ва инсонӣ. Ӯ диққат дод, ки ба ҷуз аз намудҳои зиёди ашёи хом, ки дар Тоҷикистон мавҷуданд, об аҳаммияти махсус дорад: «Мо аксар вақт обро танҳо аз ҷиҳати истифодаи он барои обёрӣ ё дар гидроэнергетика баррасӣ мекунем, фаромӯш мекунем, ки он низ як моддаи кимиёвӣ буда, ҳамон унсурҳои маъданиро дорад, ки дар дигар захираҳо мавҷуданд. Об дар равандҳои гуногуни технологӣ нақши калидӣ мебозад ва сифати он барои реаксияҳои кимиёвӣ аҳамияти муҳим дорад» [176, с. 31].

Дар масълаи энергетика бошад пешниҳод шуд, ки мушкилоти обёрӣ, иқтисодиёт, саноат якҷоя ва ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар мавриди унсури сеюм - инсон ҳамчун омили ҷисмонӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, он на танҳо қувваи истеҳсолӣ, балки унсури калидие мебошад, ки вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофиро муайян мекунад. Маҳз ба туфайли инсон ҳамгироии омилҳои гуногун дар сохтори умумии саноат сурат мегирад, ки қувваҳои истеҳсолиро ташаккул медиҳанд. Дар ин замина, ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон хеле судманд ба назар мерасад: минтақаҳои истеҳсолӣ нисбатан наздик ба ҳамдигар ҷойгиранд, ки имкониятҳои рушди минбаъдаи шабакаи роҳҳо, нақлиёт ва иртибототро фароҳам меорад.

Оид ба захираҳои энергетикии Тоҷикистон ва пешомадҳои тараққиёти он Д.И. Шербаков, Н. Караулов ва ваколатдори Комиссариати халқии саноати вазнини ҶШС Тоҷикистон Исо Хоҷаев муфассал баромад ва пешниҳодҳо намуданд.

Ҳамин тавр, дар асоси қарор ва маводди ҷамъовардаи конфронси Ленинград (ҳозира Санкт - Петербург) роҳ ба сӯи сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар дарёҳои Тоҷикистон кушода шуд. Соли 1931 сохтмони НБО-и Варзоб-1 бо иқтидори 7500 кВт/соат ба нақша гирифта шуд ва алакай дар декабри соли 1936 аввалин чархаи он ба истифода дода шуд. Соли 1940 НБО – и Хоруғ бо иқтидори 936 кВт/соат ба кор шуруъ намуд. Дар баробари сохтмон ва ба истифода додани неругоҳҳои барқи обӣ дар маҳалҳо

стансияҳои дизелӣ низ қувваи барқ истеҳсол менамуданд. Соли 1937 шумораи чунин стансияҳо ба 38 адад расида, онҳо 3920 кВт/соат қувваи барқ истеҳсол менамуданд. Аз рӯйи маълумотҳо, то охири соли 1937 иқтидори умумии неругоҳҳои барқӣ ба 17 000 кВт/соат баробар шуд, ки он назар ба ду панҷсолаи аввал 25 маротиб зиёд буд [201, с. 95].

20 майи соли 1943 дар шароити вазнини иқтисодӣ, сохтмони НБО-и Варзоб-2 бо иқтидори 13,1 кВт/соат оғоз гардид [9, Л.2]. Ин лоиҳа қадами муҳим дар раванди рушди инфрасохтори энергетикии ҶШС Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Аммо, бо вуҷуди афзоиши иқтидорҳои энергетикӣ, бо рушди хоҷагии халқ ва ворид намудани иншооти нави саноатӣ, камбуди шадиди неруи барқ эҳсос мешуд. Норасоии барқ ҳам ба истеҳсоли саноатӣ ва ҳам ба эҳтиёҷоти рӯзмарраи аҳолӣ, махсусан, дар шаҳрҳо, ба мисли Сталинобод (ҳозира Душанбе), таъсири манфӣ мерасонд.

Бо мақсади қонеъ намудани талаботи рӯзафзун ба захираҳои энергетикӣ, Шурои Вазирони Иттиҳоди Шуравӣ 16-уми июли соли 1949 Қарори №1301-ро қабул кард, ки дар он зарурати фаврии анҷом додани сохтмони НБО «Варзоб-2» таъкид шудааст. Ин қарор пешбинӣ мекард, ки таъмини устувори нерӯи барқ барои бахши саноат ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти рӯзмарраи аҳолии ҷумҳурӣ таъмин карда шавад [4, Л.1]. Ба Вазорати нерӯгоҳҳои барқи ҶШС Тоҷикистон супориш дода шуд, ки дар муддати кӯтоҳ сохтмони ин объектро ба анҷом расонад.

Дар асоси қарори мазкур, дар солҳои 1949 - 1950, НБО - «Варзоб-2» бо муваффақият ба кор шуруъ кард, ки имкони татбиқи лоиҳаҳои бузургтарро фароҳам овард. Аз ҷумла, мутахассисони соҳаи энергетика «Лоиҳаи истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои хурди кӯҳӣ барои электрикунонии хоҷагиҳои қишлоқии ҶШС Тоҷикистон» - ро таҳия намуданд. Ин лоиҳа ба мақсади таъсиси манбаъҳои маҳаллии барқ дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳӣ равона шуда буд, ки на танҳо шароити зиндагии аҳолии деҳотро беҳтар кард, балки ба рушди кишоварзии минтақа низ мусоидат намуд. Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи мазкур таъмин тамоми

ҷумҳурӣ бо қувваи барқ буд [105, с. 78]. Лоиҳаи мазкур тамоми имкониятҳои захираҳои гидроэнергитикиро дар бар мегирифт. Дар он қариб ҳама рӯду наҳрҳо ва дарёчаҳое, ки барои сохтани неругоҳҳои хурд созгор буданд, ба қайд гирифта шуданд. Ҳамчунин, роҳҳои истифодабарӣ, таркиб ва миқдори таҷҳизоти зарурӣ, маблағгузорӣ ва иқтидори неругоҳҳо низ дар ин лоиҳа муайян шуда буданд. Бояд қайд намуд, ки дар асоси лоиҳаи мазкур, то соли 1958 53 неругоҳи хурди барқи обӣ ба истифода дода шуда буд.

Дар солҳои минбаъда, яъне оғоз аз нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX роҳбарони вақти Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ва ҳукумати Шуравиро сохтмони неругоҳҳои бузурги барқи обӣ ба худ ҷалб намуд ва ба барномаи сохтмони неругоҳҳои хурди барқӣ таваҷҷуҳ камтар гардид. Ҳамин тариқ, то солҳои 90-уми асри XX дар ҷумҳурӣ танҳо 5 неругоҳи хурд кор мекарду халос [88, с. 176].

Соли 1952 НБО-и Варзоб-3 ба кор бо иқтидори пурра оғоз намуд, ки ин ба анҷоми марҳалаи истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёи Варзоб ишора мекард. Иқтидори ҷамъии ҳамаи неругоҳҳои барқи обӣ, ки дар ҷараёни ин дарё сохта шуданд, ба 26,5 ҳазор кВт/соат расид, ки ин имконият дод ҳамасола 140-150 миллион кВт/соат неруи барқ истеҳсол шавад. Ин иқтидор дар таъмини неруи барқ ба бахшҳои саноатӣ ва маишии ҶШС Тоҷикистон нақши муҳим бозида, ба рушди устувори инфрасохтори энергетикӣ дар минтақа мусоидат карданд.

Дар заминаи идомаи сиёсати энергетикӣ, 11-уми июни соли 1951 Шурои Вазирони Иттиҳоди Шуравӣ қарори махсус барои сохтмони НБО Қайроққум дар рӯди Сирро қабул намуд. Ин қарор нақшаҳоро барои сохтмони иншооти гидротехникӣ бо иқтидори 126 кВт/соат пешбинӣ намуд, ки ин лоиҳа бо ташаббус ва дастгирии ҳукуматҳои ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Ӯзбекистон амалӣ гардид. Лоиҳаи мазкур марҳалаи муҳимме дар рушди бахши энергетикии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафт, зеро ба таҳкими ҳамкориҳои байниҷумҳуриявӣ дар соҳаи захираҳои обӣ ва энергетикӣ мусоидат менамуд.

Сохтмони НБО-и Қайроқум қадами стратегии муҳим дар таъмини устувори таъминоти неруи барқ ва инчунин, дар идоракунии захираҳои обии дарёи Сир буд, ки барои бахшҳои аграрӣ ва саноатии Тоҷикистону Ӯзбекистон аҳаммияти бузург дошт. Лоиҳа на танҳо афзоиши истеҳсоли неруи барқ, балки истифодаи самараноки обро барои обёрии заминҳои кишоварзӣ пешбинӣ мекард, ки шарти зарурӣ барои рушди минбаъдаи иқтисодии минтақа ба шумор мерафт. Маблағгузории иншооти мазкур пурра аз буҷаи иттифоқ пардохт карда шудааст. Ҳамзамон, ин неругоҳро «Дӯстии халқҳо» низ ном мебаранд, чунки дар сохтмони он қариб тамоми миллатҳои собиқ иттифоқ, аз ҷумла, ӯзбекҳо, қирғизҳо, русҳо, белорусҳо, украинҳо, молдавиҳо, хулас 37 миллату халқият иштирок намудаанд [182, с. 24].

Аз рӯйи маълумоти муҳаққиқи масоили энергетикӣ, Маликов М.Ҳ. чархаи якум ва дуюми НБО-и Қайроқум соли 1956 ва чархаи сеюм, чорум, панҷум ва шашум соли 1957 пурра ба истифода дода шуданд [105, с. 95].

Бояд қайд намуд, ки дар баробари бо қувваи барқ таъмини хоҷагии халқи шимоли ҷумҳурӣ, аз обанбори НБО-и Қайроқум 350 ҳазор га заминҳои ташналаби вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) ва заминҳои бекорхобидаи Ӯзбекистон барои обёрӣ таъмин карда шуданд. Соли 1960 НБО-и Қайроқум бо супориши Ҳукумати умумииттифоқӣ ба низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна пайваст карда шуд. Пас маълум мегардад, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар самти аз худ намудан, сохтмон, ба истифода додани иншооти гидроэнергетикӣ ва интиқоли неруи барқ ҳамоно аз замони шуравӣ оғоз гардидаанд.

Дар моҳи январи соли 1959, соҳаи энергетика ба кор даромадани ду чархаи аввали НБО-и Шаршараро эълон кард. То охири моҳи марти ҳамон сол, аввалин неругоҳи барқи обӣ дар дарёи Вахш бо иқтидори тарҳрезишудаи 29,9 ҳазор кВт/соат пурра ба кор даромад. Ин рӯйдод ба истифодаи захираҳои гидроэнергетикии яке аз бузургтарин дарёҳои ҷумҳурӣ - Вахш замина гузошт.

Дар нимаи дуюми солҳои 1950-ум, бахусус 20-уми марти соли 1956, сохтмони НБО-и Асосӣ дар дарёи Вахш бо иқтидори 210 ҳазор кВт/соат оғоз гардид. Ин неругоҳ соли 1962 ба истифода дода шуд. Соли 1959 сохтмони НБО-и Марказӣ оғоз ёфта, соли 1964 ба истифода дода шуд ва онҳо аввалин иншооти бузурги гидроэнергетикии лоиҳакашӣ буданд, ки барои аз худ намудани иқтидори энергетикии дарёи Вахш ибтидо гузоштанд.

Бо мақсади танзими идоракунӣ ва тақсимоти неруи барқ дар ҷумҳурӣ, Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон соли 1957 Шурои хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон ва ташкилоти «Тоҷикэнерго»-ро таъсис дод, ки роҳбарии бевоситаи соҳаи энергетика, инчунин, ҳамаи неругоҳҳои барқӣ ва шабакаҳои барқии дар дар таҳти идораи ҷумҳурӣ қарордоштаро ба зимма дошт. Ҳамин тариқ, соли 1958 «Тоҷикэнерго» ба мақомоти марказии идоракунӣ дар соҳаи энергетикаи ҶШС Тоҷикистон табдил ёфта, ҳуқуқи инҳисори идоракунии ин соҳаро соҳиб гардид [166, с.11-12].

Дар давраи солҳои 1920-1950 заминаи энергетикии ҶШС Тоҷикистон фаъолона ташаккул меёфт. Тибқи гуфтаи баъзе аз муҳаққиқон, то соли 1959 шумораи ҳама намуди неругоҳҳои барқӣ дар ҷумҳурӣ ба 1073 расида, дар маҷмуъ 1,151 миллиард кВт/соат неруи барқ истеҳсол мекарданд. Аз ин миқдор, неругоҳҳои бузурги барқи обӣ 83% аз маҷмуи истеҳсоли неруи барқро ташкил медоданд. Дар ҳамин давра, 873,1 миллион кВт/соат ё 82% неруи барқи истеҳсолшуда барои таъмини эҳтиёҷоти иқтисодиёти ҷумҳурӣ истифода мешуд, дар ҳоле ки боқимондаи 12% ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна содирот карда мешуд.

Илова бар ин, дар нимаи дуюми солҳои 1950-ум бахши аввали Маркази барқу гармидиҳии Душанбе ба истифода даромад, ки ин рушди муҳим як қадами назаррас дар таҳкими инфрасохтори энергетикии ҷумҳурӣ ва тавсеаи иқтидори он барои қонеъ кардани талаботи афзояндаи бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба шумор мерафт.

Ҳукумати Шуравӣ дар рафти иҷрои нақшаи ҳафтсола барои ҳарчи бештар зиёд намудани сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ

аҳаммияти махсус медод. Аз ҷумла, Шурои Вазирони ИҶШС дар бораи дар Тоҷикистон сохтани НБО-и Норак, ки дар Осиёи Миёна калонтарин ба ҳисоб мерафт, қарор қабул кард. Зарурати сохтмони неругоҳи мазкур асосан бо супориши ҳукумати марказӣ, аз бо мақсади истифодаи оқилонаи ашёи хоми арзон ва захираҳои меҳнатӣ, ки дар Тоҷикистон ва дар маҷмуъ дар Осиёи Миёна зиёд буданд, алоқамандӣ дошт. Агар ба моҳияти масъала дақиқ назар кунем, захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳурӣ дар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон пурра азхуд карда нашуда буданд. Танҳо масъалаи ба вуҷуд овардани пойгоҳи Иттифоқ барои истеҳсоли пахта, махсусан навъҳои пурқиммати маҳинах ҳал шуда буд, вале ҳамоно эҳтиёҷоти саноати сабук ва вазнин бо қувваи барқ боқӣ монда буд.

Сохтмони НБО-и Норак ва дар ин замина истеҳсоли неруи барқи арзон на танҳо ба азхудкунӣ ва обёрии заминҳои васеъ барои эҳтиёҷоти саноати кишоварзӣ мусоидат кард, балки катализатори рушди соҳаҳои нав, ба монанди саноати коркарди алюминий, истеҳсоли нуриҳои нитрогенӣ, саноати кимиёи барқӣ, истеҳсоли трансформаторҳо ва сохтмони дигар иншооти саноатӣ дар ҷануби Тоҷикистон гардид, ки дар он ҷо захираҳои фаровони ашёи хом мавҷуд буданд.

Ҳамин тариқ, сохтмони НБО-и Норак идомаи барномаи бузурги рушди гидроэнергетика дар Осиёи Миёна шуд, ки дар Тоҷикистон соли 1936 оғоз гардида буд. Аз ҷониби котиби якуми КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов барои дастгирии фаъоли ин лоиҳа ташаббусҳои назаррас пеш гирифта шуд. Масъалаи сохтмони неругоҳ мунтазам дар ҷаласаҳои бюро, котибот ва пленумҳои КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон муҳокима мешуд. Махсусан, дар VII пленуми КМ Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ки 26 апрели соли 1963 баргузор гардид [177, с. 64], аҳаммияти бузург дошт, зеро қарорҳои калидӣ дар робита ба татбиқи ин лоиҳа қабул шуданд.

Бо ба истифода додани тамоми чархаҳои неругоҳ дар соли 1976 иқтидори лоиҳавии НБО-и Норак ба 2700 МВт расид, ки онро ба объекти

муҳимми таъминоти энергетикӣ, на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақа табдил дод.

Баъд аз ба истифода додани НБО-и Норак, эҳтиёҷоти корхонаҳои саноатӣ ба неруи барқ пурра таъми ва интиқоли барқи зиёдатӣ аз Тоҷикистон ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна оғоз шуд. Соли 1977 хатти интиқоли барқи Норак-Регар-Гузар бо иқтидори 500 кВт/соат ба кор андохта шуд, ки низоми энергетикии Душанбе - Вахшро бо Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна пайваст кард.

Ин ҳамгирой на танҳо таъминоти боэътимоди барқро ба минтақа, аз ҷумла Ӯзбекистон таъмин намуд, балки танзими самараноки захираҳои обро низ имконпазир сохт. Дар моҳи июни соли 1982, хатти дуюми интиқоли барқи Регар-Гузар бо ҳамон иқтидори 500 кВт/соат ба истифода дода шуд, ки ин ба таъмини иловагии барқ ба чандин ноҳияҳои Ӯзбекистон мусоидат намуда, ба тақсими самараноки неруи барқ дар минтақа кумак кард. Дар охири панҷсолаи даҳум бошад, низоми энергетикии Шимол ва низоми энергетикии Душанбе - Вахши Тоҷикистон ба Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна пайваст шуданд [109, с. 48].

Соли 1972 дар дарёи Вахш сохтмони навбати панҷуми неругоҳи барқи обии Бойғозӣ оғоз ёфт. Иқтидори он назар ба НБО-и Норак хеле кам - 600 хазор кВт/соат буд. Дар баробари истеҳсоли қувваи барқ НБО-и Бойғозӣ, инчунин, масъалаи таъмини 40 ҳазор га заминҳои ноҳияҳои Ёвону Обикиикро тавассути нақби Вахшу Ёвон бо об таъмин мекард. Соли 1986, НБО – и Бойғозӣ, бо ҳамаи чор чархаи худ ва иқтидори умумии 600 ҳазор кВт/соат, беш аз 2,5 миллиард кВт/соат неруи барқ истеҳсол намуд. Ин дастовардҳои назаррас дар соҳаи энергетика боиси он гардиданд, ки истеҳсоли неруи барқ дар Тоҷикистон аз 1,288,4 миллион кВт/соат дар соли 1960 ба 15710,1 миллион кВт/соат то соли 1985 расад, ки ин беш аз понздаҳ маротиба афзоиши истеҳсолотро нишон медиҳад [105, с. 121].

Аз қувваи барқе, ки дар Тоҷкистон истеҳсол карда мешуд тавассути низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ истифода

мебурданд. Дар ин муддат ҳаҷми интиқоли неруи барқ аз Тоҷикистон ба ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна аз 538,7 млн кВт/соат то 5922,1 млн кВт/соат расонида шуд [119, с. 29].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҷумҳурӣ ҳамоно барномаи сотсиалистии рушди соҳаи гидроэнергетика идома дошт. Дар асоси барномаи тараққиёти рушд соли 1976 дар дарёи Вахш сохтмони НБО - и Роғун бо иқтидори лоиҳавии 3600 МВт бо 6 чарха ва тавлиди 13,1 млрд кВт/соат неруи барқ оғоз ёфт.

Дар сохтмони мазкур то 1-уми январи соли 1992 беш аз 802 миллион доллар сарф шуда, корҳои сохтмону насб ба маблағи бештар аз 40 дарсад ҳаҷми умумӣ анҷом дода шуд. Барои пурра анҷом додани сохтмон ба маблағи тақрибан 4 миллиард доллар сармоягузорӣ лозим буд [167, с. 33]. Аз сабаби нарасидани маблағ кори сохтмон катъ гардид. Дар ин барнома ҳамчунин, тарҳи сохтмони НБО - и Сангтӯда низ пешбинӣ шуда буд.

Ҳамин тариқ, дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон корҳои азими сохтмонӣ барои аз худ намудани иқтидорҳои энергетикӣ ба анҷом расиданд. Вале, чӣ тавре ки дар боло ишора шуд, бузургтарин сохтмони иншооти барқӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ НБО - и Роғун ва Сангтуда нотамом боқӣ монданд.

Таҳлили талабот ба неруи барқ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва рушди ояндаи он нишон медиҳад, ки то солҳои 90-уми асри XX, яъне то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар шароити низоми маъмурию фармонфармоии нақшавӣ бо тамоми камбудиҳояш тавозуни байни тавлидот ва сарфаи неруи барқ [85, с. 179] тақрибан якхела нигоҳ дошта мешуд. Дар баробари ин, ҳам соҳаи электроэнергетика ва ҳам саноат ҳамеша дар ҳолати рушд ва пешравӣ қарор доштанд. (ниг. Ҷадвали 1)

**Ҷадвали 1**

## Истеҳсол ва истеъмоли қувваи барқ ва гармӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон




Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки раванди истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ дар Тоҷикистон аз соли 1990 то 2020 чӣ гуна тағйир ёфтааст. Дар солҳои 1990-ум, бинобар мушкилоти иқтисодӣ, коҳиши истеҳсоли неруи барқ мушоҳида шуда, аммо аз солҳои 2000-ум сар карда, вазъият тадриҷан ба эътидол омад. То солҳои 2019-2020 истеҳсоли неруи барқ афзоиш ёфт, ки ба барқароршавӣ ва муосирсозии соҳаи энергетика далолат мекунад.

Истифодаи неруи барқ низ тағйироти гуногунро нишон медиҳад: аввал коҳиш, сипас эътидол ва афзоиш дар солҳои охир. Саноат ба истеъмолкунандаи асосии нерӯи барқ табдил ёфтааст, ки ин рушди соҳаи мазкурро дар ин давра нишон медиҳад. Ҳамчунин, тағйирот дар истифодабарии неруи барқ дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо низ мушоҳида мешавад, ки ин ба мутобиқшавӣ ба шароити нави иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Мувофиқи «Консепсияи рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон барои солҳои 1991-2005», нақшаҳо барои афзоиши иқтидор ва истеҳсоли неруи барқ барои солҳои 2005-2010 тарҳрезӣ шуда буданд (ниг. Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

**Консепсияи рушди гидроэнергетикаи ҶШС Тоҷикистон барои солҳои 1991-2005 [77]**




Илова бар ин, чораҳои омодагӣ барои сохтмони НБО - и Шӯроб дар дарёи Вахш бо иқтидори 1000 МВт ва корҳои лоиҳавӣ барои НБО - и Кофарниҳон дар дарёи Кофарниҳон бо иқтидори 120 МВт оғоз шудаанд. Сохтмони НБО – и Даштиҷум дар дарёи Панҷ. Инчунин, дар дарёҳои Обихингу, Сурхоб, Зарафшон ва дигар ҷараёнҳои обии минтақа, сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ба нақша гирифта шуда буданд.

Баъди аз байн рафтани низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна, мубодилаи тобистонаи барқи зиёдатии НБО-и Норак дар як давраи муайян талабот пайдо накарда, оби зиёдатии он аз обанбор партофта мешуд.

Дар натиҷа, ҳарчанд Тоҷикистон солона то 18 миллиард кВт/соат неруи барқ истеҳсол мекард, дар фасли зимистон кишвар бо норасоии неруи барқ дучор мешуд, ки ин камбудӣ ба 4-4,5 миллиард кВт/соат мерасид. Воридоти солонаи неруи барқ аз Ӯзбекистон тақрибан 600 миллион кВт/соатро дар бар мегирифт, ки барои пурра ҳал кардани мушкилоти мавҷуда кофӣ набуд. Норасоии неруи барқ, бахусус, дар мавсими зимистон хеле ҷиддӣ буд ва таъмини доимӣ танҳо барои истеъмолкунандагони ҳаётан муҳим роҳандозӣ гардида буд.

Яке аз вазифаҳои асосии Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлол ва баъдан қонеъ гардондани талаботи тамоми соҳаҳои халқи ҷумҳурӣ ба қувваи барқ маҳсуб меёфт. Инчунин, ташаккули низоми ягонаи энергетикии кишвар, дар доираи сохтмони иншоот нави гидроэнергетикӣ, тармиму таҷдид ва бо технологияи муосиру ҳозиразамон таҷҳизонидани неругоҳҳои кӯҳнашуда ва хатҳои интиқоли барқ низ самти стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Ҳамин тариқ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дар доираи созишномахои тарафайн ба сохтмони иншооти нави гидроэнергетикӣ ва нотамом, махсусан дар дарёи Вахш, оғоз намуд. Дар ин замина дар доираи созишнома бо Ҳукумати  Федератсияи Русия аз 16-уми октябри соли 2004 корҳои бунёдӣ аз  15-уми апрели соли 2005 дар сохтмони НБО Сангтӯда-1 оғоз гардида, соли 2009 бо иқтидори пурраи 670 МВт ба истифода дода шуд.

Дар заминаи як созишномаи дигар бо Ҷумҳурии Исломии Эрон (18 январи соли 2005) 20 феврали соли 2006 сохтмони НБО - и Сангтӯда - 2 бо иқтидори 220 МВт оғоз ва соли 2014 пурра ба истифода дода шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбаладии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвоми миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри бaромадан аз буҳрони энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ба сохтмони яке аз иншооти калонтарини аср НБО - и Роғун, ки барои минтақаи Осиёи Марказӣ зарур аст, оғоз намуд. Моҳи октябри соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конференсияи дуюм оид ба фуруши нерӯи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ иброз доштанд, ки: «Мо тасмим гирифтаем, ки аз соли 2007 сохтмони ин нерӯгоҳ (НБО - и Роғун, А.З.) - ро бо маблағҳои ҷумҳуриявӣ шурӯъ намоем ва вусъат бахшем» [88, с. 110]. Ҳамин тариқ 16-уми ноябри соли 2018 чархаи якум ва 9-уми

сентябри соли 2019 чархаи дуюми ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ бо ҳаҷми 240 МВт ва ҳаҷми солонаи истеҳсоли барқ дар ҷумҳурӣ ба беш аз 20 млрд кВт/соат расонида шуд (бо пурра ба кор андохтани 6 чархаи НБО - и Роғун истеҳсоли солонаи неруи барқ дар ҷумҳурӣ ба 33–35 млрд кВт/соат хоҳад расид) [185, с. 213].

Соҳаи энергетикии Тоҷикистон дорои дурнамои назарраси рушд мебошад, ки ба фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ вобаста аст. Дар ҳоле ки захираҳои нафту газ дар ҷумҳурӣ хеле маҳдуд ва азхудкунии онҳо мушкил аст, захираҳои ангишт, асосан, дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир буда, истихроҷи онҳо нисбатан душвор ва гарон аст. Аммо, иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон яке аз бузургтаринҳо дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки ин захираҳо 95-96 дарсадро ташкил медиҳад.

Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Манбаъҳои анъанавии энергия, ба мисли нафт ва газ, бинобар маҳдуд будани захираҳо ва афзоиши нархҳо, торафт дастнорас мешаванд. Дар чунин шароит, гидроэнергетика метавонад ҳамчун алтернативаи воқеӣ бо иқтидорҳои назаррас ва дурнамои мусбати иқтисодӣ баромад кунад» [88, с. 4].

Қайд кардан ба маврид аст, ки омӯзиши муназзами захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар асри XX оғоз шуд. Соли 1933, тибқи маълумоти қаблии профессор Громов, иқтидори энергетикии захираҳои обии Тоҷикистон ба 11,5 миллион кВт/соат баҳогузорӣ шуда буд.

Баъдан, ин масъала аз ҷониби филиали Осиёи Марказии Институти «Гидропроект», ба номи С.Я. Жуки дар ҳамкорӣ бо Вазорати энергетикаи ИҶШС ва Раёсати энергетикии Тоҷикистон - «Тоҷикглавэнерго» баррасӣ гардид. Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар Ҷадвали 3 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3**

**Захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ [79, с. 210]**




Маълум гардид, ки Тоҷикистон дорои бузургтарин захираҳои гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки имкониятҳои назаррасеро барои рушди соҳаи гидроэнергетика фароҳам меорад. Қирғизистон низ захираҳои назаррас дорад, аммо нисбат ба Тоҷикистон дар ҳаҷми камтар. Бо вуҷуди захираҳои камтари гидроэнергетикӣ дар Ӯзбекистон имкониятҳои рушди ин соҳа вуҷуд дорад. Туркманистон ва ҷануби Қазоқистон захираҳои нисбатан маҳдуд доранд, ин омил аз зиёд будани нимбиёбон ва ҳамвориҳои зиёд дар ин ду кишвар вобаста аст. Дар маҷмуъ, минтақаи Осиёи Марказӣ дорои иқтидорҳои гуногуни захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад, ки ба рушди энергетикаи ин ҷумҳуриҳо таъсир мерасонанд.

Ҳисобҳои захираҳои гидроэнергетика, ки Раёсати таҳқиқоти илмии энергетикаи Тоҷикистон ба даст овардааст, дар асоси мушоҳидаҳои бевоситаи 530 дарёи ҷумҳурӣ (аз 947 дарё) ва маълумоти бевоситаи хадамоти гидрометеорологӣ таҳия гардидааст. Аз ин рӯ, онҳо бешубҳа нисбатан боэътимоданд.

Арзиши умумии иқтидорҳои эҳтимолии захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон 527,06 миллиард кВт/соат дар як солро ташкил медиҳад [138, с. 87-96]. Ҳангоми ҳисобҳои миёнаи солона, ин ба 60,167 миллион кВт/соат баробар аст. Баҳои техникӣ ба захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон то

ҳол танҳо тахминӣ аст. Мутахассисони соҳаи энергетика эътироф мекунанд, ки захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон пурра омӯхта ва таҳқиқ нашудаанд ва ин нишон медиҳад, ки имкониятҳои гидроэнергетикии кишвар ҳануз ҳам таҳқиқношуда боқӣ мемонанд ва ниёз ба таҳқиқоти боз ҳам васеъ доранд. Бо дарназардошти ин, метавон тахмин кард, захираҳои воқеии гидроэнергетикии Тоҷикистон аз арзёбиҳои мавҷуда ба таври назаррас бештар аст.

Иқтидори умумии неругоҳҳои барқи обӣ, ки дар он давра дар дарёҳои бузурги Тоҷикистон сохта мешуданд ё ба нақша гирифта шуда буданд, 27,149 миллион кВт/соатро ташкил медод. Ин нишондиҳанда ба таври назаррас аз захираҳои пешбинишудаи саноатӣ зиёдтар буд. Ин ҳисобҳо баъдан дар натиҷаи таҳқиқоти муназзами гузаронидаи институти «Средазгидропроект» дар дарёи Панҷ тасдиқ гардиданд, ки иқтидори бузурги гидроэнергетикии минтақа ва имконияти он барои рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва саноатиро собит намуданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки иқтидори умумии неругоҳҳои барқи обӣ, ки дар ин дарё сохта шудаанд, 84,9 миллиард кВт/соат дар солро ташкил медиҳанд, ки 69,1% тамоми захираҳои гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Панҷро дар бар мегирад [86, с. 657].

Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, ба густариши ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ барои истифодаи самараноки захираҳои назарраси обӣ ва энергетикии худ манфиатдор аст. Ин асосан ба норасоии захираҳои сӯзишвории маъданӣ дар Тоҷикистон иртибот дорад, агар дар маҷмуъ тамоми минтақаи Осиёи Марказиро ба назар гирем захираи сӯзишвории маъданӣ барои онҳо кифоя мебошад [37]. Аз рӯи ҷойгиршавии захираҳои сӯзишвории маъданӣ дар ҷуҳуриҳои Осиёи Марказӣ, метавон гуфт, ки агарчи дар онҳо ҳарчанд захираҳои бузург ҷойгир шуда бошад ҳам, нобаробар тақсим шудаанд. Масалан, агар иншооти гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон (тақрибан 70%) ва Қирғизистон (21%) ҷойгир шуда бошанд, тақсимоти дигар захираҳои энергетикӣ дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ

чунин аст: захираҳои ангишт асосан дар Қазоқистон (85%), нафт низ дар Қазоқистон (94%), дар ҳоле ки гази табиӣ дар ҳаҷми бузургтарин дар Туркманистон (зиёда аз 40%), дар Ӯзбекистон — тақрибан 30% ва дар Қазоқистон — 28% мавҷуд аст [98, с. 4].

Дар Осиёи Марказӣ бузургтарин иқтидорҳои энергетикӣ дар Қазоқистон мутамарказ шудааст, ки ба он - қариб 48% иқтидорҳои энергетикӣ рост меояд, мутаносибан дар Ӯзбекистон - 30%, Тоҷикистон - 11,6%, Қирғизистон - қариб 10 % (доир ба Туркманистон маълумот нест) [98, с. 5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои самаранок ва судманд дар соҳаи истифодабарии захирахои обӣ-энергетикӣ, инчунин, содироту воридоти неруи барқи иловагӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ чандин корҳоро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои ҳамсоя тавассути 13 хатти интиқоли барқи ҷараёни гуногун неруи барқ содирот карда мешавад. Масалан, ду ХИБ 500 кВ, шаш ХИБ 220 кВ, чор ХИБ 110 кВ ва як ХИБ 35 кВ бо иқтидори умумии 4570 МВт мавҷуд аст, ки аз он 3500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 500 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва 570 МВт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мегузарад. Аз инҳо ХИБ 220 кВ «Сангтуда - 1 - Пули Хумрӣ (Афғонистон)», ХИБ 110 кВ «Геран-Қундуз (Афғонистон)», ХИБ 220 кВ «Конибодом - Айгултош (Қирғизистон)» ва ХИБ 110 кВ ва 35 кВ ба Ҷумҳурии Қирғизистон истифода мешаванд. Аз моҳи апрели соли 2018 бошад содироти неруи барқ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавассути ХИБ 220 кВ «Регар - Гулча», «Регар - Деҳнав», «Узловая - Сирдаринская ГРЭС -1», «Узловая - Сирдаринская ГРЭС - 2» ва ХИБ 500кВ «Регар - Сурхан» амалӣ мешавад. Ҳаҷми умумии неруи барқе, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2018 содирот карда шудааст 1 млрд 440 млн кВт

соатро ташкил додааст [221]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сохтмони иншооти нави гидроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо барои таъмини минтақа бо оби ошомидани ва обёрии заминҳои ташналаб, рушду пешрафти соҳаҳои гуногуни саноат ва кишоварзӣ, балки дар таъмини онҳо бо неруи барқи сифатан арзон ва безарар мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таъмини Осиёи Марказӣ бо неруи барқ бештар ба таносуби иқтидори захиравӣ, ҳаҷм ва сатҳи солонаи истеҳсоли захираҳои гуногуни энергия вобаста аст. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, давраи тахминии тамомшавии захираҳои энергетикӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин аст: захираҳои ангишт бештар аз 600 сол, нафт - тақрибан 65 сол ва гази табиӣ - тақрибан 75 сол. Ин аз иқтидори назарраси минтақа дар самти суботи дарозмуддати энергетикӣ шаҳодат медиҳад, махсусан, бо дарназардошти гуногунии захираҳои дастрас. Ин аз дараҷаи ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ хеле зиёд аст. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тиҷорати мутақобилан судманди манобеи энергектикӣ бо кишварҳои дигари минтақа манфиатдор аст. Илова бар ин, комплекси гидроэнергетикии Тоҷикистон аз ибтидо сохтори мураккаб ва бисёрсоҳавӣ дошт. Он дар танзими ҷараёнҳои обӣ нақши муҳим мебозад, ки ба обёрии самараноки заминҳо дар кишварҳои поёноби минтақа — Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон мусоидат мекунад. Ҳамзамон, комплекси гидроэнергетикӣ ҳудуди Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои Осиё Марказиро аз хатари эҳтимолии обхезӣ ва зери об мондан муҳофизат намуда, имкон медиҳад, ки дар ҷумҳуриҳои поёноб заминҳои нави обёришаванда ба вуҷуд оварда шаванд.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ аз рӯйи захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад, ки ин онро ба бозигари калидӣ дар таъмини амнияти обӣ ва суботи энергетикии минтақа табдил медиҳад.

Захираи гидроэнергетикии кишвар назар ба Қирғизистон 2 баробар, Ӯзбекистон 4 баробар, Туркманистон ва Қазоқистони Ҷанубӣ 15 баробар

зиёд аст. Захираҳои гидроэнергетикӣ барои Тоҷикистон манбаи муҳимми энергия мебошанд ва барои тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши назаррас мебозанд.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулосаҳои зеринро баровард:

1. Энергетика ҳамчун асоси иқтисодиёт: Энергетика унсури калидии иқтисодиёти бисёре аз кишварҳо мебошад. Дар айни замон, низоми ҷаҳонии энергетика ба таври назаррас аз сӯзишвории маъданӣ вобаста аст. Бо вуҷуди ин, тибқи арзёбиҳои коршиносон, то соли 2030 80% захираҳои нефти ҷаҳонӣ тамом хоҳанд шуд ва вазъият бо захираҳои гази табиӣ низ шабеҳ аст. Ҳарчанд захираҳои ангишт барои 200 соли оянда басанда мебошанд, истихроҷи он бо хатарҳои ҷиддии амниятӣ ва хароҷоти баланд алоқаманд аст. Дар шароити афзоиши шадиди нархи сӯзишвории маъданӣ дар солҳои охир, ин боиси мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ мегардад.

2. Гидроэнергетика ҳамчун манбаи барқароршаванда: Баръакси намудҳои сӯзишвории маъданӣ, гидроэнергетика як манбаи барқароршаванда, тамомнашаванда, аз ҷиҳати иқтисодӣ бехатар ва аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи он дар тавозуни энергетикии ҷаҳон ҳамагӣ 10-20% -ро ташкил медиҳад, ки ин ба маҳдудияти захираҳои обӣ вобаста аст.

3. Афзалиятҳои Тоҷикистон дар гидроэнергетика: Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди обӣ буда, потенсиали бузурги гидроэнергетикӣ дорад, ки аз нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ ба таври назаррас зиёдтар аст. Гидроэнергетика захираи асосӣ ва афзалиятноки энергетикӣ барои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Захираҳои ангишти кишвар, ҳарчанд ки мавҷуданд, нисбат ба захираҳои обӣ 12 маротиба арзишмандтар мебошанд.

4. Истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ ба манфиати минтақа: Тоҷикистон, ҳамчун пешсафи захираҳои гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ, нақша дорад, ки онҳоро на танҳо барои эҳтиёҷоти худ, балки барои таъмини энергияи тамоми минтақа истифода барад.

5. Таҷрибаи Шуравӣ дар рушди гидроэнергетика: Нақшакашӣ, сохтмон ва истифодаи иншооти гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон ҳануз дар давраи

Шуравӣ оғоз шуда буданд ва дар ҳамаи лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ манфиатҳои дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба назар гирифта мешуданд.

6. Афзалиятҳо дар идораи захираҳои обӣ: Ҳам дар давраи Шуравӣ ва ҳам пас аз ба даст овардани истиқлол, Тоҷикистон дар истифодаи захираҳои обӣ ва энергетикии худ ба манфиатҳои ҷумҳуриҳои поёноби минтақа - Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон - афзалият дод.

## 1.2. АҲАММИЯТИ БУНЁДИ КОМПЛЕКСИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДИГАР ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Сохтмони комплексии гидроэнергетикӣ дар рушди хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ нақши калидӣ мебозад. Дар шароити захираҳои маҳдуд ва ноустувории таъминоти манбаъҳои энергетикӣ, чунин маҷмааҳо ҳамчун василаҳои муҳим барои таъмини амнияти энергетикӣ хизмат мекунанд ва ба рушди устувори иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкорӣ миёни кишварҳои минтақа мусоидат менамоянд. Бо доштани захираҳои фаровони об, Тоҷикистон дорои захираҳои назаррас барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ мебошад, ки онро ҳамчун кишвари пешсафи соҳаи гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ қарор медиҳад.

Рушди гидроэнергетика дар Тоҷикистон самти стратегии сиёсати давлатии кишвар мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 60% захираҳои обии Осиёи Марказиро дар ихтиёр дорад ва табиати кӯҳистон ва дарёҳои сершумори он шароити беназир барои сохтмони неругоҳҳои барқи обиро бо иқтидорҳои гуногун фароҳам меорад. Захираи гидроэнергетикии кишвар зиёда аз 527 миллиард кВт/соат неруи барқ дар як сол арзёбӣ мешавад, ки аз он имрӯзҳо ҳамагӣ 4-5% истифода мешавад. Истифодаи пурраи ин иқтидор ба Тоҷикистон имкони таъмини ниёзҳои дохилии худ ба неруи барқ дода, онро инчунин, ба содиркунандаи асосии неруи барқ ба кишварҳои минтақа ва берун аз он табдил медиҳад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини сохтмони неругоҳҳои барқӣ рушди хоҷагии халқ аст. Аввалан, лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ба афзоиши истеҳсолот мусоидат намуда, таъмини устувори неруи барқро ба корхонаҳои саноатӣ, бахши кишоварзӣ ва инфрасохтор таъмин мекунанд. Дар шароити ландшафти кӯҳистони Тоҷикистон гидроэнергетика як манбаи беҳтарини аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи неруи барқ ба шумор меравад. Истифодаи захираҳои маҳаллӣ барои истеҳсоли неруи барқ вобастагӣ аз манбаъҳои энергетикии воридотиро коҳиш дода, истиқлоли иқтисодиро таҳким мебахшад ва ба беҳтар шудани тавозуни пардохтии кишвар мусоидат мекунад.

Дуюм, сохтмон ва истифодаи неругоҳҳои барқи обӣ ба ташаккули ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт мусоидат мекунад. Дар Тоҷикистон сохтмони иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, ба монанди НБО-и Роғун, боиси афзоиши назарраси шуғли аҳолӣ, беҳтар шудани инфрасохтор ва рушди иқтидорҳои истеҳсолии маҳаллӣ мегардад. Эҷоди ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои сохтмон, фаъолият ва нигоҳдории захираҳои табиӣ ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ, баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ ва беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо мусоидат мекунад.

Комплекси гидроэнергетикӣ, ҳамчунин, дар таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозанд. Таъмини устувори неруи барқ ба давлатҳои ҳамсоя метавонад асоси ташаккули бозори ягонаи энергетикиро фароҳам оварад, ки ин ба таври назаррас самаранокии истифодаи манбаъҳои энергетикиро афзоиш, хароҷоти энергетикиро коҳиш ва ба рушди дурнамои иқтисодии минтақа мусоидат мекунад. Ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика метавонад ҳавасмандгардонии бештари рушди дигар бахшҳои иқтисод, таҳкими суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ гардад.

Аммо, сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар минтақа бо баъзе мушкилот низ рӯ ба рӯ мешавад. Ихтилофҳо атрофи тақсими захираҳои обӣ, паёмадҳои

экологӣ ва хароҷоти молиявии зиёд ба як равиши ҳамаҷониба барои татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ниёз доранд. Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкориҳоро барои рушди устувори соҳаи гидроэнергетикии кишвар мустаҳкам менамояд.

Дар ин замина, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон ва ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамкориҳои судманди худро роҳандозӣ намуда истодааст. Аз ҷумла, бо Комиссияи байнидавлатии хоҷагии оби Осиёи Марказӣ (МКВК), «СММ-Об», Шурои умумиҷаҳонии об, Комиссияи байналмилалӣ оид ба сарбандҳои калон, Хартияи энергетикӣ, Шурои энергетикии ИДМ ва ғайраҳо. Масалан, дар доираи Комиссияи байнидавлатии Тоҷикистону Туркманистон тули солҳои 2008 - 2018  ҳашт ҷаласаи ин комиссия баргузор гардида, дар он масъалаҳои рушди тиҷорат ва иқтисодиёт, энергетика ва саноат, нақлёт ва ҳамлунақл, кишоварзӣ, тандурустӣ ва гуманитарӣ, инчунин, масъалаҳои уҳдадориҳои қарзӣ ва даъвоҳои молиявӣ баррасӣ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, сохтмони комплекси гидроэнергетикӣ барои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Он на танҳо ба истиқлолияти энергетикӣ ва рушди устувори иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, балки асосҳои ҳамкории минтақавӣ ва ҳамгироиро низ ташаккул медиҳад. Дар шароити маҳдудияти захираҳои энергетикӣ ва афзоиши талабот ба неруи барқ, рушди соҳаи гидроэнергетика самти афзалиятнок мебошад, ки ояндаи минтақаро муайян мекунад.

Чи тавре ки дар зербоби боло ишора гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ кишварест, ки дорои захираҳои ғании обӣ ва иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ буда, имкон медиҳад, ки дар дарёҳои калону кӯчаки кишвар неругоҳҳои хурду бузург сохта, ба истифода дода шавад. Аз

таҳқиқотҳо бармеоянд, ки беш аз 96 фисади қувваи барқи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ба неругоҳҳои обӣ рост омада, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар мебошанд.

Таҳлили таърихи омодасозӣ, рушд ва сохтмон дар бахши энергетикаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки марҳилаи ибтидоии рушди ин соҳа бо фаъолияти Комиссияи давлатии электрификатсияи Русия (ГОЭЛРО), ки 21 феврали соли 1920 бо қарори Президиуми Шурои олии иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ (ВСНХ) таъсис ёфта буд, зич алоқаманд буд.

Маҳз фаъолияти ин Комиссия асосҳои равиши муназзам барои азхудкунии захираҳои энергетикии кишварро гузошт.

Нақшаи ГОЭЛРО, ки аввалин лоиҳаи бузургмиқёси таъмини барқ ва рушди саноат буд, дар ташкили омӯзиши мукаммал ва ҳадафманди қувваҳои истеҳсолӣ, инчунин, захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ нақши калидӣ бозид. Вазифаи асосии ин нақша таъмини омӯзиши ҳамаҷониба ва истифодаи захираҳои табиӣ, тезонидани саноатикунонӣ ва рушди бахши энергетикӣ дар тамоми ҳудуди Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, буд.

Дар доираи ин нақша, захираҳои истеҳсолот, захираҳои меҳнатӣ ва захираҳои сӯзишворию энергетикӣ арзёбӣ шуд, ки ин барои рушди минбаъда ва истифодаи инфрасохтори энергетикӣ дар Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам овард. Нақшаи ГОЭЛРО на танҳо раванди саноатикунониро суръат бахшид, балки ба ташаккули стратегияи дарозмуддат барои рушди бахши энергетикии ҷумҳурӣ низ мусоидат намуд. Ин стратегия ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва эҷоди заминаи устувори энергетикӣ барои дастгирии рушди иқтисодӣ равона шуда буд. Раванди омӯзиши захираҳои сӯзишворию энергетикии Осиёи Миёна аз соли 1925 оғоз гардида буд [182, с.8]. Барои омӯзиш ва азхудкунии захираҳои энергетикии ҷумҳурӣ саҳми экспедитсияҳои Академияи илмҳои ИҶШС, аз ҷумла экспедитсияҳои солҳои 1928, 1932, 1933, 1935 ва олимону мутахассисони соҳаҳои гуногун, ба монанди академик А.Е. Ферсман, Д.И. Шербаков, Б.А. Наследов,

И.Г. Александров, Н.А. Караулов, А.И. Эстрин, Е.О. Погребитский, Н.А. Швембергер ва дигарон арзишманд мебошад.

Муайян гардид, ки дар Тоҷикистон захираҳои табиии нафту газ хеле кам ба назар мерасанд ва ё онҳо дар чуқурии беш аз 4000 то 7000 м ҷойгиранд, конҳои ангишт бошад, дар доманакӯҳҳо ҷойгир шудааст. Академик А.Е. Ферсман, ки роҳбари экспедитсияи соли 1932 буд, дар суханронии худ таъкид кард: «Агар дар маҷмуъ минтақаҳои гуногуни Осиёи Миёнаро баррасӣ кунем, муайянкунанда дар баъзе минтақаҳо на замин, балки об аст. Маҳз об ва фаровонии он сарвати асосии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Об манбаи калидии истеҳсоли неруи барқ ва муҳаррики иқтисодиёт аст, аз ин рӯ, бояд ба истифодаи ҳамаҷонибаи он бештар таваҷҷуҳ кард» [146, с. 9-10].

Ҳамин тариқ, аз рӯзҳои аввали таъсиси Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба рушди комплекси энергетикӣ ба дастгирии соҳаҳои гуногун - саноат, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳамчунин, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии зиндагии аҳолӣ равона шуда буд. Истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои обӣ ба обёрии заминҳои биёбон, таъмини шуғл ва таъминоти устувори энергияи барқ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд, ки ин ба таври самаранок аҳолӣ ва бахшҳои гуногуни иқтисодиётро бо неруи барқ таъмин мекард.

Ҳукумати Шуравӣ аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ ба таъмини барқи Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, диққати ҷиддӣ медод. В.И. Ленин дар суҳбат бо Г.М. Крижижановский ҳангоми таҳияи нақшаи ГОЭЛРО гуфта буд, ки «Дар хусуси Туркистон бошад, шумо метавонед бемалол онро ба нақша ворид кунед» [68, с. 62]. Дар натиҷаи амалисозии нақшаи ГОЭЛРО 2-юми сентябри соли 1924 дар қишлоқи хурдакаки Душанбе «лампочкаи иличӣ» фурӯзон гардид [182, с. 14]. Ин падида, аз беҳ шудани вазъи иҷтимоии аҳолии Душанбе дарак медод.

Дар охири соли 1926 бори аввал нақшаи хоҷагии халқ ва буҷаи ҶШС Тоҷикистон таҳия шуд, ки барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт асос гузошт. Ин нақша рушди фаъоли саноат, таъсис ва густариши коргоҳу

корхонаҳо, инчунин, эҳё ва дастгирии ҳунарҳои анъанавиро пешбинӣ мекард. Аммо дар ин давра, ҳануз пойгоҳи энергетикии ҷумҳурӣ пурра ташаккул наёфта буд. Тибқи нақша, барои сохтмони погоҳҳои барқӣ 250 000 рубл ҷудо гардида буд [166, с. 33]. Ҳамин тариқ, дар нақшаҳои панҷсолаи хоҷагии халқ ҳаҷми маблағгузорӣ барои рушди соҳаи энергетика сол то сол зиёд мегардид. Масалан, агар солҳои 1928-1929 барои рушди бахши энергетикии ҶШС Тоҷикистон 206 ҳазор рубл ҷудо шуда бошад, пас соли 1930 ин маблағ то 1 160 ҳазор рубл афзоиш ёфт, ки аз чор маротиба афзоиши маблағгузорӣ шаҳодат медиҳад [94, с. 62-63]. Ин афзоиши назарраси маблағгузориҳо барои тезонидани рушди инфрасохтори энергетикии ҷумҳурӣ равона шуда буд.

Яке аз аввалин қадамҳои муҳим дар рушди энергетикаи Тоҷикистон тарҳрезӣ, сохтмон ва ба кор даровардани НБО - и Варзоби Боло - 1 гардид. Чархаи аввали ин неругоҳ 31-уми декабри соли 1936 ва чархаи дуюм соли 1937 ба кор дароварда шуд. Дар натиҷа, иқтидори умумии насбшудаи неругоҳҳои барқии ҷумҳурӣ то охири соли 1937 ба 17 ҳазор кВт/соат расид. Ин марҳила ба як нуқтаи муҳимми ташаккули низоми энергетикии Тоҷикистон табдил ёфта, заминаи рушди минбаъдаи саноатӣ ва иҷтимоии ҷумҳуриро гузошт.

Дар маҷмуъ, солҳои 1929-1942 ба соҳаи хоҷагии халқ, аз ҷумла энергетика 1,6 млрд рубл маблағ сарфа карда шуд [182, с. 19]. Ин боис гардид, ки дар ҷумҳурӣ саноати маъдани кӯҳӣ, пахтатозакунӣ, бофандагӣ, абрешим, саноати хӯрокворӣ, консервабарорӣ, саноати сабук, гушту шир, саноати масолеҳи бинокорӣ ба вуҷуд ояд.

Соли 1940 НБО-и Хоруғ ба номи В.И. Ленин дар ВАБК ба кор оғоз намуд. Дар ин солҳо дар ВАБК, махсусан дар шаҳри Хоруғ, таъмини барқи шаҳру деҳот торафт вусъат меёфт. Дар солҳои баъдиҷангӣ, яъне аз соли 1948 то 1950 дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои атрофи он талабот ба неруи барӯ се маротиба афзоиш ёфт. Дар ин давра ҳазорон хона ва манзилҳои истиқоматии сокинони маҳаллӣ ба неруи барқ дастрасӣ пайдо карданд, ки ин шароити зиндагии онҳоро ба таври назаррас беҳтар намуд. Илова бар ин, якчанд

колхоз, корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳо ба шабакаҳои барқӣ пайваст шуданд, ки ба рушди фаъолияти истеҳсолии онҳо ва густариши инфрасохтор дар минтақа мусоидат кард. Бо вуҷуди ин, норасоии қувваи барқ барои хӯроки умумӣ, таъмини низоми гармидиҳии ҳуҷраҳо, маркази маъмурии ВАБК, махсусан дар фасли зимистон, бештар эҳсос мегардид. Барои бартараф намудани норасоии барқ дар ВАБК 250 кВт қувваи барқи иловагӣ лозим буд.

Дар давраи азнавбарқарокунии баъдиҷангӣ дар ҷумҳурӣ, махсусан, норасоии қувваи барқ, ангишт, семент, матоъ ва ғайраҳо, ки барои пешбурд ва иҷрои нақшаҳои дарпешистода зарур буданд, эҳсос карда мешуд.

Дар моҳи марти соли 1946, дар ҷаласаи якуми Шурои Олии ИҶШС, нақшаи чорумин панҷсола (нақшаи аввалин панҷсолаи пас аз ҷанг) барои бозсозӣ ва рушди иқтисодиёти Иттиҳоди Шуравӣ барои солҳои 1946-1950 қабул карда шуд. Ин нақша чандин тадбирҳоро дар бар мегирифт, ки ба барқарорсозии инфрасохтори вайроншуда аз ҷанг, муосирсозии саноат ва таҳкими иқтисоди миллӣ дар давраи пас аз ҷанг равона шуда буд. Дар асоси ин ҳуҷҷат, Сессияи IX Шурои олии ҶШС Тоҷикистон (даъвати якум) аз 8-уми августи соли 1946 нақшаи ин панҷсоларо барои ҷумҳурӣ расман тасдиқ намуд. Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ барои хоҷагии халқ дар ин панҷсола 1,2 миллиард рубл муайян шуд. Дар натиҷа дар соли 1940 маҳсулоти умумии саноат назар ба дараҷаи пеш аз инқилоб 8,8 баробар ва дар соли 1960 назар ба соли 1940 4,3 баробар афзоиш ёфт [145, с. 35].

Дар соҳаи саноатисозӣ вазифаи аз ҳама муҳим барқарор ва рушди соҳаҳои саноат буд, ки дар солҳои ҶБВ пурра аз кор монда буданд ва ё маҳсулоти кам истеҳсол мекарданд. Дар нақшаи панҷсолаи чорум то охири соли 1950 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ чунин пешбинӣ шуда буд: ангишт – 440 ҳазор тонна, нафт – 60%, электроэнергия – 180 млн кВт/соат [102, с. 134].

Барои ба кор андохтан, аз нав барқарор намудан корҳои ҷустуҷӯӣ ва рушди соҳаи саноат, пеш аз ҳама, ба кор андохтани иқтидорҳои нави энергетикӣ лозим буд. Бавижа, ҷустуҷӯйи роҳҳои дар шимоли ҷумҳурӣ

сохтани иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, зиёд намудани иқтидори неругоҳҳои барқи обии Варзоб, Маркази барқу гармидиҳии Душанбе ва ғайраҳо меистод. Маҳз бо як суръати баланд аз худ намудани захираҳои нави энергетикии ҷумҳурӣ буд, ки дар панҷсолаи чорум аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ба соҳаи саноат 46,7 миллион рубл маблағгузорӣ шуд, ки ин нишондод аз солҳои пешин хеле зиёд буд. Ин маблағгузорӣ барои рушди соҳаи саноати вазнин, махсусан, комплекси сӯзишворию энергетикии ҷумҳурӣ роҳи наверо кушод.

Дар баробари иҷрои нақшаҳои дарпешгузошта, моҳи августи соли 1947 пленуми КМ ҲК Тоҷикистон масъалаи «Оид ба рафти корҳои санот дар ҷумҳурӣ»-ро муҳокима кард. Дар пленум омилҳои калидие, ки ба рушди босуръати саноати вазнин ва таҳкими пояи энергетикӣ дар ин раванд мусоидат мекунанд, таъкид карда шуданд. Манбаъҳои асосии маблағгузорӣ ва захираҳое, ки барои сохтмони чандин иншооти нави энергетикӣ заруранд, муайян карда шуданд, ки ин бояд ба афзоиши истеҳсолот ва дастгирии саноатикунонии минбаъдаи кишвар мусоидат кунад. Аз ҷумла, схтмони НБО - и Қайроқум дар шимоли ҷумҳурӣ, азхудкунии захираҳои энергетикии дарёи Вахш, ба итмом расонидани силсиланеругоҳҳои Варзоб, вусъати корҳои ҷустуҷӯйи ва муайян кардани манбаъҳои захираҳои ангишт, кокс ва газ маҳсуб меёфт.

Феврали соли 1947 Шурои Вазирони ИҶШС нақшаи нави азнавбарқароркунӣ ва тараққии хоҷагии халқи ИҶШС-ро барои соли 1947 тасдиқ намуд. Дар он ба тараққиёти корхонаҳои саноати вазнини Тоҷикистон диққати махсус дода шуда, баъдан барои сохтмон ва тараққии онҳо тамоми шароит муҳайё карда шуданд. Пеш аз ҳама, барои корхонаҳои саноатии сузишворию энергетикӣ, саривақт масолеҳи бинокорӣ – семент, чӯб, арматура ва ғайраҳо таъмин карда мешуданд. Ба Тоҷикистон мутахассисон ва муҳандисон аз ҷумҳуриҳои бародари гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ сафарбар карда шуданд, ки ин қадами муҳимме дар татбиқи вазифаҳои дарпешистода буд. Ин заминаҳои объективиро барои рушди минбаъдаи истеҳсоли

маҳсулоти саноатӣ ва тавсеаи иқтидорҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ фароҳам овард. Масалан, то охири соли 1947 зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои саноати сӯзишворию энергетикӣ ба қайд гирифта шуд. Дар соли 1947 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар саноатҳои дар боло зикршуда назар ба соли 1945 35 фисад афзуд. Дар миёни онҳо заводи коркарди метали Сталинобод (ҳозира Душанбе), заводи рехтагарӣ-механикии Конибодом, дар ноҳияҳои Ҳисор ва Орҷоникидзиобод (ҳозира Ваҳдат) ба истифода додани корхонаи истеҳсоли хиштро ба тариқи мисол овардан мумкин аст [102, с. 136].

Дар баробари сохта ба истифода додани чандин корхонаҳои нави саноатӣ, азнавсозӣ ва васеъ намудани дигар корхонаву фабрикаҳо низ ба роҳ монда шуданд. Масалан, дар шахтаи №8 кони ангишти Шӯроб, мошинҳои нави интиқолдиҳандаи бор (транспартёр) насб карда шуданд, ки дар натиҷа иқтидори истеҳсоли ангишт 25-30 фисад зиёд гардид, кори ангиштканон механиконида шуданд, корхонаи сементи Сталинобод (ҳозира Душанбе) бошад, ба таври назаррас азнавсозӣ карда шуд.

Сокинони пойтахтро махсусан, пеш аз муҳлат ба кор андохтани НБО - и Варзоби Поён шоду хуррам гардонид. Дар вақти ба истифода додан, кормандони ҳизбии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, Б. Ғафуров иштирок ва суханронӣ намуда, сокинони пойтахтро табрик намуд. НБО-и Варзоб на танҳо суръати сохтмони иншооти гуногуни саноатиро дар пойтахти ҷумҳурӣ тезонид, балки бисёр муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ ва тиббии шаҳрро низ бо қувваи барқ таъмин намуд. Ҳамзамон, шахтаи №8, ки дар боло ишора рафт пас аз таъмиру навсозӣ ва бо техникаи нав ҷиҳозонидан дар соли 1949 ба миқдоре ангишт истихроҷ мекард, ки дар тамоми кони ангишити Шӯроб дар соли 1910 истихроҷ шуда буд. Коргарони корхонаи механикии ба номи Ордҷоникидзеи Сталинобод, корхонаи равғанбарории Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар), коргоҳҳои шоҳибофии Сталинобод ва Ленинобод (ҳозира Суғд), корхонаҳои кӯҳии Консой ва Чоруқдарон ташаббус нишон доданд, ки нақшаи панҷсолаи худро пеш аз муҳлат ба анҷом мерасонанд [142, с. 164].

Соли 1950 барои саноати ҷумҳурӣ соли пурбарор буд. Дар ин сол корхонаҳои саноатии «Металоширпотреб», корхонаи истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ дар Вахш пурра ба истифода дода шуда, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолии саноатӣ назар ба соли 1949 9,9% зиёд гардид. Садҳо корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ дар ин сол алакай барои панҷсолаи оянда маҳсулот истеҳсол мекарданд.

Дар сохтмони чунин як пойгоҳи мустаҳками иқтисодию иҷтимоӣ саҳми Котиби якуми ҲК ҲШС Тоҷикистон Б. Ғафуров хеле арзишманд буд. Дар маҷмуъ, дар солҳои 1945-1960 ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар ҷумҳурӣ 5,8 маротиба, махсусан, дар соҳаи саноат афзоиш ёфт. Масалан, дар давраи нишондодашуда истеҳсоли қуваи барқ ва энергияи гармӣ 22,4 маротиба, маҳсулоти мошинасозӣ ва коркарди филиззот 11,2 маротиба, масолеҳи сохтмонӣ 61,8 маротиба, саноати сабук ва хӯрокворӣ 6 маротиба зиёд гардиданд [97, с. 411]. Албатта, ин марҳилаи ибтидоӣ ва қадамҳои ҷиддие буданд дар роҳи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ дар заминаи рушди соҳаи энергетикии кишвар.

Дар солҳои 1940-1950-ум ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ таваҷҷуҳи хос дода мешуд, зеро онҳо ҳамчун омили калидии рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ баррасӣ мешуданд. Ба шарофати кӯшишҳои пайгиронаи роҳбарияти ҷумҳурӣ, соли 1951 корҳои сохтмонӣ дар НБО - и Қайроққум оғоз гардид ва соли 1956 ин неругоҳ бо иқтидори насбшудаи 126МВт ва истеҳсоли солонаи 688 миллион кВт/соат ба кор дароварда шуд. Дар ҳамин давра Маркази барқи гармидиҳии Душанбе (МБГМ) бо иқтидори 218 ҳазор кВт ба истифода дода шуд, ки ин ба таври назаррас иқтидори энергетикии Тоҷикистонро таҳким бахшид ва ба суръат бахшидани саноатисозӣ ва рушди иқтисодии ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Махсусан, истеҳсоли қувваи барқ бо суръати тез ва намоёнтар назар ба дигар намудҳои маҳсулоти истеҳсолии хоҷагии халқ тараққӣ ва рушд мекард. Масалан, агар дар охирҳои солҳои ҶБВ дар ҷумҳурӣ 72,1 млн кВт/соат қувваи барқ истеҳсол шуда бошад, дар

соли 1960 ба 1288,4 млн кВт/соат баробар шудааст, яъне 18 маротиба дар ин давра афзоиш ёфтааст [120, с. 27].

Дар ин замина, қувваи барқ бештар дар муассисаҳои табобатӣ, беморхонаҳо, муассисаҳои маданию фарҳангӣ мактабҳои миёна ва олӣ, аз ҳама муҳим таъмини барқи деҳоту ноҳияҳо ва вилоятҳои атрофи пойтахт васеъ истифода бурда мешуд.

Дар солҳои минбаъда рушди босуръати истеҳсоли неруи барқ ҳамчун катализатор барои таъсиси корхонаҳои бузурги саноатӣ дар Тоҷикистон, ба монанди Корхонаи алюминии Тоҷикистон дар шаҳри Регар (ҳозира Турсунзода) ва Заводи нуриҳои нитрогении Ёвон хидмат кард. Ин корхонаҳо, ҳамчунин як қатор корхонаҳои бузурги нассоҷӣ ва хӯрокворӣ, ки бо истеъмоли зиёди энергия тавсиф мешуданд, бевосита аз таъминоти устувори нерӯи барқ вобаста буданд. Дар робита ба ин, қарорҳои стратегии сохтмони аксари иншоот дар ҷануби Тоҷикистон қабул карда шуданд. Дар натиҷа, Комплекси ҳудуди истеҳсолии Тоҷикстони Ҷанубӣ (КҲИТҶ) таъсис ёфт, ки дар рушди қувваҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ нақши калидӣ бозид.

Комплекси ҳудуди истеҳсолии Тоҷикстони Ҷанубӣ (КҲИТҶ) рушди гидроэнергетика ва таъсиси корхонаҳои сермасрафи энергия буд, ки ба афзоиши назарраси иқтидори саноатии минтақа мусоидат намуд. Дар доираи татбиқи ин барнома дар Тоҷикистон ташаккули комплекси агросаноатӣ оғоз ёфт, ки ба он чунин соҳаҳо, аз қабили пахтакорӣ, боғдорӣ, токпарварӣ ва пеш аз ҳама роҳсозӣ дохил шуданд.

Унсури калидии инфрасохтори гидроэнергетикӣ сохтмон ва истифодаи НБО - и Норак гардид, ки иқтидори он 2700 МВт (2,7 миллион кВт/соат) буда, соли 1961 оғоз ёфтааст [107, с. 89-90].

Хусусияти фарқкунандаи НБО Норак дар он аст, ки он дар ҷумҳурӣ на танҳо калонтарин базаи истеҳсолии нерӯи барқро ба вуҷуд овард, балки вай барои сохтмони минбаъдаи нерӯгоҳҳои бузурги барқӣ ва иншоотҳои калони саноатӣ, ба монанди НБО – и Роғун, Бойғозӣ, Сангтӯда ва ғайраҳо шароитҳои мусоид ба вуҷуд меорад. Обанбори НБО - и Норак, шароит фароҳам меорад,

ки дар ҳудуди Тоҷикистон ва Ӯзбекистон то 1,5 млн га заминҳои асрҳо бекорхобида ба муомилоти кишоварзӣ бароварда шавад. Яке аз хусусиятҳои асосии НБО - и Норак боз дар он аст, ки пас аз пурра ба истифода додани он, шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ пурра бо неруи барқ таъмин карда мешавад. Пас аз истифода қарор додани НБО - и Норак ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ ба 11,2 млрд кВт/соат дар як солро ташкил медод. Дар сохтмони ин иншооти бузург 11 000 коргарону муҳандисон аз 46 халқияту миллатҳои Иттиҳоди Шуравӣ иштирок намуда, аз 200 шаҳри иттиҳод масолеҳи сохтмонӣ, мошину тракторҳо ворид гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистони шуравӣ ба вуҷуд омадани саноати ҳозиразамон ва пойгоҳи энергетикии он ба давраи панҷсолаи пешазҷангӣ рост меояд. Ташаккули комплекси саноатии энергетикии ҷумҳурӣ ҳамчун низоми ба ҳам алоқамандӣ истеҳсолоти саноатӣ бо асосҳои умумии энергетикӣ (на танҳо аз ҷиҳати технологӣ, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ низ), асосан баъд аз сохтмон ва ба истифода додани НБО – и Норак ба вуҷуд омадааст.

Дар солҳои пас аз ҷанг, сохтмони корхона ва корхонаҳои гуногун, аз ҷумла, корхонаҳои коркарди пахта дар Уялӣ (ҳоло Хуросон) ва ноҳияи Ҷаббор Расулов, корхонаи коркарди маъдани Тагоб, корхонаи шишасозии Хуҷанд, корхонаи нассоҷии шаҳри Душанбе, корхонаи механикии Конибодом ва корхонаи масолеҳи сохтмонии Вахш, шароити мусоидро барои рафъи ақибмонӣ ва пешбурди рушди саноат фароҳам оварданд. Илова бар ин, сохтмони босуръати неругоҳҳои барқӣ дар ҳамин давра ба рушди саноати Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшид.

То солҳои 1990 дар Тоҷикистон якчанд неругоҳи барқи обӣ, ба мисли Варзоб-1, Варзоб-2, Варзоб-3, Хоруғ, Қайроққум, Сарбанд, Шаршара, Марказӣ, Норак ва Бойғозӣ сохта ва ба истифода дода шуданд. Иншоотҳои мазкур дар рушди соҳаҳои гуногуни саноат нақши калидӣ бозида, ба сохтмони корхонаҳои бузурги саноатӣ ва дастгирии хоҷагии халқ, инчунин, рушди соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва фарҳанг мусоидат карданд.

Неругоҳҳои барқи обӣ заминҳои кишоварзиро самаранок обёрӣ намуда, ба ободонии шаҳрҳо ва ноҳияҳо ва таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо ҷойи корӣ мусоидат карданд.

Илова бар ин, иншооти гидроэнергетикӣ таъмини неруи барқ ва обро барои ҷумҳуриҳои ҳамсоя - Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Қазоқистон таъмин мекарданд. Онҳо дар обёрии заминҳои биёбон нақши муҳим бозида, бо ин васила таъминоти устувори об ва неруи барқро барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин мекарданд.

Масалан, сохтмон ва ба истифода додани НБО – и Қайроққум дар соли 1957, ки ҳаҷми обанбораш иқтидори 2,6 миллиард метри мукаабро дорад, имконият фароҳам овард, ки 300 ҳазор га заминҳои ғайриобӣ дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон обёрӣ карда шавад [182, с. 24]. Ҳамчунин аввалин ХИБ-и 110 кВ дар ҳудуди Тоҷикистон дар соли 1948 сохта ба истифода дода шуда буд, ки низоми энергетикии шимоли ҶШС Тоҷикистонро бо НБО - и Фарҳоди Ӯзбекистон пайваст мекард ва ҷумҳуриҳо аз неруи барқ зиёд истифода мекарданд. Соли 1959 низоми энергетикии Шимоли ҷумҳурӣ ба Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна пайваст гардид, ки дар рушд ва пешрафти хоҷагии халқи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна нақши муҳим дошт.

Сохтмони НБО - и Норак ибтидо ҳамчун қисми Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ ба нақша гирифта шуда буд. Соли 1976, хатти аввали интиқоли барқи 500 кВ «Норак-Регар» (ҳоло Турсунзода) сохта шуда, ба истифода дода шуд, ки баъдан қисми Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна гардид. Ин лоиҳа барои таъсиси комплекси бузурги саноатӣ дар ҷануби Тоҷикистон замина гузошт, ки корхонаи нуриҳои нитрогении Вахш, корхонаи электрокимиёии Ёвон ва корхонаи алюминийи Турсунзода (ТАЛКО)-ро дар бар мегирифт.

Дар солҳои 1970-1980 ин лоиҳаҳо боис ба обёрии ҳазорҳо га заминҳои қаблан аз истифодаи кишоварзӣ баровардашуда дар Данғара шуданд, ки ин бо сохтмони нақби 14-километраи Данғара имконпазир гардид. Дар маҷмуъ, 550,000 га заминҳои пештар истифоданашуда ба гардиши кишоварзӣ

дароварда шуданд ва шароити обёрӣ дар 500,000 га дигар беҳтар гардид. Ин тадбирҳо ба афзоиши назарраси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таҳкими пойгоҳи иқтисодии ҷумҳурӣ ва таъмини суботи энергетикии ҳам Тоҷикистон ва ҳам тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат карданд. Дар натиҷа, истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ ба 1 млн. тонна расонида шуд. Дар маҷмуъ дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 1,5 млн гектар заминҳои бекорхобида ба гардиши истеҳсолӣ ворид карда шуданд [105, с. 217]. Қувваи барқи арзон, ки аз неругоҳ истеҳсол карда мешуд ва захираҳои зиёди ашёи хом барои саноат, ба вуҷуд овардани соҳаҳои нав ба нави саноатро, ки ба қувваи барқ эҳтиёҷ дошт, имконият дод.

НБО-и Бойғозӣ бошад, дар баробари истеҳсоли неруи барқ, масъалаи обёрикунонии заминҳои Ёвону Обикиикро ба воситаи нақби Вахш-Ёвон дар ҳаҷми 40 ҳазор га таъмин мекунад.

Дар ин давра ба ташкили комплекси ягонаи гидроэнергетикӣ ва сохтмони хатҳои интиқоли барқ, ки бояд шаҳрҳо ва маҳаллаву деҳот, марказҳои маъмурӣ ва фарҳангӣ, иншооти маориф ва тандурустиро бо неруи барқ таъмин мекарданд, таваҷҷуҳи махсус дода мешуд. Ба кор даровардани корхонаҳои нав, коргоҳҳо ва иншооти гуногуни саноатӣ низ аҳаммияти аввалиндараҷа дошт.

Аммо, сохтмон ва истифодаи хатҳои интиқоли барқ дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон бо мушкилот ва душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ буд. Бо вуҷуди ин мушкилиҳо, ҳукумати он замон барои бартараф кардани ин монеаҳо ва таъмини таъминоти устувори неруи барқ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ корҳои зиёде анҷом дод. Ин тадбирҳо имконият доданд, ки инфрасохтор ба таври назаррас беҳтар карда шавад, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд гардад ва ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон мусоидат намуд.

Масалан, НБО – и Варзоб -1 ба низоми энергетикии ҷумҳурӣ тавассути чор зеристгоҳи 35 кВ, Варзоб-2 тавассути панҷ зеристгоҳи ХИБ 35 кВ ва Варзоб-3 тавассути ду хатти интиқоли ноқилӣ, ки ба ХИБ-6 кВ Варзоб пайваст мешаванд, пайваст аст. Илова бар ин, неругоҳи Сарбанд тавассути се

зеристгоҳи 220 кВ ва нуҳ зеристгоҳи 110 кВ пайваст мешавад. Шаршара тавассути чор зеристгоҳи 111 кВ ва се зеристгоҳи 35 кВ пайваст аст, дар ҳоле ки неругоҳи Марказӣ тавассути ду зеристгоҳи 110 кВ пайваст аст. Неругоҳи Норак тавассути ду зеристгоҳи 500 кВ ва панҷ зеристгоҳи 220 кВ пайваст шуда, неругоҳи Бойғозӣ тавассути чор зеристгоҳи 220 кВ пайваст аст.

НБО - и Қайроққум, ки дар шимоли ҷумҳурӣ ҷойгир аст, тавассути се зеристгоҳи 220 кВ ва панҷ зеристгоҳи 110 кВ ба шабакаи барқ пайваст мебошад [115, с. 5-30]. Ҳамин тариқ, Низоми энергетикии кишвар давра ба давра шакл мегирифт ва дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ заминаи бузург мегузошт.

Дар баробари гуфтаҳои боло, дар ҷумҳурӣ аз солҳои 70-80-уми асри гузашта сохтмони бузургтарин неругоҳҳо – НБО - и Роғун ва Сангтӯда идома дошт. Аммо бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ корҳои сохтмон дар ин неругоҳҳо қатъ гардиданд.

Ҳамин тавр, агар дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ пойгоҳи энергетикии ҷумҳурӣ ташаккул ва неругоҳҳои зиёди обӣ барқи сохта шуда бошанд ҳам, низоми ягонаи энергетикии кишвар ҳамоно ташаккул наёфта буд. Ҳамоно низоми энергетикии шимоли ҷумҳурӣ аз низоми энергетикии марказ ва ҷануб ҷудо қарор дошт. Гуфтан бамаврид аст, ки таъсиси базаи энергетикии кишвар дар ин давра дар рушд ва пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ, иҷрои нақшаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва масоили экологии ҳам Тоҷикистон ва ҳам дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозидааст.

Аммо қадамҳои аввалини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расидан ба истиқлоли давлатӣ мушкилиҳои зиёдро пеш оварда буд. Роҳбарияти ҷумҳурӣ кӯшиш мекард барномаҳои мукаммал андешидашуда ва ҳақиқии дигаргунсозиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданиро ба амал барорад. Дар миёни онҳо барномаи бузурги энергетикӣ ҷой дошт ва дар аввал диққати асоси барои рушди энергетикаи хурд равона гардида буд. Аз тарафи Вазорати энергетика нақшаи сохтмони неругоҳҳои хӯрд роҳандозӣ гардид, ки тибқи он, аз соли 2007 то охири соли 2010, 66 иншоот, солҳои 2011-2015 70

иншоот, то соли 2025, 53 ва дар маҷмуъ, 192 неругоҳи хурди барқӣ сохта ба истифодаи аҳолӣ дода мешуд, ки 102181 кВт/соат қувваи барқ истеҳсол мекарданд [105, с. 218]. Дар ин замина, ба соҳаи мазкур зарурат пеш омад, ки соҳаро ба шароити нав ва низоми муосири кор, ба шароити муносибатҳои бозоргонӣ мутобиқ созад.

Сиёсати энергетикӣ дар стратегияи кишварамон ҷойгоҳи марказӣ дорад, зеро он ба таври мустақим бо таъмин намудани шароити шоистаи зиндагӣ барои ҷомеа алоқаманд аст. Бахши энергетика, масъалаҳои рушди он, ки мунтазам дар паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар форумҳои миллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ мешаванд, ҳамчун яке аз унсурҳои калидӣ ва афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар ҳисобида мешавад. Ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Шароити ҷуғрофӣ ва табиии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки то 96-98 дарсади нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда, асосан бо истифода аз захираҳои гидроэнергетикӣ, истеҳсол карда шавад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон рушди гидроэнергетикаро ҳамчун яке аз муҳимтарин вазифаҳои сиёсати давлатӣ муайян намуда, манфиатҳои кишварҳои ҳамсоя ва уҳдадориҳои байналмилалиро ба назар гирифтааст. Дар паёми ҳамасолаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар дар соли 2016 ӯ таъкид намуд: «Ҳукумати кишвар захираҳои гидроэнергетикиро ҳамчун сарвати миллӣ баррасӣ мекунад. Аз ин рӯ, мо рушди гидроэнергетикаро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ муайян кардем ва дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ ба таъмир, навсозӣ ва сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ идома медиҳем» [185, с. 212-217].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо эътирофи захираҳои бузурги обӣ ва имкониятҳои гидроэнергетикии худ, зарурати ҳамкорӣ бо кишварҳои дигари Осиёи Марказиро барои таъмини рушди оқилона ва истифодаи самараноки онҳо ба манфиати тамоми минтақа эътироф мекунад. Дар Осиёи Марказӣ

субот ва рушди устувори ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба таври назаррас аз дастрасии захираҳои обӣ ва мавҷудияти ҳамкориҳои муназзами байнидавлатӣ вобаста аст.

Аз замони ба даст овардани истиқлол, сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба пешбурди масъалаҳои амнияти обию энергетикӣ дар ҳама сатҳҳо равона шуда аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муколамаҳои байналмилалии ба истифодаи муштараки захираҳои обӣ нигаронидашуда фаъолона иштирок намуда, талошҳои худро барои таҳкими суботи минтақавӣ тавассути ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамсоя дар ин соҳаи муҳим тақвият мебахшад. Таъмини фаҳмиши мувофиқи муштарак дар бораи захираҳои обӣ-энергетикӣ барои рушди устувор ва аҳаммияти ҳамкориҳо дар ин соҳа, ҳамчун омили асосии ноил шудан ба ин ҳадаф ҳамеша дар меҳвари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт.

Дар пайи татбиқи сиёсати худ, соли 1991, ҳамагӣ як моҳ пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ, раҳбарони сиёсии Осиёи Марказӣ вохӯрии вазиронеро баргузор карданд, ки ба истифодаи захираҳои обии Туркманистон ва Ӯзбекистон бахшида шуда буд. Соли 1993 кишварҳои минтақа ҳаммуассисони Фонди байналмилалии наҷоти Арал шуданд, ки барои ҳамоҳангсозии кӯшишҳо ҷиҳати коҳиш додани оқибатҳои бuҳрони экологӣ дар ин минтақа таъсис ёфта буд.

Ҳарчанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минтақаи буҳрони баҳри Арал дур ҷойгир аст, кишвар ба таври фаъолона ба раванди муттаҳидсозии кӯшишҳои давлатҳои ҳамсоя барои муқобила бо оқибатҳои ин фалокати техногенӣ ҳамроҳ шуд. Тоҷикистон дарк мекунад, ки мушкилоти захираҳои обӣ аз доираи сарҳадҳои миллӣ берун меравад ва ниёз ба амалҳои дастаҷамъона дорад, ки ба таъмини истифодаи устувори об ва пешгирии хатарҳои экологӣ барои тамоми минтақа равона шудаанд. Ҳамзамон, моҳи январи соли 1994 Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Барномаи ҳавзаи баҳри Аралро тасдиқ намуданд, ки он ба самтҳои асосии мустаҳкам намудани ҳамкорӣ ва консепсияи ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии минтақа

равона гардида буд. Дар ин замина, як чанд эъломия дар Нукус, Дошҳову ва Душанбе тасдиқ шудаанд. Созишнома дар бораи идоракунии захираҳои обӣ–энергетикӣ, ки соли 1998 ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба имзо расонида буданд ва баъдан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ворид гардид. Ин созишнома дар рушд ва самти ҳамкории ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳи обу энергетика нақши маркизиро бозидааст.

Қобили зикр аст, ки тақрибан 60% ҷараёни оби дарёҳое, ки ба баҳри Арал мерезанд, дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад ва ҷумҳуриҳои дигари минтақа аз ин захираҳои обӣ ба таври фаъол истифода мебаранд. Масалан, аз 64 км$^3$ обе, ки дар ҳудуди Тоҷикистон дастрас аст, ҷумҳурӣ ҳамагӣ 10-11 км$^3$ ё тақрибан 10% маҷрои умумии ҳавзаро истифода мебарад. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои мушаххаси ҳаҷми об ва масоҳати заминҳои обёришаванда ба ҳар сари аҳолӣ дар Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳама пасттар аст. Сарфи назар аз истифодаи маҳдуди захираҳои обии худ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо доштани захоири бузурги обӣ ва энергетикӣ, борҳо омодагии худро барои ҳамкорӣ бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, бахусус кишварҳои ҳамсоя, дар асоси муносибатҳои мутақобилан судманд барои таъмини истифодаи самаранок ва оқилонаи онҳо изҳор доштааст. Рушди муштараки ин захираҳо метавонад ба ҳалли ҳамаҷонибаи бисёре аз мушкилоти кунунӣ ва ояндаи Осиёи Марказӣ мусоидат кунад. Дар ин замина, принсипи калидии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи захираҳои обӣ чунин таҳия шудааст: «Об бояд воситаи ҳамкорӣ бошад» [165, с. 137].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ояндаи рушди ҷаҳонӣ ба таври зиёд ба манбаъҳои энергияи барқароршаванда вобаста аст. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ талаботҳои навро барои рушди низомҳои энергетикӣ ҷорӣ мекунанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, омилҳои миллӣ ба як қисми ҷудонопазири мафҳуми рушди иқтисодӣ табдил меёбанд. Дар натиҷа, чунин

категорияҳо, ба монанди «даромади миллӣ», «иқтисоди миллӣ» ва «энергияи миллӣ» пайдо мешаванд.

Асоси моддии энергияи миллӣ ва дороиҳои давлатӣ қисми муҳимми фонди истеҳсолии низоми энергетикиро ташкил медиҳанд. Ҳамчун воридкунанда ва содиркунандаи асосии захираҳои энергетикӣ, бахши энергетика на танҳо ба иқтисоди дохилӣ, балки ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии энергетикӣ низ таъсири назаррас мерасонад, ки ба иқтисодиёти дигар кишварҳо низ таъсир мегузорад.

Дар шароити истиқлол, нақши муҳим ва зарурии энергетика дар рушди иқтисоди миллӣ идоракунии ин бахшро дар сатҳи миллӣ тақозо мекунад, ки ба талаботе монанди авлавияти манфиатҳои миллӣ, таъсиси модели миллии рушди энергетика ва муайян кардани стандартҳои миллӣ дар соҳаи энергетика ва дигар соҳаҳо асос ёфтааст. Унсурҳои калидӣ иборатанд аз ташаккули низоми миллии энергетика, ҳамгирой ба созмонҳои байналмилалии энергетикӣ, рушди соҳа мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ, интихоби модели рушд ва стратегияи мувофиқ бо афзалиятҳои миллӣ, воридшавӣ ба бозори ҷаҳонии энергетика, иштирок дар биржаҳои байналмилалии энергетикӣ ва таъсиррасонӣ ба бозорҳои энергетикии минтақавӣ ва иқтисодиёти дигар кишварҳо.

Дар ин замина, ташаккули низоми миллии энергетикаи Тоҷикистон якчанд ҷанбаҳои калидиро дар бар мегирад: ҳамгироии бахши энергетикӣ, мутобиқсозии сохтори дохилии истеҳсол ва истеъмоли энергия бо нархҳои ҷаҳонӣ, таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ ҳам дар раванди истеҳсол ва ҳам дар раванди истеъмоли дохилӣ, мутобиқкунонии омехтаи соҳаҳои энергетика тавассути тавозуни манбаъҳои анъанавӣ ва алтернативии энергия, таҳкими робитаи байни талабот ва хароҷоти энергетикӣ ва тақвияти таъсири омилҳои иҷтимоӣ-экологӣ ба рушди бахши энергетика.

Шароити душвори кӯҳсори Тоҷикистон ҳанӯз ҳам сабаби асосии ба як системаи ягонаи энергетикӣ муттаҳид кардани низоми ҷудогонаи ВАБК,

минтақаҳои ҷануб ва шимоли кишвар монеа шуда буд, ки ин имкон медиҳад, афзалиятҳои низоми ягонаи энергетикӣ ба таври комил амалӣ шавад.

Яке аз вазифаҳои асосии ташкили низоми энергетикаи миллӣ сохтмони хатҳои интиқоли байнисистемавии барқӣ мебошад, ки низоми алоҳидаи энергетикиро ба ҳам мепайвандад. Ин унсурҳо ҷузъҳои бунёдии сохтори миллии энергетикиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосӣ ҳангоми ба нақша гирифтани такмили низоми миллии энергетикӣ асоснок кардани иқтисодии рушди хатҳои байнисистемавии интиқоли барқ мебошад.

Ба шарофати амалҳои пайгирона ва равиши стратегии ба рушди бахши энергетика, Тоҷикистон ба таври муваффақ ба сӯи иҷрои ҳадафҳои гузошташуда ҳаракат намуда, заминаи энергетикии худро таҳким ва рушди устуворро таъмин мекунад. Дар чунин шароит, дар соҳаи энергетика, омили баланд бардоштани самаранокии коркард ва истифодаи захираҳои энергетикӣ дар таъмини хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва минтақа бо неруи барқ, аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Барои расидан ба ин мақсад, албатта, таҳқиқотҳои нав дар соҳаи сӯзишворию энергетикӣ лозим меомад.

Бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кишоварзӣ ва энергетика бо ҳам робитаи зич доранд. Соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон то ҳол яке аз истифодакунандагони асосии неруи барқ боқӣ мемонад. Дар соли 2015, ин соҳа аз рӯйи истеъмоли неруи барқ дар ҷойи сеюм қарор дошт ва 15% аз истеъмоли умумии барқи кишварро ташкил медод. Истеъмоли умумии неруи барқ дар бахши кишоварзӣ аз соли 2005 то соли 2015 бо тағйир аз 10% то 14% фарқ мекард. Аммо ҳиссаи обёрии пойгоҳҳои обкашӣ дар ин давра, оҳиста-оҳиста аз 10-11% то 8-9% кам шуда, истеъмоли неруи барқ аз 1546 млн кВт/соати соли 2005 то 1246 млн кВт/соат дар соли 2015 коҳиш ёфтааст. Дар соли 2005 истеъмоли неруи барқ дар соҳаи саноат низ коҳиш ёфт. Ин умдатан ба коҳиши ҳосилнокии бузургтарин корхонаи алюминии Тоҷикистон - Ширкати алюминии Тоҷик (ТАЛКО) марбут аст, ки ҳудуди 40 дарсади кулли масрафи неруи барқи ҷумҳуриро ташкил медиҳад [174, с. 23].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти фарогирро амалӣ сохт, то ки аз иқтисодиёти маъмурӣ ва барномавӣ ба иқтисоди бозорӣ интиқол ёбад ва яке аз ҳадафҳои стратегӣ – истиқлолияти энергетикӣ ва сохтани як низоми энергетикии ягонаи кишварро ба даст орад. Барои амалӣ шудани ин стратегия, як қатор корҳои муҳим роҳандозӣ ва иҷро шуданд. Аз ҷумла, шуруи кори неругоҳҳои барқи обии Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, Помир-1, НБО-и «Тоҷикистон», марҳилаи аввал ва дуюми НБО - и Роғун, МБГ Душанбе-2 ва хатҳои интиқоли баландшиддат, ки ин иншоотҳоро ба шабакаи ягонаи энергетикӣ пайваст мекунанд.

Илова бар ин, чандин иншооти хоҷагии халқ, саноат, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг сохта ва ба истифода дода шуданд, ки талаботи аҳолиро ба неруи барқ рӯз аз рӯз зиёд мекунанд. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар кишвар то 20 миллиард кВт/соат афзоиш ёфт.

Рӯйдоди калидӣ ба истифода додани ХИБ 500 кВ «Ҷануб-Шимол» 29 ноябри соли 2009 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Бо шарофати ба истифода додани ин ХИБ, вилояти Суғд бо марказ ва ҷануби кишвар пайваст шуд, ки ин ба ташкили низоми ягонаи энергетикии Тоҷикистон имкон дод. Инчунин хатҳои интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор - Хатлон», «Лолазор - Хатлон – Пули Хумрӣ», 500 кВ «Роғун - Душанбе» ва 220 кВ «Айнӣ - Рӯдакӣ» сохта ва ба истифода дода шуданд.

Ташкили низоми ягонаи энергетикӣ на танҳо ба рушди иқтисодӣ дар дохили ҷумҳурӣ мусоидат намуд, балки ба рушди хоҷагии халқ дар кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ низ таъсир расонд. Тавре ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ аз 21 декабри соли 2021 қайд намуданд: «Бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ дар давраи истиқлол 287 неругоҳи хӯрди барқи обӣ, 1,5 ҳазор километр хатҳои баландшиддати интиқоли барқ сохта, 75% инфрасохтори энергетикии кишвар навсозӣ гардид».

Илова бар ин, сифати зиндагии 8,8 миллион нафар шаҳрванд беҳтар гардида, 54 ҳазор га заминҳои нави кишоварзӣ обёрӣ шуд ва ҳамасола дар майдони тақрибан 200 ҳазор га заминҳои обёришаванда кишт гузаронида мешавад. Дар панҷ соли охир 3240 муассисаи нави таълимӣ, 173 муассисаи таълимии навъи нав, 196 муассисаи томактабӣ, 2723 иншооти тандурустӣ ва 2360 корхонаи саноатӣ сохта ва ба истифода дода шуданд. Барои таъмини ҳамаи ин иншоот нерӯи барқи изофӣ зарур аст ва Ҳукумати Тоҷикистон барои қонеъ намудани ин ниёзҳо кӯшишҳои назаррас ба харҷ медиҳад.

Илова бар ин, дар ВМКБ ширкати «Помирэнержӣ» - ро таъсис дода шуд, ки 11 неругоҳи барқии калон ва хурдро бо иқтидори умумии 40 МВт идора мекунад ва ин имкон медиҳад, ки қариб 220 ҳазор сокини минтақа бо неруи барқ таъмин карда шаванд.

Ҳамин тариқ, сохтмони неругоҳи барқи обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун як омили муҳим дар таҳкими иқтисодиёти миллӣ ва пешрафти онҳо хизмат мекунад.

Аввалан, комплекси гидроэнергетикӣ ба афзоиши назарраси ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ мусоидат мекунанд. Барои Тоҷикистон, ки дорои захираҳои фаровони обӣ мебошад, сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ имкон медиҳад, на танҳо талаботи дохилии кишварро ба неруи барқ қонеъ намояд, балки неруи баркро ба кишварҳои ҳамсоя содир ва дар навбати худ мавқеи иқтисодии онро таҳким ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар минтақа тақвият диҳад.

Дувум, густариши комплекси гидроэнергетикӣ ба эҷоди ҷойҳои кории нав мусоидат мекунад. Илова бар ин, татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мусоидат менамояд, ки устувории иқтисодии кишварро тақвият мебахшад.

Севум, комплекси гидроэнергетикӣ дар танзими захираҳои обии минтақа нақши калидӣ мебозанд. Дар шароити иқлими хушксолии Осиёи Марказӣ, идоракунии дурусти захираҳои обӣ барои нигоҳдории кишоварзӣ, ки пояи асосии иқтисодиёти бисёре аз кишварҳои минтақа мебошад,

аҳаммияти бештар дорад. Неругоҳҳои барқи обӣ ба беҳтар шудани низоми обёрӣ, пешгирии обхезиҳо ва таъмини устувори об барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ мусоидат мекунанд. Ин, дар навбати худ, амнияти озуқавориро беҳтар намуда, рушди бахши аграриро дастгирӣ мекунад.

Дар маҷмуъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ягонаи электроэнергетикӣ фаъолият мекунад, ки ба он вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ пайваст мебошанд. Неругоҳ, шабакаҳои барқӣ, истеҳсол, интиқол ва тақсимоти онҳоро ШСХК «Барқи Тоҷик» идора мекунад. Идоракунии шабакаҳои таъминоти неруи барқро дар ВМКБ, тибқи Шартномаи консессионӣ ба муҳлати 25 сол ширкати хусусии «Помир Энерҷӣ» аз соли 2002 инҷониб ба уҳда дорад ва он берун аз шабакаи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд. Ин ширкат фаъолияти худро бо 11 НБО-ҳои хурди иқтидори умумиашон 44,16 МВт ва хатҳои интиқоли барқи 35/10/0,4 кВ бо дарозии 2609 км амалӣ менамояд.

Илова бар ин, истифодаи неруи об ҳамчун манбаи барқароршавандаи энергия метавонад ба беҳтар шудани вазъи экологӣ дар минтақа саҳми назаррас гузорад. Дар натиҷа, сохтмони комплекси гидроэнергетикӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти бисёрҷанба дорад. Он на танҳо кафолати суботи иқтисодӣ ва амнияти энергетикӣ мебошад, балки воситаи муҳимми рушди иҷтимоӣ ва устувории экологӣ низ ба шумор меравад. Истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикии минтақа шароитро барои рушди дарозмуддати иқтисодӣ, ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ фароҳам меорад.

## 1.3. КОНСЕПСИЯИ РУШДИ КОМПЛЕКСИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Бо ба даст овардани истиқлол дар соли 1991, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои бунёди иқтисоди миллии устувор рӯ ба рӯ шуд, ки бояд рушди муназзам ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро таъмин кунад. Соҳаи энергетика ҳамчун ҷузъи муҳимми ин раванд баромад менамояд, зеро вазъият ва рушди он аз кори муваффақонаи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ вобаста аст. Дар шароити надоштани роҳи мустақим ба баҳр, захираҳои табиии нисбатан душвор коркардшаванда ва шароити мураккаби ҷуғрофӣ, Тоҷикистон бояд комплекси энергетикии худро рушд ва амнияти энергетикии худро таъмин намуда, вобастагии худро аз таъминоти берунаи манбаъҳои энергия коҳиш диҳад.

Асоси сиёсати энергетикии Тоҷикистон дар даврони истиқлол Консепсияи [100] рушди захираҳои гидроэнергетикии кишвар гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шароити табиии беназир барои тавлиди неруи барқ аз ҳисоби захираҳои фаровони обӣ, аз қабили дарёҳои Вахш, Панҷ, Зарафшон ва ғайраҳо мебошад. Захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон беш аз 527 миллиард кВт/соатро ташкил медиҳад, ки онро яке аз бузургтарин дар минтақа ва ҷаҳон мегардонад. Дар чунин шароит самти стратегии сиёсати давлатӣ, асосан ба сохтмон ва навсозию таъмир, инчунин бо таҷҳизоти муосири замонавӣ ҷиҳозонидани неругоҳҳои барқи обӣ равона гардид, ки барои таъмини кишвар бо энергияи аз ҷиҳати экологӣ арзон ва тоза мусоидат менамояд.

Рушди Консепсияи энергетикии кишвар дар давраи пасошуравӣ ба зарурати равиши ҳамаҷониба асос ёфтааст, ки на танҳо сохтмони иншооти нави гидроэнергетикӣ, балки навсозии инфрасохтори мавҷуда, беҳтар намудани идоракунии захираҳои обӣ, рушди заминаи ҳуқуқӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро дар бар мегирад. Ин Консепсия ниёзҳои дохилии ҷумҳурӣ ва мавқеи стратегии онро дар Осиёи Марказӣ ба назар мегирад, ки

Тоҷикистон метавонад ҳамчун бозигари муҳимми энергетикӣ баромад намуда, неруи баркро ба кишварҳои ҳамсоя содир кунад.

Ҷорӣ намудани ин Консепсия зарурати ба назар гирифтани омилҳои зиёдеро, аз қабили суботи сиёсӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, тағйирёбии иқлим ва вазъи иқтисодии кишварро дошт.

Ҳамин тариқ, Консепсияи рушди энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолият на танҳо маҷмуи чорабиниҳо ва стратегияҳо, балки барномаи мукаммалест, ки ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, некуаҳволии иҷтимоӣ ва ҳифзи захираҳои табиии кишвар равона шудааст. Дар шароити тағйирёбии босуръати вазъияти ҷаҳонӣ Консепсияи мазкур яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад, ки рушди кишварро дар дурнамои дарозмуддат муайян мекунад.

Солҳои 1985 то 1991 оғози давраи нав дар таърихи Иттиҳоди Шуравӣ буд, ки бо номи «Бозсозӣ» маъруф аст. Роҳбарияти нави ҲКИШ таҳти роҳбарии Михаил Сергеевич Горбачёв ва дигар ислоҳотгарон кӯшиш карданд, ки кишварро аз ҳолати рукуде, ки аз роҳбарияти Л.И. Брежнев ба мерос гирифта буд, берун баророанд ва сотсиализмро ба стандартҳои ҷаҳонии муосир мутобиқ созанд [96, с. 433-434].

Анҷумани XXIV-и ҳизб, ки моҳи феврали соли 1988 баргузор гардид, пас аз Пленуми апрели соли 1985 Кумитаи Марказии ҲКИШ, дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро тарҳрезӣ намуд, ки ба татбиқи тағйироти амиқ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ равона шуда буд. Ин давра тағйироти инқилобиро дар сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ дар назар дошт.

Дар чунин шароит, падидаҳои бӯҳронӣ падид омаданд ва ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи Иттиҳоди Шуравиро фаро гирифтанд. Манзараи сиёсӣ ҳарчи бештар пуртаниш мегардид, бо пайдоиши нуқтаҳои доғ ва тавсеаи ҳаракатҳои демократӣ. Дар чунин шароити душвори сиёсӣ, ҶШС Тоҷикистон ба татбиқи ҳадафҳои нави Барномаи панҷсолаи дувоздаҳум шуруъ намуд, ки бо мақсадҳои рушди муқарраркардаи Анҷумани XXVII

ҲКИШ ва Анҷумани XX Ҳизби коммунисти Тоҷикистон мувофиқ буданд. Нақшаи нави панҷсола афзалиятро ба рушди бахши энергетикаи обӣ, филиззоти ранга, саноати кимиё, саноати мошинсозӣ ва сохтмон дод. Таваҷҷӯҳи махсус ба сохтмони босуръати НБО-и Роғун, инчунин, оғози корҳо дар нерӯгоҳҳои барқи обии Сангтӯда ва Помир равона шуд. Чораҳо барои афзоиши истихроҷи ангишт ва истеҳсоли молҳои истеъмолӣ андешида шуданд [96, с. 438].

ҶШС Тоҷикистон, ҳамчун ҷумҳурии тттиҳодӣ, ба гирдоби рӯйдодҳои сиёсии ин кишвар кашида шуд, ки ба зудӣ ба пошхӯрии ин кишвар кашида шуд ва оғози як фоҷиаи бузург барои ҷумҳурӣ гардид. Бозсозӣ вазъияти сиёсиву иҷтимоиро боз ҳам муташанниҷ кард ва омилҳои ниҳоии буҳрони ояндаро ошкор намуд. Дар Тоҷикистон ташкилотҳои ғайрирасмии зиёд ва ҳизбҳои нави сиёсӣ, ки ба сӯи қудрат мерафтанд, вазъияти хатарнокро ба вуҷуд оварданд. Бозсозие, ки дар ибтидо барои баровардани кишвар аз рукуд пешбинӣ шуда буд, ба як буҳрони амиқи сиёсӣ мубаддал гашт. Имзои Созишномаи Беловежская Пуша дар соли 1991 ва пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ба поёни «Бозсозӣ»-и Горбачёв ишора мекард [96, с. 450-451].

Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар аввали солҳои 1990-ум боиси пайдоиши давлатҳои нави мустақил гардид, ки ҳар яке вазифаҳои муҳимро бар дӯш доштанд: таҳкими истиқлолияти худ ва таҳияи сиёсати дохилию хориҷӣ дар асоси моделҳои муосири тамаддунӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун яке аз ин давлатҳои тозабунёд, низ бо мушкилиҳои ташкили сохторҳои нави миллӣ ва давлатсозӣ ва муайян кардани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ рӯ ба рӯ гардид.

24-уми августи соли 1990 дар ҷаласаи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум), Эъломияи соҳибихтиёрии давлат қабул гардид. Ин ҳуҷҷат, ки як марҳалаи муҳимми таърихӣ дар раванди соҳибихтиёрии кишвар буд, баробарии ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои мардумиро, ба шарте ки фаъолияташон мухолифи Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон набошад, эътироф кард.

Эъломия ба ташаккули асосҳои ҳуқуқӣ барои таъмини истиқлолияти давлатӣ ва рушди минбаъдаи сиёсии Тоҷикистон дар доираи низоми шуравӣ роҳ кушод [34, с. 10-11]. Ҳамчунин, эҳёи мақоми миллӣ ва фарҳангии кишвар, ҳифзи анъанаҳо ва расму оинҳои таърихӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамаи шаҳрвандонро кафолат медод.

Қадами баъдӣ қабули қарор аз ҷониби Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ин як марҳилаи нав дар таърихи кишварро ифода намуда, оғози роҳи давлатдории мустақил ва воқеияти нави сиёсиву иқтисодӣ буд [34, с. 3, 8, 14].

Бояд зикр намуд, ки Эъломия аввалин санаде буд, ки Тоҷикистонро ҳамчун як кишвари озоду мустақил муаррифӣ мекард ва ҳамаи амволи давлатӣ, ширкатҳо, муассисаҳо ва созмонҳое, ки аз низоми шуравӣ ба мерос гирифта буданд, ҳамчун моликияти миллӣ эътироф намуд. Ба ин амвол дохил мешуданд: корхонаҳои истеҳсолӣ, инфрасохтор, системаҳои коммуникатсионӣ, нақлиёт ва соҳаҳои сӯзишвориву энергетикӣ. Эъломия барои рушди мустақили Тоҷикистон ва ҳамгироии он ба ҷомеаи байналмилалӣ асос гузошт [96, с. 450].

Ҷаласаи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум), ки моҳи ноябри соли 1992 дар Хуҷанд баргузор шуд, оғози тағйироти созанда дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро нишон дод. Дар ин ҷаласа ҳукумати нав ташкил карда шуд, ки Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ниҳоди олии ҳокимият баромад кард.

Ин ҷаласа роҳеро барои гузариши кишвар ба иқтисоди бозорӣ таъйин намуда, зарурати ислоҳоти ҳамаҷониба дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, тиббӣ ва иқтисодӣ таъкид кард.

Даҳ сол пас яке аз намояндаи ҷаласаи шонздаҳум гуфта буд, ки ҳоло барои ҳар як шахси оқил равшан аст, ки маҳз азму талошҳои Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро аз хатти нобудӣ наҷот доданд, ки ин воқеиятро ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои зиёде эътироф карданд.

Бо вуҷуди ин, ҷанги шаҳрвандӣ ва камбизоатии густурда татбиқи босуръат ва самарабахши барномаҳои ислоҳотиро мушкил гардонд: «Солҳои низоъ ва даргириҳои марзӣ давраи душвортарини сарнавишти таърихии мардуми тоҷик, як озмоиши сахти устувории онҳо буданд. Саволи асосӣ ин буд, ки оё давлат боқӣ мемонад ё не». Ба гуфтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зарари умумӣ аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 аз 10 миллиард доллари ИМА зиёд буд [157].

Ҷанги шаҳрвандӣ барои Тоҷикистон як фоҷиаи бесобиқа буд, ки ба мардум ва давлат зарари ҷиддӣ расонд. Дар посух ба ин, ҳукумат тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дод, то аз манбаъҳои дохилӣ ва дастгирии хориҷӣ барои татбиқи барномае, ки ба эҳёи иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии оянда равона шуда буд, истифода барад [118].

Ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ниёз ба таъсиси асосҳои ҳуқуқӣ барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дошт. Ислоҳоти мазкур эҷоди заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои эҷодии шаҳрвандон, афзоиши масъулият дар байни хизматчиёни давлатӣ ва маҳдуд кардани таъсири гурӯҳҳои фасодзадаро дар бар мегирифт.

Аз моҳи ноябри соли 1992 то моҳи ноябри соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистон таҳия ва сипас дар раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул гардид. Ин як марҳилаи муҳимми таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро нишон дод. Ҳамчун воситаи асосии ташаккули чаҳорчӯби иҷтимоӣ ва сиёсӣ, Конститутсия ваҳдати миллиро таъмин намуда, рӯзномаи ислоҳотро муайян ва ба рушди тамоми бахшҳои иқтисодӣ мусоидат намуд. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар бораи нақш ва аҳаммияти Конститутсия қайд намуд: «Шароитҳои мусоид барои рушди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон, дар баробари ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқии миллӣ, муносибатҳои нави сифатнокро миёни шахс, ҷомеа ва давлат, инчунин дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо фароҳам меоранд» [144].

Конститутсияи нав ба давлат имкони андешидани тадбирҳои қатъӣ бар зидди дастгоҳи бюрократии муҳофизакор ва муттаҳидсозии кӯшишҳо барои пешгирии муноқишаҳо ва буҳронҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минбаъдаро фароҳам овард. Ин эътимоди мардумро ба роҳбарияти нав тақвият дода, бо дастгирии васеи ҷомеа барои ташкили ҳукумати президентӣ ба мақсади таъмини рушди баробар дар ҷомеа ҳамроҳ гардид. Қабули Конститутсия дар таърихи 6 ноябри соли 1994 ва сипас интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон аз раиси Шурои Олӣ ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътимоди мардумро ба ҳукумати нав инъикос кард [152, с. 35].

Ислоҳоти сиёсиро ислоҳоти иқтисодӣ ҳамроҳӣ мекард. Аммо мушкилоти сиёсӣ, пояи заифи иқтисодие, ки аз замони Шуравӣ ба мерос монда буд ва ҳамчунин харобиҳое, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд оварда буд, пешравиро мушкил мекарданд. Дар охири соли 1995 барномаи ислоҳоти иқтисодӣ таҳия ва аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид [152, с. 35]. Ин нақша ба созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ ва молиявӣ пешниҳод шуд ва назари мусбат гирифт. Сарфи назар аз ин кӯшишҳо, ислоҳот ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил нагардид, асосан ба сабаби камбуди вақт, таҷрибаи маҳдуд ва надоштани фаҳмиши кофии қонунгузории гузариш [152, с. 35].

Марҳилаи ибтидоии ислоҳот, ки то соли 1997 давом кард, дар авҷи буҳрони иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ сурат гирифт, ки бо коҳиши шадиди истеҳсолот, набудани танзими иқтисодии давлатӣ ва набудани шароит барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ хос буд.

Баъд аз расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар охири соли 1997, ҳукумати Тоҷикистон ин фурсатро пайдо кард, ки ба раванди ислоҳоти иқтисодӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд ва дар маҷлиси умумии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ноябри соли 1997 ба муҳокимаи он пардохт. Эмомалӣ Раҳмон дар таҳлили муфассали худ оид ба иҷрои барномаи ислоҳоти иқтисодӣ ба сабабҳое, ки ба боздошт ва нокомии он оварда расонида буданд, ишора кард. Ӯ пеш аз ҳама, ба идомаи равоншиносии куҳна

ва умед ба бозгашт ба низоми иқтисодии кухна таваҷҷуҳ намуд. Президент қайд кард: «Азбаски ҳадафи муҳимтарини ислоҳот гузариш аз иқтисодиёти маъмурию фармонфармоёна ба низоми нави иқтисоди бозорӣ мебошад, он асосҳои сохтани муносибатҳои нави иқтисодӣ ва услуби пурмаҳсули идоракуниро мегузорад» [152, с. 35].

Мувофиқи «Барномаи ислоҳоти бунёдини иқтисодӣ», ки то соли 2000 банақшагирӣ шуда буд, бояд аз ду се ҳиссаи моликияти давлатӣ дар Тоҷикистон хусусӣ карда мешуд. Дар натиҷаи татбиқи ин барнома, ҳиссаи корхонаҳои ғайридавлатии шакли моликияти гурӯҳӣ то охири соли 2000 ба 82,5% сатҳи соли 1991 расид. Дар давраи солҳои 1991 то 2000 дар ҷумҳурӣ 1949 корхонаҳои саноатӣ, 89 ташкилоти сохтмонӣ, 2056 иншооти савдо, 46 корхонаи нақлиёт ва алоқа, 512 хоҷагии кишоварзӣ ва 1319 корхонаи соҳаҳои дигари саноатӣ хусусӣ гардонида шуданд. Аммо, 17,5% боқимондаи корхонаҳо, асосан комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ, ки дар оянда бояд пояи иқтисоди Тоҷикистон мешуданд, аз барномаи хусусигардонӣ хориҷ карда шуданд [152, с. 35].

Барои татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва дастгирии таъсиси хоҷагиҳои хусусии фермерӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқиро барои гузаронидани хусусигардонӣ таҳия намуд.

Ҳангоми таҳлили сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд нуқтаи муҳим бояд таваҷҷуҳ кард:

Ҳангоми ба даст овардани истиқлол, Тоҷикистон асосан як кишвари аграрӣ буд, ки 72% аҳолии он ба фаъолияти кишоварзӣ машғул буданд. Аз ин рӯ, ислоҳоти иқтисодӣ бо тағйирот дар бахши аграрӣ оғоз ёфтанд. Моҳи марти соли 1992 Қонуни «Дар бораи хоҷагиҳои фермерӣ» қабул шуд, ки нуқтаи оғози таъсиси навъи нави субъектҳои хоҷагидор гардид. Дар давраи солҳои 1992 то 1997 зиёда аз 8 ҳазор хоҷагии фермерӣ таъсис дода шуд, ки тақрибан 130,000 гектар заминро фаро мегирифтанд. Зиёда аз 80 ҳазор иҷоракорон ба кишти зироат ва боғдорӣ дар заминҳои хушк ва доманакӯҳҳо машғул буданд. Ин хоҷагиҳо 50% истеҳсоли гандуми ҷумҳуриро таъмин

намуда, инчунин, қисми зиёди картошка, сабзавот, мева, гӯшт ва шире, ки дар дохили кишвар истеъмол мешуд, истеҳсол мекарданд [117; 150].

Илова ба рушди кишоварзӣ, ба тиҷорати хурд низ таваҷҷуҳи махсус дода шуд, ки он ба ҷузъи муҳимми иқтисоди миллӣ табдил ёфт. Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар соли 2000 дар 1342 корхонаи хурд тақрибан 14 ҳазор нафар фаъолият мекарданд ва ҳаҷми маҳсулоти тавлидкардаи онҳо 2,5 миллион сомониро ташкил дод, ки ба 15,1 сомонӣ ба як коргар баробар буд [152, с. 41]. Шумораи кормандони машғул дар бахши хусусӣ аз 19,0% дар соли 1991 то 43,1% дар соли 2000 зиёд шуд [187, с. 135].

Соли 2001 дар мулоқот бо соҳибкорон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд: «Имрӯз корхонаҳои хусусӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд. Ба ибораи дигар, соҳибкорӣ ба ҷузъи муҳими ҳаёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Давлати мо, ки роҳи муносибатҳои бозориро интихоб кардааст, ба дастгирии тиҷорат ва таҳкими мавқеи соҳибкорон аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад» [187, с. 36].

Динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1995 то 2003 ба таври возеҳ аҳаммияти ин ислоҳотро тасдиқ намуда, далели пешрафти назаррас дар рушди бахши хусусӣ ва афзоиши умумии иқтисодӣ мебошад [193, с. 15].




Солҳои 1995 то 2003 рушди устувори иқтисодӣ ба назар мерасад, ки ин бо афзоиши назарраси ММД дар миллионҳо сомонӣ ифода меёбад. Сарфи

назар аз коҳиши ибтидоии суръати афзоиши ММД дар солҳои 1995 ва 1996, аз соли 1997 иқтисодиёт ба субот расид, ки ин бо афзоиши ММД дар сатҳи беш аз 100% ҳар сол тасдиқ мегардад.

Сатҳи таваррум дар бахши истеъмолӣ дар соли 1995 хеле баланд буд (2383,7%), аммо то соли 1998 ба 2,7% коҳиш ёфт, ки ин нишонаи муайяни суботи макроиқтисодӣ мебошад. Дар солҳои минбаъда инфлятсия бо вуҷуди каме тағйирёбанда буданаш нисбауан мӯътадил монд.

Сатҳи бекорӣ дар байни 2,0% ва 3,2% тағйир ёфта, дар ибтидо каме афзоиш ёфт, аммо баъдан дар сатҳи тақрибан 2,4–2,5% устувор гардид. Афзоиши аҳолӣ бо тағйироти хурд дар доираи 1,2–2,1% нисбатан устувор монд.

Музди меҳнат дар маҷмуъ афзоиш ёфт, махсусан, аз соли 1997 инҷониб, ки ин нишондиҳандаи беҳтаршавии даромади аҳолӣ мебошад. Даромадҳо ва хароҷоти буҷа дар фоизҳо нисбати ММД тадриҷан устувор гардиданд, ва касри буҷа аз 11,2% дар соли 1995 то ба нишондиҳандаҳои манфӣ (-1,1%) дар соли 2003 коҳиш ёфт, ки ин нишонаи беҳбудии назарраси сиёсати буҷавӣ мебошад.

Содирот ва воридот тағйиротҳо нишон доданд, аммо аз соли 1999 инҷониб афзоиши нишондиҳандаҳои содиротӣ ба назар мерасад. Қурби мубодилаи асъори миллӣ нисбат ба доллари ИМА низ бо вазъияти макроиқтисодӣ ва тағйиротҳо дар бозори асъор вобаста буд.

Дар байни корхонаҳои хусусие, ки дар соли 2010 таъсис ёфтаанд, 300 корхона бо иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ таъсис дода шуданд. Дар ин давра ба Тоҷикистон барои ташкил ва рушди ин корхонаҳо сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба маблағи 253 миллион доллар ворид гардиданд. Аз ҷумлаи бузургтарин корхонаҳои муштарак - «Зарафшон» ва «Дарвоз», ки байни Тоҷикистон ва Британияи Кабир таъсис дода шудаанд, ба коркарди тило ихтисос доранд; корхонаи муштараки Тоҷикистону Корея-«Тоҷикистон-Текстил», ки ба коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ машғул аст; корхонаи муштараки Тоҷикистону Амрико - «Оби Зулол»;

корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин - «Кӯлоб-Текстил» ва якчанд корхонаҳои дигар. Ин ширкатҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва эҷоди ҷойҳои корӣ дар рушди иқтисоди кишвар нақши муҳим бозидаанд [187, с. 137].

Бар асоси маълумотҳо ва таҳлили фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон, дар як давраи нисбатан кӯтоҳ аз солҳои 1992 - 2010 дар ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ пешрафти назаррас ба даст омада буд. Бо дарназардошти вазъи умумии кишвар то соли 1997, ин дастовардҳо боз ҳам бештар ба назар мерасанд.

Бозорҳо ва дуконҳо тадриҷан бо молҳои зарурӣ таъмин гардиданд ва маводҳои қаблан камёфт дар рафҳо пайдо шуданд. Ин тағйирот натиҷаи гузариши воқеии кишвар ба иқтисоди бозорӣ ва барқароршавии тадриҷии он аз буҳрони шадиди иқтисодие буд, ки даҳсолаи аввали истиқлолиятро фаро гирифта буд. Дақиқияти маълумотҳои нашршуда ва нишондиҳандаҳои мушаххаси рушди иқтисодӣ дар оянда, ҳангоме ки дастрасӣ ба бойгониҳои воқеии вазорату идораҳо имконпазир мешавад, бешубҳа тафтиш карда мешаванд.

Ташаккули муносибатҳои бозорӣ нишон дод, ки комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ соҳаи калидӣ буда, устувории иқтисоди Тоҷикистонро таъмин мекунад. Аҳаммияти он на танҳо барои кишвар, балки барои тамоми минтақа, аз ҷумла, давлатҳое чун Афғонистон, Покистон ва Ҳиндустон меафзояд. Ҳамзамон, талабот ба содироти неруи барқ ва идоракунии самарабахши захираҳои обӣ афзоиш ёфт. Аммо, маҳдудиятҳои молиявӣ ҳатто иҷрои корҳои пешгириии заруриро, ки барои пешгирӣ аз фарсудашавии таҷҳизоти иншооти энергетикӣ лозим буданд, халалдор карданд. Ба сабаби маҳдуд будани буҷет, ҳам таъмири асосӣ ва ҳам таъмири ҷорӣ дар таҷҳизоти асосӣ ва ёрирасони нерӯгоҳҳо ва зеристгоҳҳо солҳо боз беэътиноӣ карда мешуданд.

Дар давраи солҳои 1992 то 2010 бисёр агрегатҳо бе таъмири капиталӣ кор мекарданд, ки ба самаранокии онҳо таъсири манфӣ мерасонд. Масалан,

таҷҳизоти НБО-и Варзоб 1, 2, 3, Қайроққум, Асосӣ, Шаршара, Марказӣ ва Норак (дар рӯди Вахш) аз давраи истифодаашон хеле зиёд гузашта, ба навсозӣ ва татбиқи технологияҳои муосир ниёз доштанд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз вазъи бухронӣ дар аксари соҳаҳои саноат, аз ҷумла, бахши сӯзишворӣ ва энергетика дар солҳои 1990, истеҳсоли неруи барқ дар Тоҷикистон нисбатан муътадил боқӣ монд [147, с. 100].




Динамикаи рушди саноатӣ аз соли 1991 то 2003 нишон медиҳад, ки дар бахшҳои гуногун тағйироти назаррас ба амал омадааст. Дар солҳои 1990-ум коҳиши шадиди истеҳсоли саноатӣ, бахусус дар соҳаҳое ба монанди мошинсозӣ, коркарди металл ва истихроҷи ангишт ба вуҷуд омад, ки ин нишондиҳандаи мушкилоти иқтисодӣ дар ин давра мебошад. Бархе аз соҳаҳо, аз қабили саноати сӯзишворӣ, дар сатҳҳои нисбатан паст боқӣ мондаанд, ҳарчанд дар охири давра афзоиши каме нишон медиҳанд.

Мувофиқи ақидаи мутахассисон, чунин коҳиш дар энергетикаи ҷумҳурӣ дар натиҷаи паҳншавии чандин падидаи манфӣ ба вуҷуд омадааст [193, с. 23].

Ислоҳоти иқтисодӣ ва хусусигардонии корхонаҳо дар Тоҷикистон солҳои 1990-ум ба рушди саноат ва норасоии энергия дар кишвар таъсири назаррас расонд. Марҳилаи аввали хусусигардонӣ (1991-1995) дар шароити суботи заифи сиёсӣ ва суръати бетартибона, ки суст сурат гирифт ба

тағйироти ҷиддӣ дар моликияти давлатӣ оварда нарасонид. То соли 1995 ҳиссаи моликияти давлатӣ (97,7%) нигоҳ дошта мешуд [8, л. 23].

Дар ҳамин давра истеҳсолот, бахусус дар соҳаҳое ба монанди истихроҷи ангишт ва нафт, ба таври шадид коҳиш ёфт. Истеҳсоли ангишт аз 309,100 ҳазор тонна дар соли 1991 то 18,900 ҳазор тонна дар соли 1996 коҳиш ёфт [167, с .19], ва истихроҷи нафт аз 76,1% дар соли 1991 то 38% дар соли 1995 кам шуд. Истеҳсоли неруи барқ нисбатан муътадил боқӣ монд, аммо бо дарназардошти пасравии умумии иқтисодӣ, ин барои қонеъ кардани талаботи дохилӣ кофӣ набуд.

Марҳилаи дуюми хусусигардонӣ (1997-2000) буҳрони энергетикиро шадидтар кард, вақте ки коҳиши истеҳсоли сӯзишворӣ ва норасоии неруи барқ ба оқибатҳои фоҷиабор оварда расонд. Дар ҳамон давра «Барномаи хусусигардонии хурд» ба анҷом расид ва корхонаҳои калони давлатӣ ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ табдил дода шуданд, ки дар онҳо давлат назорати пакети назоратии саҳмияҳоро нигоҳ дошт [8, л. 24].

Дар бозори дохилии молҳои электрикӣ воридот, асосан аз Чин, ҳукмронӣ мекард, ки ин на танҳо хароҷоти аҳолиро зиёд мекард, балки ба буҷаи таъмини барқ ва бозори ташаккулёфтаи неруи барқ таъсири манфӣ мерасонд. Неруи барқ, ҳамчун мол, қобилияти захирашавӣ ва қонеъ кардани талаботи афзояндаро надорад, ки ин зарурати ташкили бозори махсусро бо назардошти хусусиятҳои он ба вуҷуд меорад [191, с. 4].

Аз соли 2000 то 2010 бозори неруи барқ дар Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш аз танзимшаванда ба танзимкунанда қарор дошт, ки боиси пайдоиши шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, инчунин, пайдоиши бозорҳои «якрӯза» ва «тағйироти воқеӣ» гардид. Дар ин шароит, истеҳсолкунандагон бояд хусусиятҳои бозори дохилиро ба назар гирифта, онро инкишоф диҳанд, то таъмини устувори барқ ва қонеъ гардондани талаботи дохилиро таъмин намоянд [191, с. 4].

Дар сохтори комплекси сӯзишворӣ-энергетикии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1991 то 2010 тағйироти назаррас ба амал омад, ки бо ислоҳоти иқтисодӣ, хусусигардонӣ ва тағйирот дар идоракунӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар солҳои 1991-1997 ҳиссаи соҳаҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ дар таркиби корхонаҳои саноатӣ аз 4,4% то 26,6% зиёд шуд, ки ин нишондиҳандаи рушди онҳо дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Аммо то соли 2000 ин нишондиҳанда то 7,4% коҳиш ёфт, ки ин ба мушкилоти сохторӣ ва бухронҳо дар энергетика ишора мекунад. Аз солҳои 2001 то 2003 ин ҳисса аз 6% то 7% тағйир ёфта, сипас то соли 2010 ба 14,9% расид [191, с. 4]. Ин нишондиҳандаи талошҳо барои ба эътидол овардан ва рушди соҳаи энергетика мебошад [191, с. 6].

Дар ин раванд ба идоракунии комплекси энергетикӣ тағйироти ҷиддӣ ворид гардид, ки ба дигаргуниҳои бузурги ташкилӣ, ба монанди қабули Қонун «Дар бораи энергетика» дар соли 2000, ки чорчӯбаҳои асосии ҳуқуқӣ ва ташкилотиро барои танзими фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи энергетика муқаррар кард, оварда расонд. Сарфи назар аз чораҳои андешидашуда, дар кишвар мушкилоти марбут ба норасоии сармоягузорӣ, идоракунии заиф ва набудани стратегияи ягонаи рушд боқӣ монданд.

Яке аз мушкилоти асосӣ бад шудани вазъи саноати ангишт буд. Истихроҷи ангишт аз 309,100 ҳазор тонна дар соли 1991 то 20,000 тонна дар соли 2000 коҳиш ёфт, ки ин бо мушкилоти истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва набудани сармоягузории зарурӣ вобаста буд [167, с. 19].

Мушкилоти иқтисодӣ, набудани таҷриба дар идоракунии корхонаҳои навтаъсис ва ҳамгироии заифи низоми энергетикии шимол ва ҷануби кишвар ба амиқшавии бухрони энергетикӣ мусоидат карданд. Илова бар ин, қатъи робитаҳои иқтисодӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва аз даст додани дотатсияҳо вазъро бадтар карданд.

Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин тадбирро барои бозсозӣ ва навсозии комплекси сузишворию энергетикӣ (КСЭ) амалӣ намуд ва санадҳои стратегиро таҳия намуда, барои ташкили шароит барои

иқтисоди бозорӣ қадамҳо гузошт. Аммо мушкилот дар бахши энергетика боқӣ монда, барои беҳтар намудани идоракунӣ ва инфрасохтор барои таъмини эътимодноки неруи барқ талошҳои минбаъда талаб мекарданд.

Рушди комплекси сӯзишворӣ-энергетикии Тоҷикистонро дар аввали асри XXI чандин ташаббуси стратегӣ ва чорабиниҳо барои бартараф кардани буҳрони энергетикӣ ва таъмини амнияти энергетикии кишвар ҳамроҳ буд. Яке аз қадамҳои калидии қабули «Консепсияи рушди комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ барои солҳои 2003–2015» дар соли 2002 буд, ки самтҳо ва афзалиятҳои асосии рушди соҳаҳоро муайян намуд. Консепсия барқарорсозии корхонаҳо, демонополизатсия, ҷалби сармоягузорӣ, такмили заминаи ҳуқуқӣ ва рушди илмӣ-техникиро дар бар мегирифт [11, с. 8].

Ин кӯшишҳо барои бартараф кардани оқибатҳои пастравии шадиди иқтисодӣ, ки боиси коҳиши истихроҷи ангишт, нафт, газ ва неруи барқ гардиданд ва инчунин, барои коҳиши истеъмол ва вобастагӣ аз воридоти захираҳои энергетикӣ таҳия шуда буданд. Консепсия ба рушди захираҳои худӣ ва инфрасохтор, инчунин, ҷорӣ кардани усулҳои муосири идоракунӣ ва технологияҳо ҳадаф мегузошт.

Бахши муҳимми стратегияи мазкур ба фанновариҳои каммасраф, аз ҷумла рӯшноии диодӣ буд, ки бо қабули як силсила фармонҳо ва қарорҳо, аз ҷумла, манъи фурӯши лампаҳои фурӯзон оғоз шуд. Ин як қисми сиёсати самаранокии энергетикии ҳукумат буд, ки ба кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокӣ нигаронида шудааст.

Дар соли 2009 «Барномаи стратегии бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқӣ» ба тасвиб расид, ки дар он талошҳои Тоҷикистон барои таҳкими истиқлоли энергетикӣ аз ҳисоби истифодаи захираҳои дохилӣ, бахусус неруи барқ таъкид шудааст.

Ҳамаи ин тадбирҳо ва ташаббусҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳукумат ва роҳбарияти кишвар аҳаммияти соҳаи энергетикаро барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дарк намуда, ҷиҳати дастгирӣ ва навсозии он тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Иқтидори захираҳои Тоҷикистон дар солҳои 2000-2020 аз рӯи соҳаҳои КСЭ ба таври зайланд: ангишт – 0,67- 1,0 млрд тонна; нафт – 5,4-10 млн тонна; газ – 9,2-10 млрд метри мукааб; иқтидори об - 80-85 кВт/соат; манбаҳои барқароршавандаи энергия бо фаро гирифтани МГС – 18,14-18,14 кВт/соат дар як сол мебошад [122, с. 7]. Сохтори умумии захираҳои солонаи энергияи Тоҷикистон; аз рӯи захираҳои об – 158,12; ангишт – 13,35; газ – 1,85 ва газ 0,7 тоннаи шартиро ташкил додааст. 94-96 дарсади ҳаҷми истеъмоли энергияро энергияи барқӣ ташкил медиҳад. Иқтидори муқарраршудаи ҳамаи навъҳои истгоҳҳои барқӣ 4,4 кВт/соатро ташкил додааст.

Вале дар оғози давраи мазкур фақат қариб 5% иқтидори аз нигоҳи иқтисодӣ самараноки гидроэнергетикаи кишвар, яъне аз 327 млрд кВт/соат дар як сол аз худ карда шудааст [100; 121, с. 7].

Бо дарназардошти кори иҷрошуда, дар Консепсияи рушди соҳаҳои энергетика дар солҳои 2003-2015 қайд карда шудааст: «Бартарафсозии мустақилонаи тамоюлоти нишон додашудаи манфӣ дар ҷумҳурӣ имконнопазир аст. Зарурати андешидани чораҳо, амалҳои муофиққунонидашуда бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, иттиҳоди Авруосиё дар мавриди рушди соҳаҳои КСЭ барои замони наздик ва дар дурнамо ба миён омадааст» [100; 121, с. 7].

Албатта, душвориҳое ки дар арафаи соҳибистиқлолӣ ба вуҷуд омада буданд, бартарафшаванда буданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои муқтадири гидроэнергетикӣ, нафт, газ, ангишт ва энергетикаи алтернативӣ мебошад.

Яке аз тарҳҳои ҷолиб ин неругоҳи Даштиҷум бо иқтидори 4000 МВт ва ҳаҷми обанбори 17,6 километри мукааб аст, ки дар марзи Тоҷикистону Афғонистон ҷойгир буда, барои обёрии садҳо ҳазор га заминҳои кишт дар минтақа аҳаммияти бузург дорад.

Таҳияи лоиҳаи пешакии техникию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки НБО-и Даштиҷум яке аз бузургтарин неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барои ҳамаи кишварҳои минтақа муфид аст.

Дар оянда, он ҳамчун як маркази минтақавӣ барои таъмини энергия ва обёрӣ фаъолият хоҳад кард ва барои обёрии садҳо ҳазор га заминҳои кишоварзии Афғонистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон об таъмин хоҳад кард. Инчунин, НБО-и Рӯшон бо иқтидори 3000 МВт ва НБО-и Дарвозаи мармарин бо иқтидори 2100 МВт дар назар дошта шудаанд.

Тавоноии техникии сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ бо иқтидори умумии 10,55 миллиард кВт/соат дар дарёи Зарафшон вуҷуд дорад, ки захираҳои эҳтимолии гидроэнергетикии он зиёда аз 33,94 млрд кВт/соатро ташкил медиҳад. Дар айни замон, дар ин рӯд ин нерӯгоҳҳои барқии обӣ фаъолият мекунанд:

**Захираҳои эҳтимолии гидроэнергетикии дарёи Зарафшон**




Дарёи Кофарниҳон иқтидори коркарди миёнаи эҳтимолии 37,22 млрд кВт/с**оат**ро дорад ва аз нигоҳи техникӣ бунёди НБО бо иқтидори умумии 8.7 кВт/соат имконпазир аст. Дар ин ҷо неругоҳҳои зерин амал мекунанд:

**Захираҳои эҳтимолии гидроэнергетикии дарёи Кофарниҳон**




Инчунин, дарёҳои Оби Ҳингоб (бо 5 НБО бо иқтидори умумии 2650 МВт); Сурхоб (4 НБО бо иқтидори умумии 700 МВт); Ғунд (13 НБО бо иқтидори умумии 356,4 МВт); ва Бартанг (5 НБО бо иқтидори умумии 485,9 МВт) аз ҷиҳати иқтисодӣ ҷолиб ва аз ҷиҳати техникӣ асоснок мебошанд [167, с. 15-17].

Дар соҳаи рушди иқтисодии Тоҷикистон, олимони Маркази тадқиқот ва истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар назди Институти физика ва техника ба номи С. Умарови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи пешакӣ гузаронда, натиҷаҳое ба даст оварданд, ки имкониятҳои зиёди истифодаи дарёҳои хурдро барои сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ бо иқтидори аз 1 то 1000 кВт/соат нишон медиҳанд. Муайян карда шудааст, ки чунин иншоот метавонад аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок бошад, бо дарназардошти мавҷудияти захираҳои зарурӣ дар кишвар: масолеҳи маҳаллии сохтмонӣ, захираҳои меҳнатӣ, таҷрибаи сохтмон ва дигар омилҳое, ки ба татбиқи лоиҳаҳои боарзиш дар ин соҳа мусоидат мекунанд.

Аз ҷиҳати техникӣ имконпазир ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок аст, ки дар дарёҳои минтақаҳои кӯҳистонии ҷумҳурӣ зиёда аз 1000 нерӯгоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидори аз 10 то 3000 кВт/соат бунёд карда шаванд. Минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан, барои рушди гидроэнергетикаи хурд мувофиқ аст; тақрибан 100 неругоҳи хурд дар ин ҷо сохта мешавад. Тибқи таҳқиқоти

асосноккунандаи иқтисодӣ, сармоягузории умумии 44 миллион доллари ИМА метавонад истеҳсоли миёнаи солонаи неруи барқро ба иқтидори 348 миллион кВт/соат таъмин намояд.

Истифодаи энергияи офтобӣ дар Тоҷикистон хеле ояндадор ба назар мерасад, зеро шароити иқлимии кишвар имкониятҳои мусоидро барои татбиқи самараноки он фароҳам меорад. Илова бар ин, истифодаи энергияи бод, об ва биомасса низ дорои имкониятҳои бузург мебошад. Тибқи маълумоти олимон, ҳадди ақалли миқдори афканишоти офтобӣ дар истгоҳҳои баландкӯҳ мушоҳида мешавад: Деҳваз (2097 соат), манбаи дарёи Зарафшон дар баландии 2500 метр ва истгоҳи «Пиряхи Федченко» дар баландии 4169 метр (2217 соат). Дар ҳамин ҳол, дар ҷануби ҷумҳурӣ давомнокии равшании офтоб дар як сол беш аз 3000 соатро ташкил медиҳад, масалан, дар истгоҳи обуҳавосанҷии Панҷ он 3029 соат ва дар истгоҳи Қарокӯл дар шарқи Помир - 3116 соат мебошад.

Рушди бахши энергетикаи Тоҷикистон тибқи Консепсияи ҳукуматӣ, ки аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои обӣ Тоҷикистон амалӣ мешавад, танзим мегардад. Ин вазорат дар соли 2000 дар заминаи Ҷамъияти саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» таъсис ёфтааст. Аз замони таъсисёбии худ Вазорат роҳи дарози тағйиротро аз муассисаи сохтмони НБО-и Варзоб дар соли 1931 ва комбинати энергетикии Сталинобод (ҳоло Душанбе) дар соли 1951, то ба «Тоҷикэнерго» дар соли 1957 ва минбаъд то сатҳи Раёсати асосии энергетика ва электрификатсияи Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар соли 1983 расидан, тай кардааст.

Дар солҳои истиқлол дар сохтори бахши энергетикаи Тоҷикистон тағйироти назаррас ба амал омад, аз ҷумла, таъсиси муассисаҳои нав ва навсозии сохторҳои мавҷуда. Ислоҳоти мазкур имкониятҳои беҳтар барои идоракунии самараноки захираҳои энергетикӣ, таъмини устувори қувваи барқ ва таҳкими устувории иқтисодии кишварро фароҳам овард.

Ин талошҳо ба табдил додани Тоҷикистон ба маркази энергетикии минтақа равона шудаанд, ки имкон медиҳад даромади назаррас аз содироти

неруи барқ ба даст оранд ва истиқлолияти иқтисодии кишварро тақвият диҳанд.

Инфрасохтори муосири ШСХК «Барқи Тоҷик» неругоҳҳои барқии обӣ ва гармӣ, зеристгоҳҳои сершумор ва хатҳои интиқоли барқро, ки тамоми ҳудуди ҷумҳуриро фаро мегиранд, дар бар мегирад. Дар солҳои охир ба навсозии иншооти мавҷуда ва ҷорӣ кардани технологияҳои нав таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст, ки ин ба баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии кори низоми энергетикӣ мусоидат кардааст.

Татбиқи Консепсияи давлатии рушди бахши энергетикӣ аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зиёда аз 80 сол таърих дорад ва роҳи рушдро тай кардааст, амалӣ карда мешавад. Дар соли 1931, он ҳамчун муассисае барои сохтмони НБО-и Варзоб 1, 2, 3 номида мешуд, ки то соли 1951 аз ҷониби мутахассисон ва ташкилкунандагони маъруф М. Рубинштейн, Сосин, Дудаев ва И.Д. Гриднев роҳбарӣ карда мешуд. Соли 1951 дар асоси он коргоҳи энергетикии Сталинабад таъсис ёфт, ки роҳбари он И.Д. Гриднев таъин шуд, баъдан В.И. Люлчак ба ҷойи ӯ омад. Дар он замон электроэнергетика дар Тоҷикистон ба таври муваффақ рушд мекард, миқдори неругоҳҳои оби барқӣ ва истеҳсоли қувваи барқ афзуда, захираҳои нави сӯзишворӣ ва энергетикӣ, ба монанди нафт, газ, ангишт ва ғайра, кашф карда шуданд. Коргоҳ аз доираи вазифаҳои маҳдуд берун рафта, ба як объекти ҷиддии хоҷагии давлатӣ табдил ёфт [84, с. 71-72; 127, с. 7; 192, с. 45-46].

Соли 1957 тибқи қарори муштараки ҳукумати марказӣ ва ҳукумати ҶШС Тоҷикистон комбинати энергетикӣ ба «Тоҷикэнерго» табдил дода шуд ва то соли 1983 мақоми он ба Раёсати энергетика ва электрификатсияи Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон баланд бардошта шуд.

Дар солҳои истиқлол, ҳукумати ҷумҳурӣ зарур шуморид, ки 24 июни соли 1992 Раёсати энергетика ва электрификатсияро ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи холдинги «Барқи Тоҷик» табдил диҳад. 25 октябри соли 2000 бо

фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

19 январи соли 2004 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгоҳи марказии роҳбарии ҶСКХ «Барқи Тоҷик» ба ҳайати Вазорати энергетика ворид карда шуд. Мувофиқи қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ «Дар бораи иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2004 № 1249» то замони таъсиси созмони нави соҳаи энергетикаи сӯзишворӣ дастгоҳи марказии Ассотсиатсияи ширкатҳои холдинги саҳҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ба дастгоҳи марказии Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ 29 декабри соли 2000 тасдиқ шудааст, дохил карда шуд [40].

Тибқи ислоҳоти номбурда, инчунин, ба номҳои корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои саҳомии фаъол дар соҳаи энергетика тағйирот ворид карда шуданд [40].

Бо вуҷуди ин, соли 2006 бо фармони Президенти кишвар дар сохтори Вазорати энергетикаи Тоҷикистон тағйироти нав ворид карда шуд. Пеш аз ҳама, ҶСКХ «Барқи Тоҷик» аз дастгоҳи марказии Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуд; вазифаҳо, шумораи кормандон ва сармоягузориҳои Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бознигарӣ карда шуданд [125, с. 9].

Инфрасохтори ҶСКХ «Барқи Тоҷик» неругоҳҳои барқии обӣ ва гармиро дар бар мегирад, аз ҷумла, неругоҳҳои гармӣ ва сӯзишвории Душанбе, Душанбе-2, Ёвон, неругоҳҳо дар Душанбе, неругоҳҳои марказӣ дар Рӯдакӣ, Турсунзода, Душанбе-Вахш, ва силсиланеругоҳҳои Варзоб ва чандин истгоҳҳои дигар дар ҷануб ва шимоли ҷумҳурӣ, ки иқтидори онҳо аз 2-20 МВт то 300 МВт мебошад, инчунин садҳо хатти интиқоли барқи ҳавоӣ ва зеризаминӣ.

Бо мақсади дастгирии сохтмони нерӯгоҳҳои барқии калон ва хурд, ба мисли марҳилаҳои якум ва дуюми НБО-Роғун, НБО-и Сангтӯда-1, НБО-и Сангтӯда-2 ва НБО-и Помир-1, ҶСКХ «Барқи Тоҷик» бо ширкати «Тебян

Электрик Аппарат Смок Корпорейшн» (ТВЕС) дар Шанхай барои сохтани хатти баландшиддати интиқоли барқи Шимол-Ҷануб (500 кВт) ва хати Лолазор-Кӯлоб (220 кВт) шартнома ба имзо расонд [129, с. 118].

Дар маросими оғози ин лоиҳаҳо 12 сентябри соли 2006, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, таъкид намуд, ки «таъмини иҷрои муваффақи лоиҳаҳо оид ба сохтмони хатҳои Шимол-Ҷануб, Лолазор-Кӯлоб, неругоҳҳои Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 Тоҷикистонро ба шабакаҳои барқии минтақавӣ мепайвандад ва онро ба як маркази бузурги энергетикӣ табдил медиҳад. Дар натиҷа, Тоҷикистон аз содироти неруи барқ солона зиёда аз 500 миллион сомонӣ даромади холис хоҳад гирифт». Ин хатҳои интиқол инчунин дорои аҳаммияти байналмилалӣ мебошанд.

Хатти интиқоли барқи баландшиддати Шимол-Ҷануб ва Лолазор-Кӯлоб ҳамчун хатҳои асосии интиқоли барқ ба сарҳад хизмат мекунанд. Хатти Шимол-Ҷануб (500 кВт) пайвастшавии хатти Датка-Хуҷанд (Қирғизистон) бо ҷануби Қазоқистон ва Урали Русияро таъмин мекунад, дар ҳоле ки хатти Лолазор-Кӯлоб имкони содироти барқи Тоҷикистонро ба Афғонистон ва эҳтимолан, ба дигар кишварҳо фароҳам меорад.

ҶСКХ «Барқи Тоҷик», инчунин, масъули татбиқи барномаи сохтмони неругоҳҳои хурд ва микрогидроэнергетикӣ дар минтақаҳои кӯҳистонӣ, ба мисли Мастчоҳ, Ғарм ва Лахш мебошад, ки ин лоиҳаҳо аввалан дар солҳои 1991-1992 таҳия шуда буданд. Дар соли 1995, як лоиҳаи барнома барои истифодаи захираҳои энергетикии дарёҳои хурди ВМКБ такмил дода шуд [84, с. 116-117].

Пешбинии талабот ба намудҳои гуногуни энергия ва рушди соҳаи неруи барқ дар доираи стратегияи иқтисодии давлат бароиояндаи наздик ва дур яке аз омилҳои марказии Консепсияи рушди соҳаи энергетика мебошад. Бо дарназардошти вазъи кунунии сиёсӣ ва иқтисодӣ, эҳёи иқтисоди миллӣ талаботи баланди рушдро барои таъмини рушди устувор дар оянда дорад. Барои расидан ба ин ҳадаф, сармоягузориҳои назаррас дар соҳаи сӯзишворӣ ва энергетика зарур аст.

Тибқи пешгӯиҳои мутахассисон, талабот ба намудҳои гуногуни энергия дар соли 2015 нисбат ба соли 2001 афзоиш ёфтааст, ки зарурати афзалият додан ба сиёсати энергетикиро нишон медиҳад. Ин пешгӯӣ ҳамчунин, зарурати рушди босуръати соҳаи сӯзишворӣ ва энергетикаро асоснок намуда, ба анҷом расонидани лоиҳаҳои сохтмонии ҷорӣ, барқарорсозии иншооти мавҷуда, коркарди захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикӣ ва ба истифода додани иншооти навро таъкид мекунад.

Дар марҳилаи аввал (солҳои 2003-2007), Ҳукумат ва муассисаҳои дахлдор ба пешгирӣ аз коҳиши истеҳсоли энергия тавассути барқарорсозии иқтидорҳои мавҷуда, истифодаи технологияҳои пешрафта ва муқаррар намудани нархҳои бозорӣ барои намудҳои гуногуни энергия тамаркуз карданд. Ин шароит барои худкифоӣ ва устувории молиявии соҳаҳои сӯзишворӣ ва энергетикаро фароҳам овард [126, с. 6-7].

Марҳилаи дуюм (солҳои 2007-2011) рушди комплекси сӯзишворӣ ва энергетикаро асосан тавассути ба истифода додани иншооти нави гидравликӣ, кашфи заминшиносӣ ва омодасозии конҳои нави нафту газ, инчунин, такмили усулҳои истихроҷ ва коркарди ангишт ва рушди манбаъҳои алтернативии энергия, аз ҷумла, насби таҷҳизоти офтобӣ ва бодӣ, пешбинӣ кард.

Марҳилаи сеюм (солҳои 2012-2016) ба таъмир, таҷдид ва таҷҳизонидани нерӯгоҳҳои мавҷуда, аз қабили Варзоб-1, 2, 3, Қайроққум ва Норак бо технологияҳои муосир равона шуда буд, ки ин раванд то имрӯз идома дорад.

Пешгӯиҳо барои рушди соҳаи сӯзишворӣ ва энергетика, инчунин чаҳорчӯби меъёрии ҳуқуқӣ, сиёсати илмӣ, техникӣ ва кадрии Ҳукумат барои гузариш ба иқтисоди бозорӣ бо ҳам пайваста ва якдигарро дастгирӣ мекунанд. Таъмини соҳаҳои сӯзишворӣ ва энергетика бо роҳбарони касбӣ ва дастгирии муассисаҳои илмӣ ва техникӣ муҳим аст.

Масалан, дар соли 2006, 50 хатмкардаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба кор дар ҶСКХ «Барқи Тоҷик» шуруъ карданд. Дар нимаи

аввали соли 2007, корхонаҳои ассотсиатсия 11,597 мутахассисро ба кор ҷалб карданд, аз ҷумла, 2,631 нафар бо маълумоти олӣ, 2,067 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 319 нафар бо маълумоти нопурраи олӣ. Илова бар ин, 338 корманд дар ДТТ омӯзиш гирифтанд, 52 нафар дар шаҳри Душанбе, ки аз буҷаи ташкилот маблағгузорӣ мешуданд. Мутахассисони ҷавон ва кормандон инчунин курсҳои таълимиро дар муассисаҳои техникии ассотсиатсия гузаштанд.

Барои татбиқи дастовардҳои илмӣ ва техникӣ дар соҳаи энергетика, ташкилотҳои таъсисёфта, ба мисли «Тоҷикгосэнергоназорат», «Энергоремонт», «Ассотсиатсияи сохтмонӣ ва саноатӣ барои тарҳрезии хатҳои интиқоли барқ» (ТоЭС), Пажӯҳишгоҳи тадқиқотии соҳаи энергетика ва «Тоҷикэнергопроект» бо пешниҳодҳои худ саҳми назаррас гузоштанд. Аз соли 2000 то 2021 зиёда аз 55 муассиса ва ташкилоти илмӣ корҳои илмӣ ва техникӣ анҷом дода, дар давоми солҳо аз 5,376 то 5,756 кормандони илмӣ ва техникӣ ба кор ҷалб карда шуданд. Олимони ин корхонаҳо ва ташкилотҳо кӯшишҳои худро барои таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи энергетикии давлатӣ ҳамоҳанг карданд, то истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ ва устувории корхонаҳоро таъмин кунанд [173, с. 427, 432, 433].

Раванди азнавсозии муносибатҳои истеҳсолӣ, барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва муҷаҳҳаз кардани корхонаҳо бо таҷҳизоти муосир, дастовардҳои илмӣ, таҷрибаҳои беҳтарин ва технологияҳои нав ба такмили иловагӣ ниёз дошт. Масалан, аз соли 2000 ҶСК «Трансформатор» ба истеҳсоли трансформаторҳо бо иқтидорҳои 400, 600 ва 1000 кВт/соат шуруъ кард, дар ҳоле ки истеҳсоли лампаҳои каммасраф дар ҶСК ва ассотсиатсияи «Сомон» оғоз ёфт. ҶСК «Фон-Яғноб» истеҳсоли биоэтанолро барои баланд бардоштани сатҳи октани бензин оғоз намуд ва ҶСК «Тамеко» ба истеҳсоли ферромолибден шурӯъ кард.

Тибқи гузориши раиси «Тоҷик Элекстритс» Ҳ. Самиев дар мулоқот бо кормандони ширкат, «то 11 майи соли 2007 роҳбарияти ассотсиатсия 315 чорабинӣ барои афзоиши истеҳсолот ва сарфаи неруи барқро ба нақша

гирифта буд, ки 26-тои онҳо иҷро шуда, 98-тои онҳо дар ҳоли анҷомёбӣ қарор доранд».

Аз ҷумла, корхонаҳои ассотсиатсия 347 км хатҳои интиқоли барқи ҳавоӣ (35.5 кВт), 1,228 км хатҳои интиқоли барқ (4-10 кВт), 79 км хатҳои ноқилӣ (0.4-10 кВт), 446 трансформатор (6-10 кВт), 35 трансформатори кВт, 11 гидрогенератор, 23 насби асосии барқии НБО, 70 насби асосии барқӣ ва 11 трансформатори зеристгоҳро таъмир ва барқарор карданд.

Дар бахшҳои сӯзишворӣ ва энергетика пешравиҳои назаррасе дар назорат ва истифодаи маҳсулот ба даст омадаанд. Масалан, дар нимаи дуюми соли 2007, 6,470 ҳисобкунаки барқии дуфазавӣ ва сефазавии куҳна бо ҳисобкунакҳои якфазавии нав иваз карда шуданд, ки низоми ҳисоби истеъмоли барқро байни минтақа ва маҳалҳо беҳтар карданд. Тавзеҳ дода шуд, ки барои фарогирии пурраи ҳамаи истеъмолкунандагони барқ, бояд то охири сол боз 14,727 ҳисобкунак барқарор карда шаванд, то марҳилаи татбиқи лоиҳаи «Коҳиши талафоти неруи барқ» ба анҷом расад.

Барои анҷом додани ин раванд, нақшаҳо иваз кардани ҳамаи 150 ҳазор ҳисобкунакҳои индуксионӣ дар Душанбе бо ҳисобкунакҳои электронӣ, ки сипас барқарор карда шуда, ба дигар минтақаҳо барои истифода фиристода мешаванд, дар назар доштанд. Дар 95 зеристгоҳи асосии ҷумҳурӣ ҳисобкунакҳои куҳна асосан бо ҳисобкунакҳои электронии нав иваз карда шуданд.

Барои татбиқи тадбирҳои пешбинишуда, дар Консепсияи рушди КСЭ шароите фароҳам оварда шуд, ки ба кишвари мо имкон дод, то аз буҳрони энергетикӣ бароямд. Роҳбарияти Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҶСКХ «Барқи Тоҷик» ва дигар корхонаҳои соҳаи сӯзишворӣ ва энергетика таҷрибаи гаронбаҳоеро дар таъмини барқ ва пешбурди рушди он ба даст оварданд. Ин таҷриба аз тағйироти миқдории ба дастомада дар пешрафти соҳа равшан мегардад.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2001 - 2010 шумораи корхонаҳои давлатӣ (КСЭ) аз 6,7% то 14,9% афзоиш ёфта, 10,5%

нисбат ба соли 1991 рушд кардааст. Индекси истеҳсоли нерӯи барқ то 111,3% - 138,9% боло рафтааст, нисбат ба 98,5% дар соли 1991, ки 40,2% афзоишро нишон медиҳад. Шохиси тавлиди неруи барқ низ то 103,6% - 104,4% баланд шудааст, нисбат ба 98,5% дар соли 1991, дар ҳоле ки шохиси соҳаи сӯзишворӣ ва энергетика то 110,2% - 118,3% рушд кардааст, дар муқоиса бо 76,3% дар соли 1969.

Ин нишондиҳандаҳо аз он далолат мекунанд, ки ноустувории тавлиди неруи барқ асосан ба омилҳои табиӣ, ба монанди тағйироти ҳарсолаи ҳаво дар фаслҳои зимистон ва тобистон вобаста аст, на ба мушкилоти ҷиддии дохилӣ. Бо вуҷуди ин, якчанд омили субъективӣ, аз ҷумла, талафоти неруи барқ дар хатҳои умумӣ, истифодаи ғайриқонунии барқ аз ҷониби баъзе корхонаҳо, муассисаҳо ва шахсони алоҳида низ ба соҳаи энергетика таъсири манфӣ мерасонанд. Аз замони соҳибистиқлолӣ, Тоҷикистон арзёбии ҳамаҷонибаи захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикии худро анҷом дода, як барномаи стратегӣ барои рушди соҳа то соли 2030 таҳия кардааст. Ин барнома ба таъмини ниёзҳои дохилии энергетикии кишвар ва ҷойгир кардани он дар бозори байналмилалии энергетика равона шудааст.

Бо вуҷуди мушкилот ва буҳрони иқтисодии солҳои аввали истиқлол ва барқарорсозӣ баъди ҷанги шаҳрвандӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист комплекси сӯзишворӣ ва энергетикии худро ҳифз намояд. Иншооти соҳаи сӯзишворию энергетики таҳти моликияти давлатӣ боқӣ монд ва аз хусусигардонӣ ва ғорат пешгирӣ карда шуд, ки барои рушди минбаъдаи соҳа имконият фароҳам овард.

Таъсиси муассисаҳои таҳсилоти олӣ, коллеҷҳо ва литсейҳои махсус дар ин раванд нақши муҳим бозида, боиси афзоиши шумораи мутахассисон ва олимон дар соҳаи энергетика гардид. Ҳоло беш аз 17 ҳазор нафар дар сохтмони НБО-и Роғун, бузургтарин лоиҳаи гидроэнергетикии Тоҷикистон, кор мекунанд, ки аксари онҳо мутахассисони маҳаллӣ мебошанд. Ташкили заминаи ҳуқуқӣ барои соҳаи энергетика низ ба танзими самараноки истеҳсол,

интиқол ва фурӯши неруи барқ, ҳам дар дохил ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намуд.

Ҳамин тариқ, қадамҳои мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки истеҳсоли энергияи худро ба зудӣ барқарор ва тадбирҳои заруриро барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар андешад. Бо шарофати ин кӯшишҳо, Тоҷикистон ба пешрафтҳои назаррас дар роҳи расидан ба ҳадафи стратегӣ - истиқлолияти комили энергетикӣ ноил гардид ва инчунин, кӯшишҳо барои саноатикунонии босуръати кишварро оғоз намуд.

Дар шароити истиқлол, рушди комплекси энергетикии Тоҷикистон ҳалли чандин мушкилотро талаб мекард, ки омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар ин ҷо нақши муҳим доштанд. Аз ҷумлаи омилҳои субъективӣ, талафоти зиёди нерӯи барқ дар хатҳои умумӣ, истифодаи ғайриқонунии барқ аз ҷониби баъзе корхонаҳо, муассисаҳо, шахсони алоҳида ва дигар мушкилоти мавҷуда ба ин соҳа таъсири манфӣ расониданд.

Аз замони ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, кӯшишҳои ҳамаҷониба барои арзёбии иқтидори захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикии Тоҷикистон ба роҳ монда шуданд. Таҳқиқоти муфассал гузаронида шуда, нақшаҳои стратегии рушд барои истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ таҳия карда шуданд. Дар асоси ин барнома, барномаи рушди комплекси энергетикӣ то соли 2030 таҳия гардид, ки лоиҳаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки на танҳо ба қонеъ гардонидани талаботи дохилии энергия, балки ба ворид шудан ба бозори байналмилалии энергетика низ равона шудаанд.

Бо вуҷуди мушкилот ва бuҳрони иқтисодии солҳои аввали истиқлол ва барқарорсозӣ баъди ҷанги шаҳрвандӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист комплекси сӯзишворӣ ва энергетикии худро ҳифз намояд. Иншооти соҳаи сӯзишворию энергетики тахти моликияти давлатӣ боқӣ монд ва аз хусусигардонӣ ва ғорат пешгирӣ карда шуд, ки барои рушди минбаъдаи соҳа имконият фароҳам овард.

Як дастоварди назаррас дар ин раванд ташкили шабакаи муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳҳо, коллеҷҳо ва литсейҳои махсус барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои соҳаи энергетика буд. Ин ташаббус боиси афзоиши шумораи мутахассисон ва олимон гардид, ки қодиранд ба мушкилоти мураккаб дар ин соҳа посух диҳанд. Имрӯз, дар сохтмони НБО Роғун беш аз 17 ҳазор нафар иштирок мекунанд, ки аксари онҳо мутахассисони маҳаллӣ мебошанд, ки дастрасии кадрҳои баландихтисос ва хуб омодашударо инъикос мекунад.

Таъсиси заминаи ҳуқуқӣ барои рушди комплекси энергетикӣ муҳим буд, зеро он ба танзими самараноки истеҳсол, интиқол ва фурӯши неруи барқ мусоидат намуд. Ин тадбирҳо на танҳо бозори дохилии энергетикиро тақвият бахшиданд, балки ҳузури Тоҷикистонро дар бозорҳои байналмилалӣ низ пеш бурданд, ки имкониятҳои навро барои содироти неруи барқ фароҳам оварда, ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои дигарро афзун намуданд.

Бо ин роҳ, қадамҳои андешидашуда ба Ҳукумати Тоҷикистон имкон доданд, ки дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба сӯи расидан ба ҳадафи стратегӣ - истиқлолияти пурраи энергетикӣ пешрафти назаррас кунад. Ин тадбирҳо инчунин заминаи расидан ба ҳадафи дигари стратегӣ-саноатикунонии босуръатро фароҳам оварданд, ки он иқтидори иқтисодии кишварро афзун намуда, мавқеи онро дар арсаи байналмилалӣ таҳким мебахшад.

# БОБИ 2. ХАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА

## 2.1. ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА МАСОИЛИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАИ ОНҲО БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ НЕРУИ БАРҚ

Таърихан маълум аст, ки дарёҳои Осиёи Марказӣ - Омударё, Сирдарё ва шохобҳои онҳо - на танҳо оби зарурӣ барои обёрии заминҳои кишоварзиро таъмин мекунанд, балки сарчашмаи асосии рушди гидроэнергетика мебошанд. Бо вуҷуди ин, истифодаи захираҳои обӣ ин дарёҳо барои истеҳсоли нерӯи барқ бо мушкилоти зиёди иқтисодӣ рӯ ба рӯ аст. Онҳо масоили тақсими одилонаи обро байни кишварҳои минтақа, ки манфиатҳо ва сатҳҳои истеъмоли оби гуногун доранд, душвориҳои молиявии сохтмон ва муосиргардонии иншооти гидроэнергетикӣ, инчунин, таъсир ба муҳити зист ва экологиро, ки бо лоиҳаҳои бузурги гидротехникӣ алоқамананд, дар бар мегиранд

Мушкилоти муосир, ба монанди тағйирёбии иқлим, тақсими нобаробарии об байни давлатҳои гуногун, инчунин, афзоиши аҳолӣ ва талабот ба энергия, рақобат барои захираҳои обиро шиддат медиҳанд, ки ин боиси мураккабии муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар минтақа мегардад. Масъалаҳои иқтисодӣ, ки ба истифодаи захираҳои обӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ алоқаманданд, доираи васеи масъалаҳоро фаро мегиранд: аз зарурати сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва технологияҳо то таҳияи механизмҳои самараноки идоракунии захираҳои обӣ, ки манфиатҳои ҳамаи тарафҳоро ба назар гиранд.

Ҳадафи ин таҳқиқот таҳлили амиқи захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии марбут ба онҳо, ки ҳангоми истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ пайдо мешаванд, мебошад. Тадқиқот ба ошкор кардани омилҳои асосӣ, ки ба истифодаи захираҳои обӣ таъсир мерасонанд, таҳлили монеаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин, таҳияи пешниҳодҳо оид ба

самаранокии идоракунии захираҳои обӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории онҳо дар минтақа равона шудааст.

Бо дарназардошти ин масъалаҳо, мо кӯшиш мекунем, на танҳо сабабҳои аслии мушкилоти мавҷударо дарк, балки роҳҳои ҳалли имконпазирро пешниҳод кунем, ки метавонанд ба истифодаи самараноктар ва одилонаи захираҳои обии Осиёи Марказӣ барои истеҳсоли нерӯи барқ мусоидат кунанд.

Осиёи Марказӣ яке аз минтақаест, ки захираҳои бузурги гидрокарбонҳо (нафт, газ ва ангишт) дорад ва дорои иқтидори бузург барои рушди энергияи сабз (манбаъҳои барқароршавандаи энергия), аз ҷумла энергияи офтобӣ, бодӣ, гидроэнергетика ва дигар намудҳо мебошад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Қазоқистон захираҳои бузурги нафту газ ва иқтидорҳои зиёд барои рушди энергияи офтоб ва шамол, дар Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон захираҳои зиёди гази табиӣ ва дурнамои рушди энергияи офтоб, Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон бошад аз ҷиҳати ҷойгиршавии мавқеъи ҷуғрофии худ дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошанд. Дар маҷмуъ, тибқи ҳисоботи омории ОБЕСЕ, дар Осиёи Марказӣ захираҳои сӯзишворию - энернетикӣ чунин ҷойгир шудаанд [38; 41; 42; 43].

| **Ҷумҳуриҳо** | **Нафт** | **Гази табиӣ** | **Ангишт** | **Гидроэнерге тика** | **Неруи офтоб** | **Нерни шамол** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 30 млрд баррел (с. 2019) | 2,7 трлн $м^3$ (с. 2019) | 25,6 млрд тонна (с. 2019) | 199 ТВтс/ сол | 3760 ГВт | 354 ГВт |
| Қирғизистон | 5 млн баррел (с. 2020) | 6 млрд $м^3$ (с. 2020) | 1,3 млрд тонна (с. 2019) | 163 ТВтс/сол | 267 ГВт | 1,5 ГВТ |
| Тоҷикистон | 12 млн баррел (с. 2019) | 5,663 млрд $м^3$ (с. 2018) | 4,5 млрд тонна (с .2019) | 527 ТВтс/сол | 195 ГВт | 2 ГВт |
| Туркманистон | 600 млн баррел (с. 2019) | 19,5 трлн $м^3$ (с. 2019) | | 24 ТВтс/сол | 655 ГВт | 10 ГВт |
| Ӯзбекистон | 600 млн баррел (с. 2019) | 1,2 трлн $м^3$ (с. 2019) | 1,375 млрд тонна (с. 2019) | 88,5 ТВтс/сол | 593 ГВт | 1,6 ГВт |
| **Дар маҷмуъ** | **31,217 млрд** | **23,15,66 трлн** | **32,755 млрд** | **1001,15 ТВтс/сол** | **5470 ГВт** | **369,1 ГВт** |

Мавқеъи ҷуғрофии Осиёи Маркзӣ шароити хуб барои муносибатҳои мутақобилан судманд ва муттаҳидсозии захираҳои энергетикиро ба миён овардаааст. Дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар минтақа чунин як комплекси энергетикие сохта шуда буд, ки панҷ ҷумҳуриро ба ҳам муттаҳид месохт. Мутахассисони соҳаи энергетика, муҳандисон ба ҷойи он, ки дар ҳар як ҷумҳурӣ низоми муайяни истеҳсоли баркро ба роҳ монанд, ҳангоми сохтмони неругоҳҳо, манфиатовар будани онҳоро таъкид намуда, иншооти энергетикиро бе ба ҳисоб гирифтани сарҳадҳои байнидавлатӣ ба нақша гирифта, ба сохтмони онҳо иҷозат додаанд. Ин низом истифодабарии қувваи барқ, сӯзишворӣ ва обро ба ҳам зич мепайвандад.

Ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Ӯзбекистон аз гази табиӣ ва Ҷумҳурии Қазоқистон бошад аз ангишт вобастагии калон доранд. Тоҷикистон ва Қирғизистон дар давраҳои зиёд шудани талабот ба неруи барқ аз ангишт ва нафт истифода мебаранд. Манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ба монанди неруи офтоб, шамол, энергияи геотермалӣ ва сӯзишвории биологӣ дар тамоми минтақа нақши камтаринро мебозад. Ин ба манбаи ягонаи энергия - гидроэнергетика, ки аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон сарчашма мегиранд вобастагии зиёд дорад.

Пас аз пошхӯрии давлати шуравӣ, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мустақилияти худро ба даст овারданд ва барои бо барқ таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷумҳуриҳои худ сиёсати мустақилро пеш гирифтанд. Дар натиҷа, миёни ҷумҳуриҳои минтақа тиҷорати неруи барқ ва сӯзишворӣ қатъ гардид, аммо низоми дохилии онҳо барои бо нерӯи барқ таъмин намудани тамоми ҳудуди кишварашон кифоя набуд ва дар натиҷаи ғайриоқилона истифодабарии захираҳои обӣ ва энергетикӣ зуд-зуд кандашавии хатҳои интиқоли барқ ба вуҷуд меомад, ки ин ба коҳиши амнияти энергетикӣ дар минтақа оварда расонд [227]. Фаъолияти Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ пас аз ҷудо шудани Туркманистон дар соли 2003 ба таври назаррас заиф шуд ва баъди хориҷ шудани Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2009 комилан қатъ гардид [226].

Дар натиҷаи созиши ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон дар охири соли 2010 то аввали соли 2020, Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ, бидуни иштироки Ҷумҳурии Туркманистон, қисман барқарор гардид. Ин ташаббус ба кишварҳои Осиёи Марказӣ имконияти пешравиҳои назаррас дар самти расидан ба амнияти энергетикиро фароҳам овард.

Дар ҳамин давра, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ иқтидори коркарди нафтро афзоиш дода, тавонистанд талаботи худро бо нафт ва маҳсулоти нафтӣ қонеъ гардонанд. Инчунин, барои бароварда кардани талаботи афзоянда ба неруи гармӣ ва барқ, таъминот бо гази табиии бахшҳои гуногуни хоҷагии халқро густариш доданд. Пас аз бозмондани фаъолияти Низоми ягонаи энергетикӣ, ҷумҳуриҳо шабакаҳои интиқоли барқи дохилии худро васеъ намуданд ва истиқлолияти энергетикии худ дар муқобили мушкилоти мавҷударо таҳким бахшиданд.

Қайд кардан зарур аст, ки комплекси обӣ-энергетикӣ на танҳо дар рушди иқтисодиёти Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозад, балки дар ҳаёти иҷтимоиву ҷамъиятии минтақа низ ҷойгоҳи асосӣ дорад.

Аҳаммияти таърихии захираҳои обии минтақа, пеш аз ҳама, дар он арзёбӣ мегардад, ки истифодабарии онҳо барои обёрии заминҳо муайян карда шудааст.

Ёдовар бояд шуд, ки дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадани зироаткории обӣ ба асрҳои VI-VII пеш аз милод рост меояд. Дар ибтидои асри XX дар минтақа, алакай қариб 3,5 миллион га замин обёрӣ шуда буд. Тараққиёт ва рушди таъминоти об дар минтақа дар давраи мавҷудияти ИҶШС (асосан, аз солҳои 60- 90-ум) оғоз гардида буд. Албатта, дастовардҳои ин давраро дар бобати дахолати инсон ба табиат ва азхуд намудани он дар амалияи ҷаҳонӣ таҷрибаи беназир номидан мумкин аст. Ба баҳогузории мутахассисон, то 60% захираҳои обии дарёҳои минтақа барои кишоварзӣ истифода мешуданд, ки қисми зиёди ин захираҳо бе бозгашт сарф гардидаанд. Дар солҳои 90-уми асри XX масоҳати умумии заминҳои обёришаванда дар минтақа ба 8,8

миллион га мерасид. Аз ҷумла, дар Ӯзбекистон то 4,2 миллион га, дар Қазоқистон - то 2,8 миллион га, дар Қирғизистон - то 1,1 миллион га ва дар Тоҷикистон - то 0,7 миллион га замин обёрӣ мешуданд. Аз нишондодҳои боло бармеояд, ки рушди бемайлони кишоварзӣ ба рушди гидроэнергетика сахт алоқамандӣ дорад ва он яке аз соҳаҳои калидӣ барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар шароити норасоии шадиди захираҳои обӣ маҳсуб меёбад.

Аз аввали солҳои 30-юми асри XX дар минтақа ташаккули як соҳаи нави кишоварзӣ - гидроэнергетика оғоз гардид, ки мақсади он таъмини оби зарурӣ барои эҳтиёҷоти афзояндаи кишоварзӣ буд. То миёнаҳои солҳои 90-ум иқтидори умумии ҳамаи неругоҳҳои минтақа ба 37,8 миллион кВт/соат расид, ки аз онҳо 11,3 миллион кВт/соат ба Ӯзбекистон, 18,5 миллион кВт/соат ба Қазоқистон, 3,8 миллион кВт/соат ба Қирғизистон ва 4,4 миллион кВт/соат ба Тоҷикистон рост меомад [90, с. 3-12].

Аммо чунин тарзи истифодаи захираҳои обӣ барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ ва энергетикӣ ба оқибатҳои ҷиддии манфӣ оварда расонд. Шиддати мушкили вайрон шудани тавозуни экологӣ дар минтақа ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар аввали солҳои 70-уми асри гузашта захираҳои обии ҳавзаи Сирдарё қариб пурра ба тамом расиданд, ки боиси бад шудани вазъи экологӣ ва зарурати бознигарии сиёсати обӣ ва энергетикӣ дар минтақа гардид. Оқибат ин ба як мушкилоти глобалии экологӣ дар минтақа ва дар робита ба баҳри Арал ба офати экологӣ табдил ёфт.

Пас аз соли 1991 мушкилоти истифодаи захираҳои обу энергетикӣ боз ҳам тезу тунд ва хусусияти байнидавлатӣ пайдо кард. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи ин мушкилотро кишварҳои минтақа ба хубӣ дарк карда, диққати ҳукуматҳои дигар мамлакатҳоро ба худ ҷалб карданд.

Барои ҳалли онҳо соли 1991 Комиссияи махсуси байнидавлатии ҳамоҳангсозӣ оид ба об (КМБҲО, МКВК), ки ба он Ассотсиатсияҳои хоҷагии обҳои минтақа (АХО, БВО), Маркази иттилооти илмии Комиссияи махсуси

байнидавлатии ҳамоҳангсозӣ оид ба об (НИЦ МКВК) бо филиалҳо ва Котиботи ба сохтори он дохилшуда таъсис дода шуд[1].

Маврид ба зикр аст, ки аз нимаи дуюми солҳои 90-уми асри гузашта бо кумаки созмонҳои байналмилалӣ чандин лоиҳаи минтақавӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ - энергетикӣ низ амалӣ карда шуданд [36; 207; 212; 213; 214; 217; 218; 219; 223].

Дар баробари ин, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ чандин лоиҳа ва санадҳои ҳуқуқи миллии худро низ қабул карданд. Муҳимтарин натиҷаи он омода ва имзои ду созишномаи минтақавӣ буд [12; 13; 14; 15; 16; 17; 19; 20; 21; 22; 23; 24; 25; 44; 53].

Дар баробари ин, якчанд созишномаҳои минтақавӣ дар масъалаи обӣ-энергетикӣ ва истифодабарии оқилонаи онҳо омода гардида, аммо ба имзо нарасиданд [46; 47; 49; 50; 51; 52].

Ташхиси онҳо бошад дар ҳама зинаҳо чи дар идораҳои марказӣ ва чӣ дар ҷумҳуриҳо гузаронда мешуд. Ба сифати ин корҳо чунин баҳо додан мумкин аст, ки то ҳол тақсимоти оби ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ қариб, ки бе тағйироти ҷиддӣ истифода бурда мешаванд.

Бисёр аз мушкилоте, ки кишварҳои минтақа дар солҳои ба даст овардани истиқлол рӯ ба рӯ шуданд, бо зарурати гузаронидани ислоҳоти амиқ ва қатъӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа алоқаманд буд. Ин тағйирот бо мушкилоти ҷиддӣ, ки ба бозсозии сохторҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рабт доштанд, ҳамроҳ мешуданд ва ин талаботҳо боиси кӯшишҳои зиёд ва сафарбарсозии захираҳои дохилӣ гардиданд.

Аммо, новобаста ба мушкилоти давраи гузариш, метавон гуфт, ки дар минтақа иқтидори бузург ва қудрати равонии инсон барои бартараф намудани мушкилот ва ҳалли вазифаҳои миқёсан васеъ вуҷуд дорад, ки пеши роҳи ҷомеа истодаанд. Таърих нишон медиҳад, ки инсон дар мубориза бо табиат қодир аст ба дастовардҳои бузург ноил гардад ва намунаҳои инро метавон дар дастовардҳои нодире пайдо кард, ки саҳми муҳиммеро дар

[1] Бояд қайд намуд, ки корҳои ташкили дар ин самт ҳамоно дар даврони Шурави оғоз гардида буданд.

рушди тамаддун гузоштаанд. Талоши мазкур, ки ба истихроҷи захираҳои табиӣ, рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шудаанд, гувоҳи равшани иродаи бешикасти инсон ва қобилияти ӯ барои бартараф кардани мушкилоти душвортарин мебошанд.

Пас аз эълони истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар соли 1991, вазъият барои истифодаи захираҳои обӣ ва энергетикӣ дар минтақа ба таври назаррас мураккаб шуд. Ба мушкилоте, ки ҳангоми Шуравӣ вуҷуд доштанд, мушкилоти наве ҳамроҳ шуданд, ки бо тақсими фазои ягона ба панҷ давлати мустақил алоқаманд буданд. Ҳар яке аз ин ҷумҳуриҳо ҷараёнҳои обии дохилии худро фаромарзӣ эълон намуда, онҳоро ба категорияи масъалаҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ ворид карданд, ки ин танзим ва идоракунии онҳоро душвор намуд [77, с. 183-185].

Дар Осиёи Марказӣ норасоии назарраси захираҳои обӣ вуҷуд дорад, ки дар оянда метавонад боз ҳам шадидтар гардад. Дар шароити рақобати байни саноати гидроэнергетикии дарёҳои болооб (Тоҷикистон ва Қирғизистон) ва кишоварзии обёришавандаи дарёҳои поёноб (Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон), тақсими самараноки захираҳои обӣ танҳо бо бастани созишномаҳои байнидавлатӣ имконпазир аст. Таъмини манфиатҳои минтақавӣ дар истифодаи захираҳои обӣ талаб мекунад, ки манфиатҳои миллӣ бар асоси пешниҳоду тақозо ҳамоҳанг ва созишномаҳои дуҷонибаи судманд баста шаванд. Аз ин рӯ, масъалаҳои ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи захираҳои обӣ ва энергетикӣ дар даҳсолаҳои охир аҳаммияти бештар пайдо кардаанд [171, с. 201].

Хусусияти вазъияти ҷорӣ дар он аст, ки он на дар давраи ташаккули комплекси обиву энергетикии ҳавзаи баҳри Арал, балки дар ҷараёни фаъолиятҳои он дар шароити фурӯпошии ИҶШС, тағйироти глобалӣ ва воқеияти нави иқтисодӣ пайдо шуд. Сирдарё, ки як дарёи фаромарзӣ аст, аз чор кишвар - Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон - мегузарад ва танзими он на танҳо муносибатҳои техникӣ, балки байнидавлатиро низ инъикос мекунад. Яке аз мушкилоти шадид дар минтақа

боқӣ мондани низоми ҳамгироии истифодаи об ва энергия аст. Кишварҳои гуногун дар ин масъала назари мухталиф доранд, ки ин ҳалли онро боз ҳам мушкилтар мекунад.

Раванди танзими захираҳои об, ки дар шароити иқтисодиёти нақшавии ягонаи Шуравӣ воқеӣ ва амалӣ буд, дар шароити муосир аҳаммияти худро аз даст дод, зеро ҳалли чунин масъалаҳо имрӯз дар доираи ҷумҳуриҳо ё шуъбаҳои алоҳида қарор дорад. Одатан, манфиатҳои миллӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҷои аввал қарор доранд, ки ин монеаи асосӣ барои ташаккули моделҳои рушди умумиминтақавӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, ду равиш дар идоракунии захираҳои обӣ вуҷуд дорад - мустақил ва ҷубронкунанда. Дар равиши мустақил ҳар як обанбор ба истеъмолкунандагони мустақим вобаста мешавад, дар ҳоле ки танзими ҷубронкунанда кори муштараки тамоми комплекси неругоҳҳои обиро дар назар дорад [175, с. 74-81].

Ин ду равиш дар идораи захираҳои обӣ фарқиятҳои асосӣ доранд, ки на танҳо барои муайян кардани доираи пурраи имкониятҳо, балки барои ҳисоб кардани маблағи ҷуброн барои танзими ҷараёни дарё аз ҷониби як кишвар ба нафъи кишвари дигар имкон медиҳанд. Аммо, то ҳол мушкилоте боқӣ мондаанд, ки ба ҳисобгирии дурусти захираҳои обӣ ва энергетикӣ вобастаанд. Нокифоя будани дақиқии ченакҳо ва набудани тавозуни дурусти об боиси баҳсҳо ва мунокишаҳо мегардад, ки ба истеъмолкунандагон, бахусус онҳое, ки дар поёни ҳавзаҳо, ба мисли Қазоқистон қарор доранд, таъсири манфӣ мерасонанд.

Яке аз мушкилоти калидӣ, набудани маркази ягонаи додаҳо ва таъминоти иттилоотӣ мебошад, ки иҷрои пешгӯии гидрологӣ ва банақшагирии истифодаи захираҳои обиву энергетикиро мушкил мекунад. Набудани нақшаҳои иқтисодӣ барои истифодаи захираҳои обӣ байни кишварҳои минтақа ва номуайянии тартиби хариду фурӯши об ва неруи барқ ба низоъҳои сершумор оварда мерасонад.

Дар айни замон, сохтори идоракунии комплекси обиву энергетикии Осиёи Марказӣ асосан дар шакле боқӣ мондааст, ки дар замони мавҷудияти

ИҶШС таъсис ёфта буд. Аммо ташкилотҳои мавҷуда, ба монанди Бунёди байналмилалии наҷоти Арал ва Шурои энергетикии Осиёи Марказӣ, ба таври комил ба талаботи замони муосир, ки бо истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва энергетикии фаромарзӣ алоқаманданд, ҷавобгӯ нестанд. Вазъияти баамаломада талаб мекунад, ки барои расидан ба рушди устувор ва таъмини амнияти дарозмуддат равишҳои нави ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо байни кишварҳои минтақа таҳия карда шаванд.

Барои ноил шудан ба идоракунии устувори захираҳои обӣ ва энергетикии Осиёи Марказӣ зарур аст, ки аз модели мавҷудаи пароканда ба низоми ҳамгиротар ва ҳамоҳангшудаи ҳамкорӣ гузариш шавад. Қадами муҳим дар ин самт метавонад тақвияти нақши ташкилотҳои минтақавӣ ва муассисаҳои байналмилалӣ, ба монанди Бунёди байналмилалии наҷоти Арал (IFAS) ва Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии оби Осиёи Марказӣ (ICWCCA) бошад. Ин сохторҳо метавонанд дар таҳияи стратегияи умумӣ ва механизмҳои тақсими захираҳо, ки бар асоси талаботи рушди устувор, манфиати мутақобила ва иштироки баробари ҳамаи кишварҳои минтақа асос ёфтаанд, нақши калидӣ бозанд [64, с. 14-17].

Омили калидии муваффақият хоҳиши сиёсӣ ва иродаи кишварҳои Осиёи Марказӣ барои расидан ба созишҳо ва омодагӣ ба гуфтугӯи ошкоро дар бораи масъалаҳои мушкил, аз қабили танзими ҷараёни дарёҳо, рушди гидроэнергетика ва таъмини амнияти озуқаворӣ хоҳад буд. Зарурати ҳамгироӣ дар идораи захираҳои обӣ ва энергетикӣ талаб мекунад, ки механизмҳои самарабахши мубодилаи додаҳо, баланд бардоштани шаффофият ва ҷавобгарии ҳамаи иштироккунандагони раванди мазкур ва таҳияи доираи ҳуқуқӣ, ки манфиатҳои ҳамаи кишварҳоро ба инобат гирифта, тақсими одилонаи захираҳоро таъмин менамояд, ташкил карда шаванд [36].

Яке аз роҳҳои ҳалли ихтилофоти мавҷуда метавонад таҳияи низоми нави идораи оби минтақавӣ бошад, ки шомили:

- таҳия ва қабули созишномаҳои байнидавлатӣ оид ба истифодаи муштараки захираҳои обӣ, ки механизмҳои тақсими обро дар асоси талаботи истифодаи оқилона ва одилона пешбинӣ менамояд;

- ворид кардани стандартҳои ягонаи ченак ва баҳисобгирии захираҳои обӣ, ки аз ҷониби ҳамаи кишварҳои минтақа мувофиқа шудаанд, ки ин имкон медиҳад шумораи баҳсҳоро коҳиш дода, эътимодро байни давлатҳо баланд бардорад;

- ташкили маркази ягонаи иттилоотӣ, ки ҷамъоварӣ, таҳлил ва паҳн намудани маълумот дар бораи захираҳои обӣ ва энергетикӣ, инчунин мониторинги ҳолати экосистемаҳо машғул бошад.

Илова бар ин, муҳим аст, то имконияти таъсиси фонди ҷубронпулӣ барои хисороте, ки бо тақсими захираҳои обӣ ва энергетикӣ алоқамананд, баррасӣ шавад. Чунин фонд метавонад воситаи молиявӣ шавад, ки ба ҷуброни ҳисороти кишварҳое, ки дар идоракунии фаромарзии захираҳо иштирок мекунанд, равона шавад. Маблағгузории ин фонд метавонад ҳам аз ҳисоби саҳмҳои кишварҳои иштирокчӣ ва ҳам аз ҳисоби донорҳои байналмилалӣ амалӣ шавад.

Дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, зарур аст, то кӯшишҳо барои ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти захираҳои обии Осиёи Марказӣ фаъол гарданд. Муҳим аст, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ, ба монанди Бонки ҷаҳонӣ, Барномаи рушди СММ (UNDP), Бонки аврупоии бозсозӣ ва тавсеъа (БАБТ, англ. European Bank for Reconstruction and Development, EBRD) ва дигарон, ки метавонанд дастгирии техникӣ ва молиявиро дар таҳия ва татбиқи барномаҳои минтақавӣ оид ба идоракунии захираҳои обӣ пешниҳод кунанд, ба роҳ монда шавад [207].

Дар ин замина, бояд ба ҷанбаҳои экологӣ ҳангоми истифодаи захираҳои обиву энергетикӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Чораҳои зарурӣ барои пешгирии боз ҳам бештар вайрон шудани экосистемаҳо, барқарорсозии объектҳои обӣ ва гуногунии биологии онҳо бояд андешида шаванд. Ин зарурати татбиқи технологияҳо ва методҳои муосирро ба миён

меорад, ки ба беҳтарсозии сифати об, самаранокии истифодаи захираҳои обӣ ва кам кардани талафот равона шудаанд. Илова бар ин, таҳияи барномаҳо барои баланд бардоштани устувории экосистема ба тағйирёбии иқлим, ки торафт бештар боиси ҳаводиси шадиди иқлимӣ ва хушксолии тулонӣ мегардад, хеле муҳим аст.

Ташаббусҳои минтақавӣ дар идоракунии захираҳои об ва энергия инчунин бояд мушкилоти глобалиро, ба мисли тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ, ки ҳарду ба талаботи захираҳо таъсири назаррас мерасонанд, ба назар гиранд. Қабули равишҳои чандиртар ва мутобиқшаванда ба идоракунии об, — ба мисли истифодаи пешгӯиҳои ҳаво барои роҳҳои беҳтар намудани истифодаи об ва ҷорӣ намудани технологияҳое, ки самаранокии истифодаи захираҳои мавҷударо ба ҳадди аксар мерасонанд, метавонад устувории минтақаро ба чолишҳои беруна ба таври назаррас тақвият бахшад.

Ҳамин тавр, дурнамои ҳалли мушкилоти истифодаи комплексии захираҳои обиву энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ аз қобилияти кишварҳои минтақа барои ҳамкорӣ ва омодагии онҳо барои гузаронидани ислоҳоти зарурӣ вобаста хоҳад буд. Танҳо тавассути кӯшишҳои муштарак, ки бар асоси эҳтироми мутақобила ва ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳо аст, метавон рушди устувор ва амниятро дар минтақа таъмин намуд, ки ба тақвияти эътимод ва субот дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

Албатта, чунин сохтори идоракунӣ дигар ба шароити имрӯза ҷавоб дода наметавонад. Агар масъаларо дар миқёси минтақа дида бароем, пас дар ин ҷо, пеш аз ҳама, ягон маркази ягонаи идоракунӣ вуҷуд надорад, ки нақши онро пештар Комитети Марказии ҳизбӣ ва банақшагирии давлатӣ (Госплан) иҷро мекарданд.

Айни ҳол, ICWC бо SIC ICWC ва Маркази таълимии тиҷоратӣ (EDC Energia), ки имрӯз дар сатҳи баландтарин боқӣ мондаанд, ҳуқуқҳои худро ба таври назаррас маҳдуд кардаанд ва илова бар ин, аз рӯи принсипҳои гуногун фаъолият мекунанд. Масалан, EDC Energia, воқеан, танҳо як мақоми иҷроия аст, ки раванди иҷрои дархостҳои ширкатҳои энергетикии миллиро иҷро

мекунад ва ICWC вазифаҳои фармондиҳиро то андозае нигоҳ доштааст (ё кӯшиш мекунад, ки нигоҳ дорад). Муҳимтар аз ҳама, онҳо бо ҳамдигар муносибат надоранд ва дар натиҷа андешаҳои гуногуни зидди якдигар ба вуҷуд меояд. Тамоми низоми кори иншоотҳои гидроэнергетикии ҳавзаи баҳри Арал аз тарафи ICWC (бо БВО) бе иштироки мутахассисони соҳаи энергетика тартиб дода, тасдиқ карда мешаванд. Дар ин намуди пешбурди низоми корӣ қариб ҳамаи иншоотҳои асосии неругоҳҳои барқӣ обиро, мутахассисони соҳаи энергетика бе иштироки намояндагони хоҷагии об ба амал мебароранд [37].

Камбудии дигари ташкилотҳои номбурда дар он аст, ки агарчи онҳо мақоми ташкилотҳои байнидавлатӣ дошта бошанд хам, иваз намудани кадрҳои роҳбарикунанда ва иштироки мутахассисони дигар ҷумҳуриҳоро дар пешбурди соҳаи энергетика, таъмин мекунанд. Ин ташкилотҳо дар маркази Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шаҳри Тошканд ҷойгир шуда, кормандони он қариб 100 дарсад аз ҳисоби кадрҳои миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошанд.

Вазъият дар худи ҷумҳуриҳо низ беҳтар нест. Дар ин ҷо низ марказҳои умумиҷумҳуриявии назорат вуҷуд надоранд ва ҳамоҳангсозии соҳаҳои обу энергетика на дар нақшаи стратегӣ ва на дар нақшаи саривақтӣ ба роҳ монда нашудааст.

Маҳз ҳамин хок ва ғуборест, ки аз сарҳадҳои хушкшудаи баҳри Арал оварда шуда, ба пиряххо паҳн мегардад ва боиси об шудани онҳо мегардад. Танҳо ҷудо кардани минтақаи баҳри Арал ҳамчун як истеъмолкунандаи иловагии об, ҳамроҳ бо худи баҳри Арал, боиси эътирозҳо мегардад. Бештар эҳтимол меравад, ки ин танҳо як кӯшиши зиёд кардани маҳдудиятҳои он бошад. Бо дарназардошти он ки имрӯз дар баъзе ҷумҳуриҳо назорати пурра ва объективӣ нисбат ба истеъмол ва истифодаи об вуҷуд надорад, маҳрум сохтани на танҳо минтақаи баҳри Арал, балки худи баҳри Арал аз камбуди об ғайриимкон ва номувофиқ аст. Дар ин замина, мебояд барои истеъмолкунандагони асосии об, яъне барои Ӯзбекистон ва Қазокистон бо дарназардошти масоили дар боло зикргардида ҳиссаи муайян муқаррар

кардан, мувофиқи мақсад аст. Албатта, бо масъулияти баробари ҳамаи давлатҳо барои «хушк шудани» баҳри Арал ва иштироки баробари онҳо дар тақсим кардани ҳиссаи об ба он розӣ шудан мумкин нест. Чунин ҳиссаҳо, пеш аз ҳама, аз ҳисоби ҷумҳуриҳое, ки дар солҳои 60-90-уми асри гузашта аз ҳисоби зиёд шудани заминҳои корами обӣ, яъне аз ҳисоби Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба баҳри Арал хеле кам карда мешуданд. Қирғизистон ва Тоҷикистон ба масоили бамиёномада, ҳадди ақалл робита надоранд [139, с. 29-40].

Баъзан ҳамчун далели нигоҳ доштани тақсимоти оби мавҷудаи ҷумҳуриҳои поёноби хавзаи баҳри Арал низ ҳуқуқи «таърихӣ» пешниҳод мекунанд. Мо дар боло ба ин масъала ишора карда будем. Дар ҷумҳурии мо, ин муносибат аз ин ҳам камтар асоснок шудааст.

Содирот ё рушди муштараки соҳаи гидроэнергетикии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад тавассути коҳиши якбораи партовҳои газҳои гулхонаӣ дар тамоми минтақа раванди беҳбуди муҳити зистро густариш диҳад. Ва ин имкони хеле воқеӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, дар минтақаи Осиёи Марказӣ солҳои охир ҳудуди 150 млрд кВт/соат неруи барқ дар як сол масраф шудааст. Ин назар ба захираҳои воқеии гидроэнергетикии Точикистон ду баробар кам аст. Неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон, ки самарабахш ва аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошанд, ҳам дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва ҳам дар бозорҳои минтақавӣ рақобатпазир хоҳад буд.

Имрӯзҳо Тоҷикистон тавассути обанбори Қайроққум танзими мавсимии ҷараёни дарёи Сирро ба манфиати Ӯзбекистону Қазоқистон қариб, ки пурра таъмин менамояд. Ҳамзамон, дар ҳавзаи дарёи Ому обанбори Норак ҳамин вазифаҳоро анҷом медиҳад.

Сохтмони НБО-и Роғун низ танзими дарозмуддати маҷрои тамоми ҳавзаи дарёи Омуро таъмин хоҳад кард. Айни ҳол, мушкилоти оби ошомиданӣ низ аллакай дар ҷаҳон ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин табдил ёфта истодааст ва дар ҳамин замина ниёз ба хидматрасониҳои танзими ҷараёни об дар оянда боз ҳам бештар хоҳад шуд. Аз ин рӯ, пешниҳодҳои

Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масоили об ва ҳифзи пиряххо саривақтӣ ва на танҳо ба манфиати ҷаҳон, балки пеш аз ҳама ба манфиати кишварҳои минтақа мебошад.

Хулоса, захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа нақши калидӣ доранд, зеро онҳо манбаи асосӣ барои истеҳсоли неруи барқ мебошанд. Дар шароити маҳдудияти захираҳои обӣ ва тақсимоти нобаробари онҳо байни кишварҳои минтақа, масъалаи истифодаи самаранок ва устувори ин захираҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Артерияҳои обии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бузургтарин дарёҳои Ому ва Сир, миқдори зиёди обро барои ниёзҳои кишоварзӣ, саноатӣ, ниёзҳои рӯзмарраи аҳолӣ ва гидроэнергетика таъмин мекунанд, ки як ҷузъи муҳими комплекси энергетикии кишварҳои минтақа мебошад.

Аммо истифодаи захираҳои обӣ барои истеҳсоли неруи барқ бо чандин мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешавад. Пеш аз ҳама, ба низоми нобаробари об вобаста аст, ки дар банақшагирӣ ва идораи истифодаи об душвориҳо ба бор меорад. Дар давраи обхезии мавсимӣ ва боронгарии зиёд, об аз ҳад зиёд мешавад, дар ҳоле ки дар моҳҳои хушк - камбуди шадиди он ба назар мерасад. Ин дар навбати худ ба устувории истеҳсоли неруи барқ таъсир мерасонад, махсусан, дар кишварҳое ки ба гидроэнергетика вобастагии зиёд доранд.

Мушкилоти иловагӣ аз муносибатҳои байнидавлатӣ, ки бо захираҳои обии фаромарзӣ алоқаманданд, ба вуҷуд меоянд. Кишварҳое, ки дар болооби дарёҳо ҷойгиранд (Тоҷикистон ва Қирғизистон), кӯшиш мекунанд истеҳсоли неруи барқро тавассути танзими ҷараёни об тавассути неругоҳҳои худ ба ҳадди аксар расонанд. Айни замон, кишварҳое, ки дар поёноби дарёҳо ҷойгиранд (Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон), ба таъмини доимӣ ва пешгӯишавандаи об барои ниёзҳои кишоварзӣ ва оби ошомиданӣ манфиатдоранд. Ин ихтилофот аксар вақт боиси танишҳои сиёсӣ мегарданд ва таҳияи стратегияи байналмилалӣ ва механизмҳои мувофиқ барои идоракунии захираҳои обиро талаб мекунанд.

Вазъият, инчунин, бо омилҳои иқтисодӣ мураккабтар мегардад, аз ҷумла, норасоии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки бо таҷдид ва рушди иншооти гидроэнергетикӣ вобастаанд, фарсудашавии неругоҳҳо ва каналҳои мавҷуда, инчунин маҳдуд будани дастрасӣ ба бозорҳои молиявии байналмилалӣ барои ҷалби сармоягузорӣ. Ин мушкилот бо тағйирёбии иқлим, ки ба тағйирёбии низоми гидрологии дарёҳо оварда мерасонад ва метавонад дар муҳлати дарозмуддат ба ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ таъсири ҷиддӣ расонад, боз ҳам афзоиш меёбад.

Аз ин рӯ, барои рафъи мушкилоти иқтисодии мавҷуда, ки бо истифодаи захираҳои обӣ барои истеҳсоли неруи барқ дар Осиёи Марказӣ алоқамандманд, равишҳои мураккаб ва кӯшишҳои ҳамоҳангшудаи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор заруранд. Муҳим аст, ки ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, беҳтар намудани инфрасохтори иншооти обию энергетикӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои обӣ ва коҳиши хавфҳои экологӣ равона шудаанд, таваҷҷуҳ зоҳир шавад. Танҳо ба ин васила метавон ба рушди устувор ва судманди тарафайн дар минтақа ноил шуд ва таъмини боэътимоди энергияи барқ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обиро ба нафъи ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ таъмин кард.

## 2.2. ҲАМКОРИҲО ДАР САРМОЯГУЗОРӢ, ЛОИҲАКАШӢ ВА ИСТИФОДАИ НЕРӮИ ЗЕҲНӢ - ТЕХНИКӢ ДАР СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши ниёзи ҷомеа ба манбаъҳои энергия, ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад. Ин масъала барои кишварҳои Осиёи Марказӣ махсусан муҳим аст, зеро гидроэнергетика дар сохтори таъминоти энергияи ин кишварҳо мавқеи муҳимро ишғол намуда, на танҳо эҳтиёҷоти дохилиро бо неруи барқ таъмин мекунад, балки ба имкониятҳои содиротӣ низ мусоидат менамояд. Захираҳои табиии минтақа, бахусус захираҳои бойи обӣ,

шароити мусоидро барои истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ ва ташаккули амнияти устувори энергетикӣ фароҳам меоранд.

Ҳамкорӣ дар ҷалби сармоягузориҳо, тарҳрезӣ ва идораи иқтидорҳои техникии оқилона дар соҳаи гидроэнергетика омили муҳим барои татбиқи муваффақи лоиҳаҳо дар ин соҳа мебошад. Дар шароити хатарҳои глобалӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, коҳиши дастрасии манбаъҳои анъанавии энергия ва зарурати гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия, гидроэнергетика дар таъмини рушди устувор ва афзоиши иқтисодии кишварҳои минтақа нақши калидӣ мебозад.

Ба масъалаи ҷалби сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика бояд диққати махсус дода шавад. Сармоягузории муваффақ на танҳо ба мавҷудияти захираҳои молиявӣ, балки ба ташкили фазои мусоиди институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ вобаста аст, ки ба рушди шарикии мутақобилан судманд мусоидат мекунад. Таҷрибаи як қатор кишварҳо, ки дар рушди гидроэнергетика фаъоланд, нишон медиҳад, ки ҷалби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, сармоягузорони хусусӣ ва фондҳои давлатӣ дар рушди соҳа нақши ҳалкунанда мебозад.

Тарҳрезии иншооти муосири гидроэнергетикӣ истифодаи технологияҳои пешрафта ва қарорҳои муҳандисиро талаб мекунад, ки ҳадди аксар самаранокӣ ва эътимоднокии кори иншооти гидротехникиро таъмин мекунанд. Дар ин замина, иқтидорҳои техникии зеҳнӣ ба унсури калидӣ табдил меёбанд, ки ба беҳсозии равандҳои тарҳрезӣ, сохтмон ва истифодабарии неругоҳҳои барқи обӣ мусоидат мекунанд. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва қарорҳои муҳандисӣ ба баланд бардоштани самаранокии умумии лоиҳаҳои энергетикӣ, коҳиши хароҷот ва кам кардани таъсир ба муҳити зист мусоидат мекунад.

Дар замони муосир рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва афзоиши талабот ба захираҳои энергетикӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика аҳаммияти стратегӣ касб мекунад. Ин ба таври махсус барои кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим аст.

Ҳамкорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, тарҳрезӣ ва истифодаи иқтидорҳои техникии зеҳнӣ дар соҳаи гидроэнергетика яке аз муҳимтарин омилҳои муваффақияти татбиқи лоиҳаҳои рушдёбандаи ин соҳа мебошад. Дар шароити чолишҳои глобалӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, коҳиши дастрасии манбаъҳои анъанавии энергия ва зарурати гузариш ба манбаъҳои барқароршаванда, гидроэнергетика нақши калидӣ дар таъмини рушди устувор ва рушди иқтисодӣ мебозад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳимтарини рушди иқтисодӣ, ин сохтмон, навсозӣ ва таъмири иншоотҳои гидроэнергетикӣ (неругоҳҳои барқи обӣ) бо ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Ҳукумати Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, талош намуд, то имкониятҳои мавҷударо барои ҷалби сармоягузорӣ ба сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ васеъ истифода барад.

Соҳаи гидроэнергетика, ки 20 дарсади истеҳсолоти ҷаҳониро ташкил медиҳад, барои рушди иқтисодиёти кишварҳо аҳаммияти калон дорад. Дар Тоҷикистон, ин нишондиҳанда ба 95-98% мерасад, ки ин кишварро дар ҷаҳон аз рӯи захираи қувваи барқ ба сари аҳолӣ дар ҷойи чорум ва аз рӯйи дарозии хатҳои интиқоли барқ дар ҷойи аввал қарор додааст. Дар айни ҳол, Тоҷикистон танҳо 3-4 дарсади имкониятҳои гидроэнергетикии худро истифода мебарад, аммо дар солҳои охир талошҳои фаъол барои истифодаи бештар аз ин имкониятҳо ва иқтидорҳои нав ба роҳ монда шудааст [180, с. 262-268].

Масалан, Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади бартараф кардани мушкилоти таъмини қувваи барқ дар соли 2006 Стратегияи миллии рушди энергетика барои солҳои 2006-2010 ва Барномаи инкишофи соҳаи гидроэнергетикаи вилоятҳои Хатлон ва Суғдро то соли 2015 қабул намуд. Ин санадҳо боиси пешрафти назаррас дар амалишавии лоиҳаҳои гуногуни гидроэнергетикӣ гардиданд. Ҳамчунин, нақшаҳои сармоягузории неругоҳҳои

хурду бузург ва хатҳои интиқоли барқи баландшиддат таҳия шуда, бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалии маблағгузор татбиқ мегарданд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи асосӣ сохтмон, таҷдид ва навсозии иншооти обӣ-энергетикӣ бо истифода аз сармоягузориҳои хориҷӣ буд. Пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, кишвар бо мушкилоти ҷиддӣ дар таъмини неруи барқ ва амалӣ намудани вазифаҳои стратегии худ рӯ ба рӯ шуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тамоми кӯшишҳои худро барои ҷалби сармоягузориҳо ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ равона кард.

Кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон мунтазам ба тавсеаи иқтидорҳои гидроэнергетикӣ ва баланд бардоштани сатҳи истифодаи захираҳои обии кишвар равона шудаанд. Дар доираи ин ташаббусҳо, кишвар ҳамкориҳои гуногунҷабҳа бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ, аз қабили Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва дигар муассисаҳои байналмилалии молиявӣ барқарор кардааст, ки барои татбиқи лоиҳаҳои муҳими гидроэнергетикӣ ва таъмини устувории низоми энергетикӣ маблағгузории зарурӣ фароҳам меоранд.

Яке аз лоиҳаҳои муҳимме, ки дар ин самт амалӣ шудааст, лоиҳаи сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун мебошад, ки ҳамчун як манбаи муҳим барои истеҳсоли энергияи тоза ва навсозии инфрасохтори энергетикӣ эътироф шудааст. Иншооти мазкур бо иқтидори бештари истеҳсоли неруи барқ ба ҳадафи таъмини талаботи дохилӣ ва содироти энергияи тоза ба кишварҳои ҳамсоя мусоидат мекунад. Илова бар ин, сохтмон ва навсозии нерӯгоҳҳои дигари хурду миёна низ идома доранд, ки ҳар кадоми онҳо дар таъмини неруи барқ ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат нақши муҳим доранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ, инчунин, ба лоиҳаҳои баландтехнологияи хатҳои интиқоли барқи баландшиддат диққати махсус медиҳад, ки тавассути онҳо имконияти

интиқоли неруи барқ ба кишварҳои дигар ба вуҷуд омада, ба рушди бозори умумиминтақавии энергетика саҳми назаррас гузошта мешавад.

Ин талошҳо на танҳо ба ҳалли мушкилоти дохилӣ, балки ба тавсеаи имкониятҳо дар бозори байналмилалии энергетикӣ низ мусоидат мекунанд. Тоҷикистон бо содироти неруи барқи тоза ва устувор ба кишварҳои минтақа, аз ҷумла, Афғонистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон шуруъ намудааст, ки ин амалиёт ба тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва таъмини субот дар минтақа мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, сиёсати энергетикии Тоҷикистон, ки боиси татбиқи лоиҳаҳои бузург ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ гардид, ба истиқлоли энергетикӣ ва рушди устувори кишвар мусоидат мекунад, ки дар ниҳоят ба беҳбудии зиндагии мардум ва таъмини пешрафти иқтисодии Тоҷикистон замина мегузорад.

Чи тавре ки дар боло ишора рафт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади раҳоӣ аз мушкилоти энергетикӣ дар соли 2006 Стратегияи миллии рушди энергетикаро барои солҳои 2006-2010 ва Барномаи инкишофи соҳаи гидроэнергетикаи вилоятҳои Хатлон ва Суғдро то соли 2015 қабул кард. Ин санадҳои меъёрӣ дар амал татбиқ шуда, нақшаҳои сармоягузории неругоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ ва хатҳои интиқоли барқи баландшиддат таҳия гардиданд. Лоиҳаҳои барқароркунӣ ва рушди энергетика бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалии маблағгузор бомуваффақият амалӣ мешаванд.

Лоиҳаи «Барқароркунии соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин ташаббусҳоро барои беҳтарсозии инфрасохтори энергетикӣ дар бар мегирад. Лоиҳаҳои калидӣ инҳоянд:

- **Таҷдид ва барқарорсозии шабакаҳои интиқол ва тақсимоти барқ дар вилояти Хатлон**: иншооти барқӣ, аз ҷумла, таҷҳизоти истгоҳҳои кушодаи барқӣ бо шиддати 500-200 кВт дар зеристгоҳи Регар, таъмир ва навсозӣ мегарданд.
- **Таҷдиди васлаҳои баландшиддат дар зеристгоҳи Регар** ва навсозии таҷҳизоти ченкунӣ барои тайини ҳаҷми умумии интиқоли неруи барқ.

- **Тозакунии сатҳи поёноб дарёи Норак**: бо мақсади беҳтар намудани кори Неругоҳи барқи обии Норак.
- **Таъмиру тақвияти таҳкурсии таҷҳизоти шуъбаи назорати техникӣ** дар НБО-и Норак бо шиддати 220 кВт.
- **Мониторинг ва назорати бехатарии сарбанди НБО-и Норак**: ташкили низоми мукаммали назорати ҳолати сарбанд.
- **Барқарорсозии зеристгоҳҳои Ҷангал ва Навин**, ки барои устувории интиқоли барқ муҳим мебошанд.
- **Барқароркунии НБО-и Марказӣ**: ин неругоҳҳо ба таъмири ҷиддӣ ниёз доранд.
- **Таҷдиди сохтори мухобиротӣ дар вилояти Хатлон**: барои таъмини робитаи самаранок ва назорат дар шабакаҳои барқ.
- **Барномаи таъҷилии барқарорсозии шабакаҳои барқи шаҳри Душанбе**: тадбирҳои зарурӣ барои устувории таъминоти барқ дар пойтахт.

Ҳамаи ин ташаббусҳо дар доираи қарзи умумии 62,4 миллион доллари ИМА татбиқ мешаванд. Дар ҷараёни иҷрои лоиҳаҳо чораҳои зарурӣ барои банақшагирии самаранок қабул шуда, ҳадафи асосии онҳо таъмини устуворӣ ва самаранокии бахши энергетикӣ мебошад [91, с. 70].

Дар соли 2008 бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, сохтмони НБО-и Сангтӯда-1 анҷом ёфта, бо арзиши 250 миллион доллари ИМА ба истифода дода шуд. Иқтидори ин неругоҳ 670 МВт-ро ташкил медиҳад. Дар ҳамон давра, тибқи барномаи рушди энергетика, Бонки исломии рушд барои сохтмони панҷ неругоҳи хурди барқи обӣ 9,2 миллион доллари ИМА ва Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» барои сохтмони ду неругоҳи хурди барқи обӣ 2,4 миллион доллари ИМА ҷудо карданд. Ба ин неругоҳҳо НБО-и Тутак (500 кВт) дар ноҳияи Рашт, НБО-и Даштахозамин дар ноҳияи Рашт, НБО-и Каландак дар ноҳияи Нуробод, НБО-и Гултеппа дар ноҳияи Файзобод, НБО-и Ҳорма дар ноҳияи Балҷувон, НБО-и Талмон дар

ноҳияи Ваҳдат, НБО-и Марҷона дар ноҳияи Айнӣ ва НБО-и Пивтовкул дар ноҳияи Лахш дохил мешаванд.

Ҳамзамон, ду неругоҳи хурди барқӣ дар маҳаллаҳои Чептураи ноҳияи Шаҳринав ва Артучи шаҳри Панҷакент сохта ва ба истифода дода шуданд. Яке аз муҳимтарин лоиҳаҳои ин давра лоиҳаи таҷдиди шабакаи барқии шаҳри Душанбе буд, ки арзиши он 13 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, аз ҷониби Фонди Кувайт маблағгузорӣ гардид.

Баъзе лоиҳаҳои асосии маблағгузорӣ барои неругоҳҳои барқи обӣ инҳо буданд:

- Хатти интиқоли барқи баландшиддати (ХИБ) 500 кВт «Ҷануб-Шимол» (Роғун – вилояти Суғд);

- Хатти интиқоли барқи баландшиддати 500 кВт «Роғун – Сангтӯда – Қундуз – Пули Хумрӣ – Кобул – Пешовар (Покистон)» [159, с. 3-6].

Барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин чандин созишномаро бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетика ба имзо расонд. Аз чумла, байни Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» ва ширкати «TBEA» шартнома барои сохтмони хатҳои интиқоли барқии 500 кВт «Ҷануб-Шимол» ва 220 кВт «Лолазор-Кӯлоб» бо маблағи умумии 341 миллион доллари ИМА ба имзо расид. Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо ширкати «Сино Хайдро» корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ барои истифодаи захираҳои обии дарёҳои Зарафшон ва Оби Хингов анҷом дода шуданд [166, с. 47].

Бо истифода аз грантҳои Агентии рушд ва савдои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фонди рушди ҳукумати Ҷопон, Бонки Рушди Осиё ва Ҳукумати Олмон, лоиҳаҳои навсозии техникию иқтисодии НБО-и Қайроққум, силсилаи неругоҳҳои Варзоб ва Вахш, зеристгоҳҳои 220-500 кВт НБО-и Норак таҳия шуданд.

Яке аз масъалаҳои калидии стратегияи рушди гидроэнергетика коҳиши талафоти неруи барқ мебошад. Бо мақсади коҳиши ин талафот, вазорат чораҳое монанди ташкили низоми дақиқи ҳисобу китоб, мустаҳкам намудани

инфрасохторҳои ҳисобу китоб ва баланд бардоштани самаранокии таҷҳизоти шабакавӣ ба роҳ мондааст. Дар соли 2006 Вазорати энергетика бо истифода аз воситаҳои молиявии худ ва сармояҳои Бонки ҷаҳонӣ зиёда аз 50 ҳазор ҳисобкунакҳои газ ва 52 ҳазор ҳисобкунакҳои баркро насб намуд.

Бар асоси Стратегияи рушди энергетика, нақшаҳои истеҳсоли неруи барқ барои солҳои оянда чунинанд:

- 26,4 млрд кВт/соат дар соли 2010;
- 35 млрд кВт/соат дар соли 2015;
- 60 млрд кВт/соат дар соли 2020;
- 84 млрд кВт/соат дар соли 2025.

Дар ин солҳо содироти неруи барқи кишвар чунин буд:

- 12 млрд кВт/соат дар соли 2015;
- 30-32 млрд кВт/соат дар соли 2020;
- 47,5 млрд кВт/соат дар соли 2025.

Барои ҳалли буҳрони энергетикӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), маблағҳо аз созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Фонди Оғохон, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, Фонди байналмилалии рушд ва ширкати «Помир Энерҷӣ» ҷалб карда шуданд. Тибқи созишномаҳои имзошуда, байни солҳои 2002 то 2005 чанд неругоҳ ва хатҳои интиқоли барқ барқарор карда шуданд, аз ҷумла, НБО-и Намадгут (35 кВт), ва неругоҳҳои Бизмич, Ҷамъ, Навобод, Пистон, Хоруғ ва Бунин, инчунин, хатҳои интиқоли барқи 35 кВт Помир-1 - Хоруғ ва Пистон - Бунин. Тадбирҳои барқарорсозӣ инчунин, дар неругоҳҳои барқи обии Хоруғ ва Ванҷ оғоз гардиданд.

Дар марҳилаи ибтидоии сохтмон, ду чархаи Неругоҳи барқи обии Роғун, бо иқтидори якҷояи 1200 МВт (600 МВт ҳар кадом), ба кор дароварда шуданд, ки ҳамагӣ 4,5 миллиард кВт/соат неруи барқ тавлид карданд. Дар соли 2009, барои идомаи сохтмони НБО-и Роғун аз буҷаи давлатӣ 532,5 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд ва арзиши умумии корҳои анҷомшуда дар он сол ба 431 153 822 сомонӣ расид [58, с. 7-25].

Бар асоси таҳлилҳои техникӣ ва иқтисодӣ, НБО-и Шӯроб, ки дар байни НБО-и Роғун ва НБО-и Норак ҷойгир аст, самаранокии баланд дошта, бо иқтидори 859 МВт ва арзиши сохтмони 1 млрд доллари ИМА, яке аз лоиҳаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Неругоҳи барқи обии Даштиҷум, ки дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, низ дар байни лоиҳаҳои муҳимми Тоҷикистон қарор дорад. Ин неругоҳ, ки дар замони шуравӣ тарҳрезӣ шуда буд, бояд дар рӯдхонаи Панҷ сохта мешуд. Тибқи маълумоти расмии соли 1967, НБО-и Даштиҷум бояд аз 12 чарха бо иқтидори умумии 4000 МВт ва иқтидори солонаи 15,6 млрд кВт/соат иборат бошад. Баландии сарбанди тарҳрезишуда 310 метр, дарозии обанбор 1075 метр, масоҳати оинаи обанбор 135 км$^2$, ҳаҷми умумӣ 17,6 миллион м$^3$ ва ҳаҷми муфид 10,2 миллион м$^3$ мебошад.

Неругоҳи барқи обии мазкур, ки дар байни Тоҷикистону Афғонистон ҷойгир аст, ба 14 маҳалли аҳолинишин неруи барқ медиҳад, ба сохтмони шоҳроҳҳо мусоидат мекунад ва 1100 га замини Тоҷикистон ва 860 гектар замини обёришаванда, 1600 гектар замини бекорхобида ва 570 гектар чарогоҳро дар Афғонистон обёрӣ менамояд. Арзиши лоиҳа 3,2 миллиард доллари ИМА арзёбӣ шудааст. Неругоҳи барқи обии Даштиҷум ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон, Покистон, Эрон ва Чин метавонад неруи барқ диҳад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ таъкид шудааст: «Барои ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва ишғоли мавқеи пешбар дар бозори ҷаҳонии қувваи барқ, зарур аст, ки консортсиумҳои байналмилалӣ барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ҷалб шаванд» [133].

Маблағгузории лоиҳаҳои рушди гидроэнергетика тавассути созмонҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ мегардад. Ин лоиҳаҳо ҷузъи муҳими стратегияи энергетикии кишвар мебошанд ва дар баробари ин, ба рушди дигар иншооти муҳим мусоидат мекунанд. Бо ин мақсад, Консепсияи рушди комплекси сӯзишворӣ ва энергетика барои солҳои 2003-2015, барномаҳои

рушди энергетикаи вилоятҳои Хатлон ва Суғд то соли 2015, инчунин лоиҳаҳои сармоягузории нерӯгоҳҳои хурду калон ва хатҳои баландшиддати барқ таҳия гардиданд.

Тараққиёти гидроэнергетикаи ҷумҳурӣ на танҳо барои иқтисодиёти дохилии Тоҷикистон, балки барои иқтисодиёти кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ низ манфиатовар мебошад.

Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи энергетика, моҳи майи соли 2006 дар Исломобод (Покистон) аввалин конфронси рушди бозори тиҷорати нерӯи барқ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ баргузор гардид, ки иштироккунандагон дар он ба натиҷаҳои назаррас ноил шуданд.

Дар конфронс эълон шуд, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Қирғизистон, 4000 МВт нерӯи барқ барои содирот доранд. Ширкаткунандагони нишаст дар мавриди бунёди хатти интиқоли барқи 500 киловатт, ки Тоҷикистон ва Қазоқистонро бо Афғонистону Покистон мепайвандад, ба мувофиқа расида, инчунин аз сармоягузорони байналмилалӣ дастгирӣ хостанд.

Дар идомаи ин талошҳо, бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар шаҳри Душанбе конфронси дуюм оид ба рушди бозори савдои нерӯи барқ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ баргузор гардид. Дар оғози ин мулоқот, миёни Тоҷикистон, Покистон, Афғонистон ва Қирғизистон як ёддошти тафоҳум ба имзо расид. Баъд аз он, Бонки Осиёии Рушд ба ширкати SNC Lavalin (Канада) ва як гурӯҳи ширкатҳои амрикоӣ, аз ҷумла Fieldstone Capital, Chakborn & Park ва Nextang, супориш дод, ки асосноккунии техникӣ-иқтисодии тарҳро таҳия кунанд.

Ба гурӯҳи мушовирон вазифа дода шуд, ки гузориши муқаддамотӣ дар бораи марҳилаи аввали тарҳи хатти интиқоли барқи 500 киловатт «Тоҷикистон-Афғонистон-Покистон»-ро таҳия карда, онро дар Ҷиддаи Арабистони Саудӣ ва сипас дар Монреали Канада муаррифӣ намоянд. SNC Lavalin (Канада) натиҷаҳои ин асосноккунии техникӣ-иқтисодиро ба иштироккунандагони конференсия пешниҳод кард. Баъди муҳокимаҳо,

Ёддошти тафоҳум дар бораи рушди бозори савдои барқи минтақавӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба имзо расид, ки ҳадафи он баланд бардоштани самаранокии амалиётии нерӯгоҳҳо ва осон намудани интиқоли барқ байни ин кишварҳост [131, с.36].

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки ҷалби сармоягузорӣ барои афзоиши иқтидори истеҳсолии саноати гидроэнергетикии Тоҷикистон ба расидан ба як қатор ҳадафҳои муҳим мусоидат хоҳад кард. Ин иқдом ба табдил додани Тоҷикистон аз як истеъмолкунандаи нерӯи барқ ба як истеҳсолкунандаи асосии он мусоидат менамояд. Барқароршавии фаъолияти даҳҳо корхонаҳои саноатӣ, рушди гидроэнергетика ва фароҳам овардани ҳазорҳо ҷойи нави корӣ аз ҷумлаи манфиатҳои ин раванд мебошанд.

Истеҳсоли нерӯи барқ ба беҳтар шудани сатҳи иқтисодии кишвар мусоидат намуда, обёрии ҳазорҳо гектар заминро таъмин хоҳад кард. Илова бар ин, ширкатҳои нав барои истифода ва мониторинги нерӯгоҳҳои барқи обӣ таъсис меёбанд, ки ин ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути обёрии мошинӣ мусоидат хоҳад кард.

Истифодаи нерӯи барқ бо истифода аз захираҳои обӣ ҳамчун манбаи тозаи сӯзишворӣ, Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои камназири ҷаҳон табдил медиҳад, ки дар он сатҳи баланди бехатарии экологӣ таъмин мегардад.

Дар ин замина, нақшаи сохтмони 13 нерӯгоҳи нави барқи обӣ дар рӯди Панҷ пешбинӣ шудааст, ки аз ҷумла НБО Баршор, Андороб, Пиш, Хоруғ, Рӯшон, Язгулом, Дарвоз, Ширговат, Хостав, Даштиҷум, Ҷумар, ва ғайра бо иқтидори аз 300 то 4000 МВт ва иқтидори солонаи умумии 80,6 миллиард кВт/соат мебошанд. Аз ҷумла, НБО Даштиҷум бо иқтидори 4000 МВт ва ҳаҷми обанбори 17,6 км$^2$ яке аз муҳимтарин нерӯгоҳҳоест, ки мавриди баррасӣ қарор дорад [7].

Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ бо сармоягузории лоиҳаҳои гуногун, аз ҷумла сохтмони инфрасохторҳои мухталиф, ба монанди зеристгоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ, идома дорад. Аз ҷумла, НБО Сангтӯда-1 бо иқтидори 670 МВт, хатти интиқоли барқи Лолазор-Хатлон бо тавоноии 220 кВт ва

хатти интиқоли барқи Ҷанубу Шимол бо тавоноии 500 кВт сохта ва ба истифода дода шуданд. Илова бар ин, 221 нерӯгоҳи хурди барқӣ бо иқтидори умумии 14,273.7 кВт сохта шуданд, ки сохтмони онҳо аз ҷониби сармоягузорони байналмилалӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ гардид [130, с.4].

Ҳамзамон, корҳои лоиҳавию таҳқиқотӣ дар як қатор лоиҳаҳо, аз ҷумла НБО Сангтӯда-2, хатти интиқоли барқи Тоҷикистон-Афғонистон бо тавоноии 220 кВт, хатти интиқоли барқи Душанбе-Зарафшон бо тавоноии 110 кВт, хатти интиқоли барқи Хуҷанд-Айнӣ бо тавоноии 220 кВт ва сохтмони 25 нерӯгоҳи хурди барқӣ бо иқтидори умумии 11,222 кВт идома доранд, ки ин лоиҳаҳо аз ҳисоби сармоягузориҳои хусусӣ ва байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд.

Ҳамаи корҳои зикршуда таҳти назорати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби кишвар амалӣ мешаванд. Сохтмони хатти интиқоли барқи баландшиддати «Хуҷанд-Айнӣ» бо иқтидори 220 кВт, ки дар нақшаи маблағгузорӣ ворид шудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Чин маблағгузорӣ гардидааст. Пудратчии генералии ин сохтмон ширкати «ТВЕЛ» мебошад. Маблағи умумии лоиҳа 36,9 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, интиқоли қувваи барқро ба ноҳияҳои шимолии вилоят, ки пештар аз норасоии қувваи барқ ранҷ мебурданд, таъмин менамояд.

Ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ қаблан қувваи барқро аз Ӯзбекистон мегирифтанд, ки онро бо нархи 4 сент барои 1 кВт/соат мехариданд ва бо нархи 2 сент ба истеъмолкунандагони дохилӣ мефурӯхтанд, ки барои иқтисодиёти Тоҷикистон номусоид буд. Аз ин сабаб, анҷоми ҳарчи зудтари сохтмони хатти интиқоли барқи «Хуҷанд-Айнӣ» барои кишвар аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад.

Ҳамчунин, сохтмони хатти интиқоли барқи Сангтӯда-Пули Хумрӣ барои таъмини қувваи барқ ба ҷануби кишвар низ аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Ҳисобу китобҳо нишон медиҳанд, ки дар мавсими тобистон ҳаҷми изофии қувваи барқ метавонад ба Афғонистон интиқол дода шавад [110].

Имрӯз истеъмоли қувваи барқ дар саросари ҷаҳон мунтазам афзоиш меёбад. Тибқи ҳисобу китобҳои мутахассисон, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ солона тақрибан 150 миллиард кВт/соат қувваи барқ истифода мешавад.

Яке аз соҳаҳое, ки ҳамеша ба сармоягузориҳои калони асосӣ ниёз дорад, гидроэнергетикаи Тоҷикистон мебошад. Хароҷоте, ки барои рушди ин соҳа зарур аст, сармояи калидӣ барои афзоиши истеҳсоли нерӯи барқ ба ҳисоб меравад. Гидроэнергетика ҳамчун таҳвилдиҳандаи асосии нерӯи барқ барои таъмини талаботи кишвар, беҳбуди вазъи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум нақши муҳим мебозад.

Дар миқёси ҷаҳонӣ, истеъмоли нерӯи барқ солона ба ҳисоби миёна 2,5% зиёд мешавад ва ин тамоюл дар Тоҷикистон низ мушоҳида мегардад. Барои қонеъ намудани талаботи афзоянда ба нерӯи барқ, зарур аст, ки масъалаҳои марбут ба ин соҳа ҳарчи зудтар ҳаллу фасл шаванд. Дар давоми 20 соли охир, сармоягузорӣ ба рушди гидроэнергетика имкон додааст, ки Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна солона аз 2 то 2,5% афзоиш ёбад [78, с.83].

Дар ҳолати амалисозии ҷамъоварии даромадҳо аз истифодаи қувваи барқ, Тоҷикистон метавонад тавассути реинвеститсияи субъектҳои энергетикӣ ва маблағгузории иловагӣ, қисман проблемаи азхудкунии захираҳои гидроэнергетикиро ҳал кунад. Аз ин рӯ, барои худтаъминшавии комплекси энергетикӣ зарур аст, ки даромадҳои дохилӣ мураттаб карда шаванд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо, стратегияи истифодаи самараноки захираҳои барқ бояд амалӣ шавад.

Тибқи ҳисобу китобҳои пешакӣ, сармоягузориҳои зарурӣ ба соҳаи гидроэнергетикаи Тоҷикистон бояд 2-3 миллиард доллари ИМА-ро ташкил диҳад. Интизор меравад, ки бо ин сармоягузориҳо, Тоҷикистон мустақилияти пурра дар таъмини кишвар бо нерӯи барқро ба даст орад [131, с.40-41].

Илова бар ин, созишнома байни Вазорати энергетикаи Тоҷикистон ва Вазорати энергетикаи Эрон барои сохтмони НБО «Сангтӯда-2» ба имзо

расид. Тибқи ин созишнома, 15 июни соли 2005 дар мулоқоти Президенти Тоҷикистон бо директори Бонки Марказии Эрон қайд гардид, ки барои сохтмони НБО «Сангтӯда-2» ҷониби Эрон 180 миллион доллари ИМА ҷудо мекунад ва саҳми Тоҷикистон 40 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Тибқи нақша, НБО «Сангтӯда-2» бояд дар муддати чор сол пурра сохта ва ба истифода дода мешуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон умедҳои зиёд ба рушди энергетикаи хурд мебандад. Иқтидори назариявии дарёҳои хурд ва миёнаи кишвар ҳангоми сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқӣ метавонад ба 30 миллион кВт расида, истеҳсоли солонаи 100 миллиард кВт/соат қувваи барқро таъмин намояд. Ҳамкориҳои муваффақ бо Бонки Рушди Исломӣ дар ин самт нақши муҳим доранд.

Барои истифодаи самараноки захираҳои обии Тоҷикистон сармоягузориҳои бузурги молӣ зарур аст. Дар замони ҳозира, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ба ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи гидроэнергетика машғул аст. Яке аз омилҳои муҳим барои сармоягузорони эҳтимолӣ дастгоҳи институтисионалии соҳаи энергетика мебошад. Дар ҳамкорӣ бо Бонки Рушди Осиё, Ҳукумати Тоҷикистон барномаи тағйироти сохториро дар соҳаи энергетика таҳия намуда, онро ба таври давра ба давра татбиқ мекунад. Дар соли 2000 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» қабул гардид ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Механизми танзими тарифҳо ба кор даромад ва чораҳое барои устувор намудани ҳисобу китоб ва беҳтар кардани ҷамъоварии маблағ андешида шуданд.

Бо ба кор андохтани нерӯгоҳҳои барқи обии «Роғун», «истеҳсоли қувваи барқ дар Тоҷикистон ба 31-33 миллиард кВт/соат дар як сол мерасад. Ҳолати кунунӣ нишон медиҳад, ки талаботи солонаи ҷумҳурӣ ба қувваи барқ 23-25 миллиард кВт/соатро ташкил дода, 8-10 миллиард кВт/соати он барои содирот дастрас хоҳад буд.

Агар сармоягузории асосӣ дар гидроэнергетикаи Тоҷикистон, ки ба маблағи тахминан ду миллиард доллари ИМА баробар аст, амалӣ гардад, дар давоми 5-7 сол содироти солонаи қувваи барқ метавонад ба ҳадди ақал 8-10 миллиард кВт/соат бирасад. Бо назардошти ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон, содироти қувваи барқ ба кишварҳои ҳамсоя ва дури минтақа аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар хоҳад буд.

Аз ин рӯ, сохтмони хатти интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб-Шимол» метавонад самаранокии кори низоми энергетикии параллели Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсояро беҳтар кунад. Илова бар ин, сохтмони хатти интиқоли барқи «Тоҷикистон-Покистон» бо дарозии 700 км имкон медиҳад, ки ба Покистон 1000 МВт қувваи барқ содир карда шавад. Ин масъала дар ҷараёни сафари Вазири захираҳои об ва энергияи Покистон ба Тоҷикистон баррасӣ шуда, меморандум оид ба ҳамдигарфаҳмӣ ба имзо расидааст [108].

Ҳамчунин, Тоҷикистон ва Афғонистон оид ба таҳвили қувваи барқ ҳамкорӣ доранд. Шабакаҳои тақсимкунии қувваи барқ дар шимоли Афғонистон барқарор шуда, хатти интиқоли барқи 100 кВ қувваи барқро ба Қундуз интиқол медиҳад.

Протокол барои содироти 6 миллиард кВт/соат қувваи барқ ба Эрон низ таҳия ва ба тасвиб расид. Тоҷикистон имкони содироти 1,5-2 миллиард кВт/соат қувваи барқро дар фасли тобистон ба Эрон дорад. Ҳукумати Эрон масъалаи транзити қувваи барқро тавассути Ӯзбекистон ва Туркманистон меомӯзад [131, с.44-45].

Дар ҳамин замина, Ҳукумати Тоҷикистон ба давлатҳои ҳавасманд, аз ҷумла аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), пешниҳод мекунад, ки дар сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ барои истифодаи шахсӣ дар ҳудуди Тоҷикистон иштирок кунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои бунёд ва азнавсозии нерӯгоҳҳои барқӣ таваҷҷуҳи зиёд дорад. Аз соли 2005 то 2010 зиёда аз 15 лоиҳаи инвеститсионӣ, бо маблағи умумии 994

миллион доллари ИМА, амалӣ гардиданд. Ҳамчунин, дар солҳои 2010-2015 ҳамкориҳои Тоҷикистон бо сармоягузорони хориҷӣ густариш ёфтанд [108].

Соли 2017, аз ҳисоби амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи электроэнергетика, 99,4 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ карда шуд. Бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ, «Барқи Тоҷик» дар соли 2018 таҷдиду барқарорсозии таҷҳизоти гидротехникии нерӯгоҳҳои Норак, Қайроққум ва дигар иншоотҳоро анҷом дод.

Дар маҷмуъ, Тоҷикистон ҳама захираҳои худро барои рушди инфрасохторҳои энергетикӣ сафарбар кардааст ва ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда таваҷҷуҳи хос медиҳад. Истифодаи нерӯи барқи тоза дар кишвар метавонад Тоҷикистонро дар истеҳсоли нерӯи барқи экологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ пешбар созад.

Дар асри XXI, ҷаҳониён ба сӯи ташаккули «иқтисоди сабз» ва истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқ, ки барои муҳити зист безарар ҳастанд, рӯ овардаанд. Дар ин замина, афзоиши таваҷҷуҳи кишварҳои минтақа ба истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ ва мутобиқати он бо талаботи афзояндаи бозори энергетикии минтақа ба таҳия ва татбиқи тарҳи CASA – 1000 мусоидат мекунад.

Оғози сохтмон – ин як лаҳзаи таърихист. Пеш аз он муҳокима ва тасдиқи чандинсола оид ба ин лоиҳа гузаронида шуд. Музокирот дар бораи ин лоиҳа ҳануз соли 2007, вақте ки дар пойтахти Афғонистон шаҳри Кобул як ёддошти тафоҳум дар бораи рушди бозори минтақавии нерӯи барқ ба имзо расида буд, оғоз гардид. Баъдан, соли 2008 дар Исломобод (Покистон) нахустин Шурои байниҳукуматии чаҳор кишвар баргузор гардид, ки дар он як қатор қарорҳои асосӣ қабул карда шуданд, аз ҷумла ҷонибҳо, ки асосноккунии техникӣ – иқтисодии лоиҳаро фармоиш доданд. Таҳияи санади мазкур то соли 2011 идома еёфт. Вақте ки он омода шуд, маълум гардид, ки ҳамаи иштирокчиёни он – Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон аз татбиқи лоиҳаи CASA – 1000 манфиат мегиранд. Чи тавре ки

дар боло зикр намудем барои татбиқи лоиҳаи CASA – 1000 Шурои байниҳукуматӣ ташкил карда шудааст, ки дар марҳилаҳои аввал он ҳамкориҳои самарабахши минтақавиро таъмин менамояд. Дар доираи Шурои байниҳукуматӣ, кишварҳо дар якҷоягӣ оид ба татбиқи лоиҳа қарорҳо қабул мекунанд, равишҳо ва қоидаҳои умумиро таҳия мекунанд, инчунин стандартҳои ягонаи техникӣ, экологӣ ва бехатариро истифода мебаранд.

Пӯшида нест, ки дар байни дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистону Қирғизистон захираҳои бойи обиро дар даст доранд, вале аз имконоти он кам истифода мекунанд. Ҷонибҳо борҳо таъкид кардаанд, ки онҳо дар пайи тақсими одилонаи захираҳои обианд. Ин ҳамвазнӣ ва манфиатҳои муштарак Тоҷикистону Қирғизистонро канори ҳам қарор дода, ҳамкориҳои обию энергетикии онҳоро бештар бояд намояд. Сиёсатмадорони сатҳи олии кишварҳо ҳам ба ин нукта борҳо ишора намудаанд. Масалан, Азим Иброҳим собиқ муовини сарвазири Тоҷикистон гуфта буд, ки: «Ман фикр мекунам, ки татбиқи ҳама гуна тарҳҳои марбут ба энергетика ба нафъи ҳарду кишваранд. Мо бояд дар ин росто талош кунем, зеро ин ба манфиати мардуми кишварҳои мо мебошад» [225].

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар соҳаи об ва энергетика дар тамоми давраҳои соҳибистиқлолии ин ду кишвар пайваста идома ёфтаанд. Тоҷикистон борҳо ба Қирғизистон нерӯи барқ фурӯхта, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ аз ин кишвар нерӯи барқ харидорӣ кардааст. Хатти интиқоли нерӯи барқ, ки ҳанӯз дар замони шуравӣ байни ин ду кишвар сохта шуда буд, то ҳол фаъолона истифода мешавад.

Лоиҳаи CASA-1000 яке аз бузургтарин ташаббусҳои муштарак мебошад, ки бо татбиқи он Тоҷикистон ва Қирғизистон метавонанд ба содиркунандагони асосии нерӯи барқ ба Афғонистон ва Покистон табдил ёбанд. Ин лоиҳа ба кишварҳои Осиёи Марказӣ имкони роҳ ёфтан ба бозори нерӯи барқи Осиёи Ҷанубиро низ фароҳам месозад. Ба андешаи коршиносони сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ин замина лозим мебояд, ки системаи мукаммале коркард шавад. Дар ҳуҷҷатҳои CASA – 1000 қайд шудааст: «Барои ташкили

як иқтисодиёти рақобатпазир, ки дорои бозори меҳнат бо инфрасохтори пешрафта ва рушди иқтисодие бошад, ки самарааш ба доираи васеи мардум таъсир расонад, низоми устувори электрикӣ зарур аст. Лоиҳаи CASA – 1000 ҳамчун яке аз заминаҳои муҳим барои бунёди шабакаи интиқоли энергияи барқ аз Осиёи Марказӣ ба Осиёи Ҷанубӣ маҳсуб меёбад» [224].

Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеи Тоҷикистонро дар робита ба сохтмони лоиҳаи CASA-1000 шарҳ дода, аҳаммияти онро барои кишварҳои минтақа ва мувофиқати он бо принсипҳои ҳамсоягии нек ва тақсими одилонаи захираҳои об таъкид намуд. Ӯ қайд кард, ки ин лоиҳа қадами муҳимест дар пешбурди ҳамзамони механизмҳои институтсионалӣ ва инфрасохторӣ барои пайвастани захираҳои энергетикии Осиёи Марказӣ бо камбуди энергияи Осиёи Ҷанубӣ дар доираи бозори минтақавии электроэнергияи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ (CASAREM). Ин ташаббус ба рушди дарозмуддати ҳамкории энергетикӣ дар минтақа нигаронида шудааст ва ба ҳамаи кишварҳои иштироккунанда манфиат хоҳад овард [224].

Дар 13-умин Саммити Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, ки 3 марти соли 2017 дар Исломобод (Покистон), баргузор шуд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти рушди энергетикии минтақавиро таъкид карда, дастгирии худро аз лоиҳаи CASA-1000 такрор намуд. Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин қайд кард, ки CASA-1000 роҳи амалӣ барои фурӯши нерӯи барқ аз кишварҳои дорои захираҳои изофии Осиёи Марказӣ ба кишварҳои камбизоати энергетикии Осиёи Ҷанубӣ пешниҳод мекунад. Ин лоиҳа ба сохтмони хатти баландшиддати интиқоли нерӯи барқ нигаронида шудааст, ки қудрати нерӯи барқро то сарҳади Ҳиндустон интиқол медиҳад. Сафири Тоҷикистон дар Покистон, Шералӣ Ҷононов, низ аҳаммияти ин лоиҳаро барои Покистон таъкид намуда, зикр кард, ки CASA-1000 ба ин кишвар имкон медиҳад, ки барқи арзон ва экологӣ ба даст орад, ки ин на танҳо норасоии қувваи барқро коҳиш медиҳад, балки робитаҳои иқтисодии қавӣ бо Афғонистон,

Тоҷикистон ва Қирғизистонро низ таҳким мебахшад. Ин пайвасти стратегӣ ҳамчун асоси ҳамкории энергетикии минтақавӣ хизмат хоҳад кард [222].

Истифодаи оқилонаи захираҳои об ва энергияи Осиёи Марказӣ ҳадафи асосии барномаи минтақавии CASA-1000 боқӣ мемонад, ки комилан ба ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид мувофиқ аст. Лоиҳаи CASA-1000 як нуқтаи муҳим дар ҳамкории энергетикии минтақавӣ мебошад, зеро он чор кишварро – Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон – барои кор дар самти ташкили бозори ягонаи энергетикӣ муттаҳид мекунад. Ин ташаббус на танҳо барои ҳалли камбуди энергия дар Осиёи Ҷанубӣ нигаронида шудааст, балки инчунин ба идоракунии одилона ва устувори захираҳои табиии минтақа мусоидат мекунад [211].

Ҳамин тариқ, CASA-1000 танҳо як лоиҳаи энергетикӣ нест, балки як равиши фарогир барои таҳкими ҳамкории минтақавӣ, вобастагии иқтисодӣ ва рушди устувор мебошад. Бо пайвастани захираҳои энергетикии Осиёи Марказӣ ба талаботи афзояндаи Осиёи Ҷанубӣ, ин лоиҳа аҳаммияти ҳамкории байнисарҳадиро дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ нишон медиҳад. Аз ин рӯ, татбиқи он як рушдномаи тағйирёбанда дар таърихи ҳамкориҳои энергетикӣ байни ин миллатҳо ба ҳисоб меравад, ки ба суботи иқтисодӣ, устувории экологӣ ва шукуфоии дарозмуддати минтақа роҳ мекушояд.

Тавре ки маълум аст, низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009 инҷониб ба таври автономӣ фаъолият менамояд. Дар сурати татбиқи пурраи тарҳи «CASA – 1000» шароит фароҳам меояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори минтақавӣ мавқеи худро муайян ва мустаҳкам карда, ҳамчун кишвари содиркунандаи нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза ба кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубӣ фоидаи иқтисодӣ ба даст биёрад. Инчунин, татбиқи лоиҳаи CASA – 1000 дар ғанӣ гардидани буҷаи кишвар мусоидат намуда, дар амалӣ намудани яке аз чор ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – расидан ба истиқлолияти пурраи энергетикӣ қадами устувор хоҳад буд.

Ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қирғизистон, ҳамчун содиркунандагони асосии нерӯи барқ, таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба татбиқи лоиҳаи CASA-1000 зоҳир кардаанд. Ин ташаббуси бузург на танҳо аҳаммияти стратегии ҳамкориҳои энергетикии минтақавиро таъкид мекунад, балки нақши ҳалкунандаи Пешвои миллат, Ҷаноби Оли Эмомалӣ Раҳмонро дар пешбурди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ низ намоён месозад. Талаботи молиявии лоиҳа, ки зиёда аз 1,1 миллиард доллари ИМА-ро дар бар мегирад, тавассути маблағгузории ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Исломии Рушд, Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд ва Фонди Эътимодии Бисёрҷониба пурра таъмин шудааст. Илова бар ин, агентӣҳои дуҷониба, ба монанди Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба Рушд (USAID), Департаменти Давлатии ИМА ва Департаменти Ҳамкориҳои Байналмилалии Британиё, инчунин як қатор ташкилотҳои дигари донорӣ низ ба ин лоиҳа дастгирии калони молиявӣ расонидаанд. Қайд кардан зарур аст, ки шартҳои маблағгузорӣ имтиёзнок буда, давраҳои баргардонидани қарзҳо аз 25 то 40 солро дар бар мегиранд.

Татбиқи лоиҳаи CASA-1000 дар Тоҷикистон дорои иқтидори назарраси содироти нерӯи барқи изофӣ мебошад, ки метавонад ба манбаи муҳими даромадҳои асъорӣ табдил ёбад. Ин лоиҳа интиқоли нерӯи барқи тобистона аз моҳи май то сентябр аз Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Покистон ва Афғонистонро фароҳам меорад. Тибқи ҳисобҳо, Қирғизистон солона тақрибан аз 500 миллион то 1,5 миллиард киловатт-соат (кВт/соат) нерӯи барқ содир хоҳад кард, ки тақрибан 40%-и ҳаҷми умумии нерӯи интиқолшударо ташкил медиҳад, дар ҳоле ки Тоҷикистон 60%-и боқимондаро таъмин хоҳад кард. Гарчанде ки лоиҳа ба содирот равона шудааст, талаботи дохилии нерӯи барқ ҳамеша афзалиятнок хоҳад буд ва эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони миллӣ дар мадди аввал қарор мегиранд.

Илова бар аҳаммияти иқтисодии худ, CASA-1000 дорои паёмадҳои васеи амниятӣ ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ байни Осиёи Марказӣ ва

Ҷанубӣ мебошад. Афғонистон ва Покистон, ки бо камбуди шадиди нерӯи барқ рӯбарӯянд, аз ин лоиҳа баҳраи калон хоҳанд гирифт. Барои Покистон, бахусус, норасоии беш аз 1000 мегаватт (МВт) нерӯи барқ, ки барои афзоиши саноатии он зарур аст, бо воридоти нерӯи барқ аз Тоҷикистон қисман бартараф хоҳад шуд. Ин воридот барои фаъол кардани корхонаҳои саноатии Покистон бо иқтидори пурра аҳаммияти ҳалкунанда дорад ва дар рушди васеи иқтисодӣ саҳм мегузорад. Ба ҳамин монанд, Афғонистон, ки солҳои тӯлонӣ бо камбудиҳои нерӯи барқ рӯбарӯ аст, аз субот ва афзоиши иқтидори тавлиди нерӯи маҳаллӣ, ки лоиҳаи CASA-1000 фароҳам меорад, баҳра хоҳад бурд. Дастрасии нерӯи барқ дар Афғонистон на танҳо як ҳалли мушкилоти таъмини аҳолӣ бо барқ мебошад, балки як унсури муҳим барои рушди иқтисодии ояндаи ин кишвар низ ба ҳисоб меравад.

Лоиҳаи CASA-1000 инчунин оғози ташкили шабакаи воҳиди энергетикии минтақавӣ мебошад. Манфиатҳои чунин як шабака на танҳо барои Тоҷикистон ва Қирғизистон даромади молиявӣ ба бор меоранд, балки рушди устувори минтақаро низ мусоидат мекунанд. Аз нигоҳи экологӣ, тавлиди нерӯи барқ тавассути нерӯгоҳҳои обӣ ҳамчун манбаи тоза ва устувори энергия дониста мешавад ва ба рушди дарозмуддати экологӣ ва иқтисодии минтақа таъсири мусбат мерасонад.

Дар натиҷа, татбиқи CASA-1000 аҳаммияти фаротар аз тиҷоратӣ дошта, дорои паёмадҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амниятӣ барои минтақа мебошад. Лоиҳа тавассути фароҳам овардани шароити беҳтар барои ҳамкорӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, ташаббуси CASA-1000 дар мувозинати истеҳсоли нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ ва истифодаи он дар Осиёи Ҷанубӣ, ки бо камбуди шадиди нерӯи барқ рӯбарӯ аст, саҳми назаррас мегузорад. Ин тавозуни пешниҳоду талабот аҳаммияти нодири лоиҳаи CASA-1000-ро таъкид мекунад ва нақши калидии онро дар таҳкими амнияти энергетикӣ ва дурнамои рушди ҳарду минтақа нишон медиҳад. Тавассути ин лоиҳа, Осиёи Марказӣ на танҳо ба эҳтиёҷоти иқтисодии худ ҷавобгӯ

мешавад, балки дар чаҳорчӯбаи васеътари рушди минтақавӣ нақши муҳим бозида, барои ҳамгирой ва шукуфоии мутақобилаи ин минтақаҳо замина мегузорад.

Ҳамин тавр, лоиҳаи CASA-1000 ба як омили асосии суботи минтақавӣ ва ҳамкориҳо табдил меёбад ва як намунаи истифодаи устувори энергия ва рушди минтақа пешниҳод мекунад. Дар давраи истиқлолият масъалаҳои сармоягузории байналмилалӣ ва ҷанбаҳои экологии рушди захираҳои обию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди аввал қарор гирифтанд. Комплекси гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан комилан таъмир ва таҷдид карда шуд.

Таъмини ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо нерӯи барқ ва истифодаи оқилонаю самарабахши обию энергетикии минтақа, яке аз масъалаҳои муҳим ва стратегии ҳамкориҳои судманд байни кишварҳои минтақа дар солҳои пасошуравӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина сарони кишварҳои минтақа дар нишасту сафарҳои кории расмии худ ба масъалаи обию энергетикии минтақа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Равобити дипломатӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22–юми октябри соли 1992 барқарор карда шуда, дар ин замина тақвияти ҳамкориҳои судманди дуҷониба, бисёрҷониба миёни ду кишвари ҳамсоя, ки таърихи муштарак доранд афзалият пайдо кард. Инчунин ҳамкориҳои судманд миёни ду кишвар дар доираи нишасти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Чуноне, ки дар боло ишора рафт дар Тоҷикистон захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ҷойгир шудааст ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин захираҳоро барои рушду тараққии иқтисодиёти кишвар ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии халқи худ истифода хоҳад намуд. Ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ дар истифодабарии захираҳои обию энергетикии худ кишварҳои Осиёи

Марказиро аз мадди назар дур намондааст. Агар иқтидорҳои гидроэнергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ 481 млр. кВт/соатро ташкил диҳад, аз он 352 млрд кВт/соат ё 73,2%-и он ба захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон рост меояд [122, с.53-61]. Ҳамин тавр, ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ бо дигар кишварҳо, махсусан бо кишварҳои Осиёи Марказӣ самти стратегии ҳамгироии иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ва шарти шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттифоқи иқтисодии АвруОсиё мебошад.

Чунин равобит дар заминаи нишастҳои расмӣ ва кории роҳбарияти олии кишварҳо анҷом дода мешаванд. Дар 30 соли соҳибистиқлолӣ сарони ин ду кишвари ба ҳам дӯсту наздик борҳо дидори расмӣ ва корӣ анҷом дода, масъалаҳои муҳими байнидавлатии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор дода, барои амалӣ шудани онҳо шартнома ва созишномаҳои гуногунро ба имзо расонида, саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Ҳамин тавр, бори аввал 4-уми январи соли 1998 бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон озими Тошканд гардид. Ин нахустин сафари Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ буд. Барои Президенти кишвари мо муҳим он буд, ки шахсан бо роҳбарияти олии кишвари ҳамсоя Ислом Каримов мулоқот анҷом диҳад. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ тарафи Ӯзбекистон бо мақсади он, ки ҷангҷӯёни исломӣ ба хоки онҳо вуруд нагардад, сарҳадро минагузорӣ намуда буд. Ҳамзамон Ислом Каримов дар бораи натиҷаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо назари худро дошт.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Тошканд ба раванди густариши муносибатҳои дуҷонибаи Ӯзбекистону

Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшид. Дар натиҷаи ин вохӯрӣ 4 созишномаи байнидавлатӣ ба имзо расид. «Ин сафар ба раванди таҳкими равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон такони ҷиддӣ бахшид, ки дар натиҷа 4-уми феврали ҳамон сол Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон У.С.Султонов ба Душанбе ташриф овард» [220].

Дар раванди ин сафар бештар масъалаҳои амниятӣ ва сарҳад байни ду кишвар ба миён гузошта шуда буданд.

Моҳи июни соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Душанбе сафари расмӣ анҷом дод. Вале пас аз ин ҳам муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамоно хуб набуд.

Пас аз имзои Созишномаи Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати дохилии худ рушди иқтисодиёт ва некӯаҳволии халқро дар мадди аввал гузошт. Барои расидан ба ин дастовардҳо, пеш аз ҳама аз худ намудани захираҳои гидроэнергетикӣ, ки яке аз сарватҳои бойтарини Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва самаранок истифода бурдани онҳо ба миён гузошта шуд. Дар ҳамин замина дар доираи Созишнома бо Федератсияи Россия НБО Сангтӯда-1 дар соли 2009 ва дар доираи Созишнома бо Ҷумҳурии Исломии Эрон НБО Сангтӯда -2 дар соли 2014 сохта ба истифода дода шуд.

Дар баробари даъвоҳои ҳудудӣ ва мушкили об дар тӯли солҳои зиёд монеаи хуб шудани равобити ду кишвар боқӣ монд. Аммо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш менамуд бо ҳар роҳе набошад муносибатҳои байнидавлатиро бо ҷумҳурии ҳамсоя ба роҳ монад. Маҳз бо ҳамин мақсад ва фикру андеша 5 октябри соли 2001 Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбакистон сафари корӣ анҷом медиҳад.

Дар изҳороти муштараке, ки дар натиҷаи мулоқот қабул гардид, роҳҳои асосии ҳалли созанда дар тамоми маҷмуи мушкилоти мавҷудаи муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон қайд карда шуданд. Тақрибан як

сол пас, 5 октябри соли 2002 Созишномаи марзи давлатӣ миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон ба имзо расид.

Соли 2018, пас аз интихоб шудани Шавкат Мирзиёев ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар муносибатҳои ду кишвар рӯйдодҳои пешрафт ба амал омада, ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро ба сатҳи сифатан нав баровард.

Рӯзҳои 9-10 марти соли 2018 нахустин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, ки дар ҷараёни он қариб ҳамаи масъалаҳои ҳалношудаи муносибатҳои дуҷониба, аз ҷумла истифодаи муштараки захираҳои обию энергетикӣ ва таҳкими робитаҳои байниминтақавӣ ҳаллу фасл шуданд.

17-18 августи соли 2018 сафари ҷавобии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар ҷараёни ин сафар Созишномаи шарикии стратегӣ ба имзо расид, ки муносибатҳои Тоҷикистону Узбекистонро барои дарозмуддат ба сатҳи сифатан нави ҳамкориҳо баровард.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар доираи ду сафари таърихӣ – сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-10 марти соли 2018) ва сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон (16-17 августи соли 2018) дар маҷмуъ 53 санади дуҷониба ба имзо расид [215].

17-18-уми августи соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафари корӣ анҷом дод ва дар натиҷаи мулоқот бо Шавкат Мирзиёев Раисҷумҳурӣ Ӯзбекистон Шартномаи шарикии стратегӣ ба имзо расид. Ҳангоми нишасти матбуотӣ Ш. Мирзиеёв масъаларо чунин шарҳ дод: ««Имрӯз ба мо барои пурра амалӣ намудани иқтидори тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионии кишварҳоямон, фаъол гардонидани табодули фарҳангиву гуманитарӣ имкониятҳои бузург ба вуҷуд омадааст. Мо

мехоҳем, ки ин сафар воқеан таърихӣ гардад ва созишномаҳои мо барои солҳои тӯлонӣ ба халқҳоямон хизмат кунанд». Дар ҷавоб Эмомалӣ Раҳмон аз сафари давлатии Мирзиёев ба Тоҷикистон ёдовар шуд, ва гӯфт, ки: «муносибатҳои байни кишварҳои моро барқарор намуда, ба рушди ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногун такони қавӣ бахшид». Ӯ ҳамчунин қайд кард, ки ба қудрат расидани Мирзиёев дар Ӯзбакистон дар ҳаёти мардум низ дигаргуниҳои бузург ба амал омаданд [203].

Дар ин нишаст беш аз 27 санад оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, стандартизатсия ва сертификатсия, убури сарҳад, эътирофи ҳуҷҷатҳои таълимӣ, геодезия ва геология, истифодаи одилона ва оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ, кишоварзӣ, фарҳанг ва ғайра ба имзо расид.

Дар доираи ҳамкориҳои обию энергетикӣ Шавкат Мирзиёев пас аз анҷоми музокирот, қайд намуданд, ки: «Имрӯз мо омодаем сохтмони муштараки ду нерӯгоҳи барқи обии иқтидори умумии 320 МВт дар қаламрави Тоҷикистон дар рӯдхонаи Зарафшонро эълон кунем ва ҳамчунин масъалаи истифодаи оби тозаи кӯли Сарезро дар доираи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ ҳал намоем». Аммо аз ин гуфтаҳо солҳо сипарӣ гардид, вале дар ин самт коре ҳам ба анҷом нарасидааст. Шояд мушкилӣ дар бӯҳрони иқтисодӣ бошад, ки ҷаҳонро фаро гирифтааст.

Дар ҷамъбасти музокирот тарафҳо масъалаҳои муҳим ва мубрамро барои сулҳу оромии минтақа ва рушди ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ баён доштанд. Аз ҷумла, дар банди 13 масъалаҳои захираҳои обию энергетикӣ баррасӣ гардида, чунин омадааст: «истифодаи маҷмӯии захираҳои обию энергетикӣ бо дарназардошти манфиатҳои тамоми кишварҳои минтақа дар ноил шудан ба рушди устувор, некӯаҳволӣ ва шукуфоии Осиёи Марказӣ нақши калидӣ дорад. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки масъалаи бунёди муштараки ду неругоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 320 МВт дар қаламрави Тоҷикистонро дар рӯдхонаи

Зарафшон тарҳрезӣ кунанд. Сарони ду кишвар ба Комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дастур доданд, ки масъалаи истифодаи оби тозаи кӯли Сарезро барои эҳтиёҷоти нӯшокии ҳарду кишвар мавриди омӯзиш қарор диҳанд» [205].

Дар банди ҳафт, масъалаи ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои обии фаромарзии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, омадааст: «Ҷонибҳо ба рушди шарикии минтақавӣ дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои обии фаромарзӣ дар Осиёи Марказӣ, нигоҳ доштани муколамаи кушоду созанда, таҳкими ҳусни тафоҳум, дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил шудан ба созиши оқилона дар асоси эҳтиром, ба назар гирифтани манфиатҳои ҳамаи кишварҳои минтақа дар масъалаҳои обу энергетика ба мувофиқа расиданд» [206; 208; 216].

Ҳамин тавр, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳуриии Ӯзбекистон доираи васеъи ҳамкориҳои судманд оид ба истифодабарии захираҳои обию энергетикӣ ба вуҷуд омаданд. Дар маҷмуъ, миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон беш аз 200 созишномаи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расидааст, ки муҳимтарини онҳо Шартномаи дӯстии абадӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000 ва Шартномаи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 17 августи соли 2018 мебошад. Дар баробари ин Тоҷикистон ва Ӯзбакистон дар платформаҳои сохторҳои бисёрҷониба – СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, ЭКО ва МҲТБО бомуваффақият ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ мавқеъ доранд. Ҳамзамон ҳамкориҳои судманди миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи Ҷаласаҳои машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои охир ба худ мавқеъи калидиро касб кардааст.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз 14-уми январи соли 1993 бо барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ оғоз гардидаанд. Дар таърихи навини ҷумҳуриҳои Тоҷикистону

Қирғизистон ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ яке аз омилҳои муҳими мӯътадил нигоҳ доштани муносибатҳо дар тамоми соҳаҳои дигар ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин яке аз омилҳое, ки Тоҷикистону Қирғизистонро дар аксари масъалаҳои минтақавию ҷаҳонӣ дар як мавқеъ нигоҳ медорад, маҳз омили иқтисодист. Ҳамкориҳо дар соҳаи об ва энергетика бошанд, ду кишварро ба ҳам хеле наздик месозад, зеро иқтидори обию энергетикии онҳо ба ҳамдигар наздик ва то ҷое вобаста аст. Ин омилҳо боиси зичтар гардидани муносибатҳои ду кишвари ҳамсоя мегардад. Коршиноси тоҷик Шералӣ Ризоев, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистонро таҳқиқ мекунад, менависад, ки онҳо бояд ҳамеша дастгири якдигар бошанд. Ба гӯфтаи ӯ: «Таҳаввули ҷиддӣ дар шинохти якдигар байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар доираи баррасии масъалаҳи обию энергетикии минтақа ба вуҷуд омад, ки онро метавон омили муассири ба ҳам наздикшавии мавқеъ ба манфиатҳои миллии ду кишвар номид» [60, с.406].

Пӯшида нест, ки Тоҷикистону Қирғизистон захираҳои зиёди обиро дар кишварҳои Осиёи Миёна дар даст доранд. Ҳам ҷониби Тоҷикистон ва ҳам ҷониби Қирғизистон борҳо гуфтаанд, ки онҳо дар пайи тақсими одилонаи захираҳои обию энергетикӣ мебошанд. Ин ҳамвазнӣ ва манфиатҳои муштарак Тоҷикистону Қирғизистонро канори ҳам қарор дода, ҳамкориҳои обию энергетикии онҳоро бештар менамояд.

Ҳамкориҳои обию энергетикӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳамоно идома дорад. Борҳо Тоҷикистон ба ин кишвар барқ фурӯхтаву дар ҳолатҳои зарурӣ харидорӣ ҳам намудааст. Хатти интиқоли нерӯи барқ ҳанӯз аз замони шӯравӣ байни ин кишварҳо кашида шуда, то имрӯз мавриди истифода қарор дорад.

Сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ дар Тоҷикистону Қирғизистон мунтазам идома дорад, ки дар оянда ҳаҷми истеҳсоли барқро ба

маротиб зиёд мекунад. НБО-ҳои «Роғун» ва «Қамбарота 1-2» аз муҳимтарин ва бузургтарин тарҳҳои энергетикӣ дар ин кишварҳо ва минтақа ба шумор меравад. Дар ҳолати пурра ба истифода бурдани нерӯгоҳҳо Тоҷикистону Қирғизистон дар Осиёи Марказӣ аз содиркунандагони асосии барқ дар минтақа маҳсуб меёбанд.

Амалӣ намудани лоиҳаи CASA – 1000, ки дар заминаи он хатти баландшиддати интиқоли барқ аз Қирғизистон то Тоҷикистон дар масофаи 477 километр ва аз Тоҷикистон ба Афғонистону Покистон дар масофаи 750 километр бунёд гардида истодааст, барои интиқоли нерӯи барқ ба ин кишварҳо ва ба ин васила рушди ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Қирғизистон шароиту имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Татбиқи лоиҳаи CASA–1000 дар муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Қирғизистон, марҳилаи нав ва муҳими таърихиро шурӯъ намуд. Ин лоиҳа воқеаи муҳимтарин дар таърихи навини ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон маҳсуб ёфта, қадами муҳимест дар роҳи ташаккулёбии бозори минтақавии нерӯи барқ.

Дар маҷмуъ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон беш аз 100 санад ба имзо расидааст. Инчуни чумҳуриҳо ҳамкориҳои судманду самарабахши худро дар доираи СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, СААД ва МҲТБО роҳандозӣ намуда истодаанд.

Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон аз 7-уми январи соли 1993 бо барқарор намудани муносибатҳои дипломатии кишварҳо ба роҳ монда шуда, ҳамеша дар ҳолати рушду пешравӣ мебошад. Миёни ин кишварҳо беш аз 100 санад ба имзо расидааст, ки асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои онҳоро ташкил медиҳад. Онҳо фарогири ҳама паҳлуҳои хоҷагии ҳалқи ин ду кишвар, аз чумла масоили обию энергетикиро фаро гирифтаанд. Миёни ду кишвари ба ҳам наздик Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ва Созишнома дар

бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон аз 14-уми сентябри соли 2015 ба имзо расидааст, ки дар он принсипҳои асосии муносибатҳои дуҷониба: эҳтироми мутақобили истиқлол ва соҳибихтиёрии давлатӣ, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар ва саъйи тарафайн ба роҳандозии робитаҳои мутақобилан судманд ва шарикии иқтисодӣ муайян шудаанд.

Ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон имзои протокол «Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон» аз 27-уми январи соли 1993, заминаи мусоид гузошта буд [89, с.75]. Ҳамкории ин ду кишвар дар самтҳои мухталиф, дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба то ба ҳол роҳандозӣ гардида истодаанд. Аз ҷумла, дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ, савдо, илму техника ва ғайра.

Дар моҳи июли соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ раҳмон бо даъвати Президенти вақтии Ҷумҳурии Туркманистон Сапармурод Ниёзов ба Ҷумҳурии Туркманистон сафари корӣ анҷом доданд. Дар ҷараёни гуфтушунид, пеш аз ҳама, масъалаи рушд додани ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, аз ҷумла интиқол додани ашёи нафтию газӣ ба Тоҷикистон баррасӣ гардид.

Вохӯрии сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон дар доираи нишасту вохӯриҳои бисёрҷонибаи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ низ баргузор мегардид ва дар он масъалаҳои муҳими рушди ҳамкориҳо миёни ду кишвар баррасӣ мегардиданд.

Ҳамин тавр, дар доираи ҳамкориҳои обию энергетикӣ 24-25-уми июли соли 2005 сафари кории ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ анҷом дода шуд ва дар он пеш аз ҳама дар масъалаи ҳамкориҳои энергетикӣ матраҳ гардиданд.

28-уми апрели соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Туркманистон сафари корӣ анҷом доданд. Дар ин нишаст таваҷҷуҳи хосса ба сатҳи ҳамкориҳо дар самти табодули мол, нерӯи барқ, маҳсулоти нафтӣ ва алюминий дода шуд. Инчунин, дар бобати истифодаи самараноки захираҳои обии минтақа ва мушкилоти ҳавзаи баҳри Арал мубодилаи афкор сурат гирифт [89, с.77].

Хулоса, метавон гуфт, ки ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика, ки масъалаҳои сармоягузорӣ, тарҳрезӣ ва истифодаи иқтидорҳои техникии оқилонаро дар бар мегирад, як самти муҳим барои таъмини ояндаи устувори энергетикӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Дар шароити тағйироти глобалӣ, ба монанди гузариш ба «иқтисоди сабз», афзоиши талабот ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва зарурати бартараф намудани таъсири манфии тағйирёбии иқлим, рушди гидроэнергетика яке аз афзалиятҳои калидии барномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба шумор меравад.

Сармоягузориҳо ба соҳаи гидроэнергетика равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунанд, ки на танҳо дастгирии молиявиро, балки эҷоди муҳити мусоиди танзимкунанда ва институтсионалиро низ дар бар мегиранд. Ин ташаббусҳо бояд таҳияи қонунгузории возеҳ ва шаффоф, ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон ва ҷорӣ намудани механизмҳои самарабахши идоракунии хавфҳоро дар бар гиранд.

Танҳо дар чунин шароитҳо метавон дар бораи ҷалби сармоягузориҳои дарозмуддат ва устувор суҳбат кард, ки амалӣ намудани лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикиро таъмин кунанд.

Раванди тарҳрезӣ ва сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ба татбиқи қарорҳои муосири техникии зеҳнӣ ниёз дорад, ки метавонанд самаранокии максималӣ, амният ва устувории экологиро таъмин намоянд. Технологияҳои инноватсионӣ, ба монанди моделсозии рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва автоматикунонӣ, на танҳо равандҳои тарҳрезӣ ва сохтмонро беҳтар

менамоянд, балки муҳлатҳои татбиқи лоиҳаҳоро кам карда, хароҷотро кам мекунанд ва таъсири манфии эҳтимолиро ба муҳити зист низ кам менамоянд.

Истифодаи иқтидорҳои техникии зеҳнӣ дар гидроэнергетика ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарӣ ва идоракунии иншооти энергетикӣ мусоидат мекунад. Системаҳои замонавии мониторинг ва назорат, ки дар асоси маълумоти калон ва омӯзиши мошинӣ кор мекунанд, имкон медиҳанд, ки ба тағйироти захираҳои обӣ зуд вокуниш нишон дода, ҳолатҳои фавқулоддаро пешгӯӣ ва пешгирӣ намоянд, инчунин боркунии оптималии нерӯгоҳҳои барқи обиро дар асоси эҳтиёҷоти ҷории низоми энергетикӣ таъмин кунанд.

Шарикони стратегӣ дар ин соҳа ба кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки манбаъҳои энергетикии худро диверсификатсия намуда, амнияти энергетикии худро тақвият бахшанд ва вобастагии худро аз воридоти сӯзишвории истихроҷшаванда коҳиш диҳанд. Дар дурнамои дарозмуддат, татбиқи муваффақонаи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ба ташаккули инфрасохтори устувори энергетикӣ мусоидат хоҳад кард, ки қодир ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҷорӣ ваояндаи энергетикӣ хоҳад буд. Илова бар ин, ин ҳамкорӣ метавонад саҳми назаррасе дар мубориза бо тағйирёбии глобалии иқлим гузорад, ки онро унсури муҳими рушди устувор дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мегардонад.

Ҳамин тариқ, ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика, ки лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва истифодаи иқтидорҳои техникии зеҳниро дар бар мегирад, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дурнамои васеъ мекушояд. Ин ҳамкорӣ на танҳо ба ҳалли вазифаҳои дохилии таъмини энергия мусоидат мекунад, балки ба ҳамгироии минтақавӣ мусоидат намуда, рушди иқтисодиро таҳрик дода, шароитро барои рушди устувор фароҳам меорад.

## 2.3. АҲАММИЯТИ МИНТАҚАВИИ НБО РОҒУН ДАР ТАЪМИНИ ОБУ БАРҚИ ҶУМҲУРИҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Нерӯгоҳи барқи обии Роғун, ки бузургтарин лоиҳаи гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад, нақши калидӣ дар таъмини субот ва рушди устувори минтақа мебозад. Аҳаммияти он на танҳо ба ҳудуди Тоҷикистон, балки ба амнияти энергетикӣ ва обии ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон таъсири назаррас мерасонад.

Яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои аҳаммияти минтақавии нерӯгоҳи Роғун дар қобилияти он барои танзими захираҳои обии дарёи Вахш, ки яке аз шохобҳои калидии Амударё мебошад, ифода меёбад. Бо назардошти аҳаммияти Амударё барои обёрии заминҳои кишоварзӣ дар поёноби дарё, ҷамъоварии назоратшаванда ва тақсими об, ки тавассути нерӯгоҳи Роғун амалӣ мегардад, ба устувории таъминоти об дар ин минтақа мусоидат мекунад. Дар шароити камбуди об, ки барои Осиёи Марказӣ хос аст, ин махсусан барои таъмини амнияти озуқаворӣ, оби ошомиданӣ ва нигоҳдории кишоварзии устувор муҳим аст.

Ҷанбаи энергетикии нерӯгоҳи Роғун низ аҳаммияти камтар надорад. Нерӯи барқе, ки ин нерӯгоҳ тавлид мекунад, ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки содиркунандаи муҳимми барқ ба кишварҳои ҳамсоя гардад, ки ин дар навбати худ ба мустаҳкам шудани истиқлолияти энергетикии минтақа мусоидат мекунад. Таъмини дарозмуддати нерӯи барқ аз Тоҷикистон метавонад ба коҳиши камбуди энергетикӣ дар кишварҳои ҳамсоя, мусоидат намояд.

Ғайр аз ин, нерӯгоҳи Роғун метавонад дар рушди равандҳои ҳамгироӣ дар минтақа нақши муҳим бозад. Истифодаи муштараки захираҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иншооти гидроэнергетикӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад на танҳо ба таҳкими робитаҳои иқтисодӣ, балки ба коҳиши шиддати муносибатҳое, ки ба дастрасии захираҳои обӣ вобастаанд, мусоидат кунад.

Бо ин мақсад, нерӯгоҳи Роғун як унсури муҳимми сохтори амнияти энергетикӣ ва обии Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар харитаи захираҳои обиву энергетикии Тоҷикистон, ки дар асоси аввалин таҳқиқотҳои ҷуғрофии олимони Иттиҳоди Шуравӣ соли 1932 аз тарафи И. Караулов таҳия ва пешниҳод гардид, дар мавзеъи Роғун имкони бунёди ин иншооти бузург бо номи «НБО-и Сичароғ» ишора шуда буд.

Баъдтар, бинобар зиёд шудани талабот ба нерӯи барқ ва ба хотири танзими об дар заминҳои навкорам, инчунин таъмини барқи насосҳои пуриқтидори обкаш барои обёрӣ намудани як қисмати заминҳои навкорам, таъмини саноати рӯ ба рушди минтақа бо таклифи роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Ӯзбекистон ва розигии роҳбарияти Тоҷикистон лоиҳасозӣ ва асосноккунии техникӣ-иқтисодии НБО-и Роғун, ки аз обанбор ва нерӯгоҳ иборат хоҳад буд, оғоз ёфт.

Нерӯгоҳи барқи обии Роғун яке аз ташаббусҳои бузургтарини инфрасохтории асри XXI ба шумор рафта, на танҳо барои Осиёи Марказӣ, балки барои тамоми ҷаҳон аҳаммияти бузург дорад. Бо дарназардошти хусусиятҳои муҳандисӣ ва иқтидори насбшудааш, ин иншоот ҳамто надорад. Консепсияи сохтмони ин нерӯгоҳи барқи обӣ бори аввал дар аввали солҳои 1970-ум аз ҷониби филиали Осиёи Марказии институти «Гидропроект» дар Тошканд таҳия шуда, баъд аз муҳокимаҳои ҳамаҷониба соли 1974 тасдиқи ниҳоӣ пайдо намуд. Мақсади асосии ин лоиҳаи бузург таъмини устувории таъминоти нерӯи барқ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар давраи шуравӣ сохтмони НБО-и Роғун аз ду марҳила иборат буд: марҳилаи аввал давраи аз соли 1976 то 1987 ва марҳилаи дуюм аз соли 1987 то 1993-ро дар бар мегирифт. Оғози сохтмон ба моҳи сентябри соли 1976 рост омада, корҳои сохтмонӣ дар баландии аз 1000 то 1700 метр аз сатҳи баҳр гузаронида мешуданд. Яке аз мушкилоти ҷиддӣ ҷойгиршавии ин иншоот, дуртар воқеъ гардидан аз роҳи оҳан-тақрибан дар 80 километр аз макони сохтмон буд [113, с. 14].

Бозбинии лоиҳаҳои техникӣ ва иқтисодии лоиҳаи НБО-и Роғун соли 1972 аз ҷониби Вазорати энергетикаи ИҶШС бо иштироки намояндагони ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ анҷом дода шуд. Ин лоиҳа аз ҷониби Госплани ИҶШС, мақомоти олии нақшакашии давлатӣ, тасдиқ шуд.

Дар байни ҳуҷҷатҳои мавҷуда мактуби Вазорати энергетика ва электрификатсияи ИҶШС таҳти рақами М-12962 аз 23 ноябри соли 1973 мавҷуд аст, ки ба коллегияи Госплани ИҶШС равона шудааст. Дар он асосномаи техникӣ ва иқтисодии сохтмони НБО дар рӯди Вахш, ки аз ҷониби институти «Гидропроект»-и ба номи С.Я. Жук таҳия шудааст [3, Л. 1] ва аз ҷониби Шурои Вазирони ИҶШС моҳи октябри соли 1973 тасдиқ шудааст, мавҷуд аст. Муҳандисоне, ки ин асосномаро таҳия карданд, Д.А. Жигарев ва Л.Г. Осадчий буданд. Мактуб моҳияти асосии лоиҳаро, аз ҷумла, иқтидори насбшудаи неругоҳро дар ҳаҷми 3,6 миллион кВт, истеҳсоли солонаи неруи барқ ба миқдори 13 миллиард кВт/соат, ғунҷоиши обанбор дар ҳаҷми 8,6 километри мукааб, баландии сарбанд ба 325 метр, арзиши умумии лоиҳа ба 950 миллион рубл ва инчунин анҷоми нақшавии сохтмонро дар соли 1985 тавсиф мекунад [3, ЛЛ. 1, 3].

Тибқи лоиҳаи пешниҳодгардида, НБО-и Роғун бояд кафолати обёрикунии заминҳои кишварҳои поёноби ҳавзаи дарёи Омуро то давраи солҳои 1985-1990 дар ҳаҷми 4,3 млн га таъмин намояд. Аз ҷумла, зиёдшавии заминҳои кишт ва аз ҳисоби танзими маҷрои об дар обанбори НБО-и Роғун дар минтақаи биёбон (дашт) - и Қаршӣ, ба воситаи наҳри Ому -Бухоро ва Қароқум 320 ҳазор га заминҳо обёрӣ карда шаванд. Ин лоиҳа пешбинӣ мекард, ки иншооти гидроэнергетикии Роғун ҳаҷми зарурии обро барои обёрии заминҳои ҳавзаи Ому дар масоҳати то 4,3 миллион га то охири солҳои 1980-ум таъмин хоҳад кард. Аз ҷумла, дар назар дошта мешуд, ки ба шарофати танзими ҷараёни об дар обанбор, 320 ҳазор га заминҳои нав дар минтақаҳои биёбонӣ, ба монанди Қароқум ва дашти Қаршӣ, тавассути наҳрҳои Ому-Бухоро ва Қароқум обёрӣ карда мешаванд.

Истеҳсоли 13 млрд кВт/соат дар як сол ва пайвасти он ба Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна барои дар оянда рушд ва тараққии ноҳияҳои иқтисодии Осиёи Марказӣ ва Комплекси ҳудуди ҷанубии Тоҷикистон имкониятҳои бузург фароҳам меорад. Дар баробари ин, иқтидори 3,6 млн кВт/соат ва захираи оби обанбори НБО-и Роғун, ҳолати баландии шиддити барқро дар Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна рӯйпӯш намуда, барои неругоҳҳое, ки поёнтар аз НБО-и Норак ҷойгир шудаанд НБО-и Бойғозӣ ва НБО-и Асосӣ ба миқдори 1,5 млрд кВт/соат манфиатовар буда, истифода бурда мешавад.

Бояд ёдовар шуд, ки аввалин маротиба масъалаи сохтмони НБО-и Роғун дар нақшаи азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии дарёи Вахш соли 1959 ба миён гузошта шуд. НБО-и Норак ва Роғун аввалин иншооти энергетикие буданд, ки лоиҳакашӣ ва сохтмони онҳо пешниҳод гардиданд. Баъдан ба ин нақша солҳои 1962-1965 иловаҳо ва тағйиротҳо ворид шудааст. Кор дар иншооти мазкур дар ҳолати лоиҳаи техникӣ дар миёнаи соли 1966, дар асоси қарори №21-и ГЭК Госплани ИҶШС аз 26-уми декабри соли 1965 ва тибқи нақшаи навшудаи азхудкунии дарёи Вахш ва шартҳои техникии Вазорати энергетика аз 11-уми июни соли 1966 оғоз гардид [3, ЛЛ. 1, 3].

Аз рӯйи махсусият ва мураккабии иншоот, иҷроиши он тибқи лоиҳаи техникӣ дар ду давра ба нақша гирифта шуд.

Давраи якум – интихоби мавзеъ ва сарбанди он бо асосноккунии техникӣ-иқтисодии имкониятҳои неругоҳи барқи обӣ ва иншооти барқӣ.

Давраи дуюм – лоиҳаи воқеъии техникӣ.

Декабри соли 1969 тибқи нақшаи пешниҳодшуда ва дар муҳлати муқаррааргардида, Средазгидропроект «Маълумот оид ба мавзеъи интихоби неругоҳи обии барқӣ ва намуди сарбанд»-и онро омода ва пешниҳод намуд. Дар ҳамин замина, барои баррасӣ, коркарди пурра ва асосноккунии техникӣ-иқтисодии НБО-и Роғун, лоиҳа ба давраи якуми техникӣ омода ва пешниҳод гардид.

Ҳангоми баррасии нақшаи истифодаи маҷмуии ҳавзаи дарёи Ому, яке аз вазифаҳои асосии НБО-и Роғун муайян кардан ва иқтидори обанбори он, истеҳсоли қувваи барқи арзон ва батанзимдарории ҷараёни оби он, инчунин, манфиатовар будан барои обёрикунии заминҳои навкорам, маҳсуб меёфт.

Дар давраи то соли 1970 дар дарёи Ому ду неругоҳи барқии обӣ – Тюямиюн ва Омуи Боло (Верхнеамударинский), ки дар сарҳад бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бояд сохта мешуданд, ба чунин талаботҳо ҷавобгӯй буданд. Аммо бо сабаби дар сарҳад сохта шуданашон, барои сохтмони онҳо дар оянда мушкилиҳои зиёдро ба миён меовард.

НБО-и Роғун, ки сохтмони он дар дарёи Вахш ба нақша гирифта шуда буд, ба ҳама талаботи дар боло ишорашуда, ҳам энергетикӣ ва ҳам обёрӣ ҷавобгӯй буд. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки аҳаммияти таъмини обёрӣ ва иқтисодии НБО-и Роғун барои ҳавзаи Ому бузург аст.

Дар ҳолати аз худ намудани тамоми захираҳои дохилии оби ҳавза, ҳаҷми умумии заминҳои обёришаванда дар ҳудуди ИҶШС мумкин аст ба 4,3 млн га расонида шавад (ин дар соли 1970 1,5 млн га-ро ташкил медод). Барои рушд ва аз худ намудани чунин заминҳо, ҳаҷми истеъмоли об дар давраи то соли 1985 бояд ба 52,2 км$^3$ ва дар давраи то соли 1990 то 59,3$^3$ расонида мешуд [3, Л. 5].

Сатҳи об то соли 1985 аз ҳисоби танзими мавсимии обанборҳои НБО-и Норак (4,5 км$^3$ ) ва Тюямуюн (5,3 км$^3$ ) таъмин карда мешуд. Сатҳи об то соли 1990 бошад, метавонад танҳо бо танзими дарозмудати Ому таъмин карда шавад.

Дар асоси тасдиқи нақшаи азхудкунии захираҳои обӣ ва гидроэнергетикии дарёи Вахш (соли 1965), дарёи Панҷ (соли 1970), ҳамчунин қарори ГЭК Госплани ИҶШС ва Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ИҶШС дар бораи нақшаи генералии Ому (1970-1972), аз рӯи иқтидор, барои танзими бисёрсолаи ҷараёни Ому, обанбори НБО-и Роғун бо ғунҷоиши 8,6 км$^3$ қабул карда шуд.

Ҳамин тавр, иқтидори умумии истифодашавандаи НБО-и Роғун, Норак ва Тюямуюн, ки 18,5км$^3$ ташкил медиҳанд, метавонанд пурра масъалаи таъмини оби ҳавзаи миёна ва ҷараёни поёнии Омуро аз ҳисоби обҳои дохилӣ таъмин кунад.

Нишондиҳандаҳо дар коркард ва рушди таъминоти об нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи сохтмон ва ба истифода додани НБО-и Роғун аз ҳисоби захираи оби обанбори он барои васеъ намудани заминҳои обёришаванда, мумкин аст истеҳсоли пахта аз 3,6 млн тоннаи соли 1970 ба 5,3 млн тонна дар соли 1980 ва 7,15 млн тонна дар соли 1990 расонида шавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки аз ҳисоби заминҳои нави обёришаванда, ки аз обанбори НБО-и Роғун обёрӣ карда мешаванд ба миқдори 400 ҳазор тоннаи навъи хушсифати пахта истеҳсол намуд. Тибқи нишондодҳо, танҳо даромад аз ҳисоби ҷамъоварии пахта, таъминоти оби кишоварзӣ НБО-и Роғун дар муддати 8 сол аз худ карда мешавад. Агар даромад аз ҳисоби дигар соҳаҳои кишоварзӣ ва чорводориро низ ба назар гирем, ин муҳлат ба 6 сол мерасад.

Бо дарназардошти андозаи бузург ва мураккабии НБО-и Роғун, дар раванди муҳокимаи лоиҳаи он бисёре аз институтҳои пешбари лоиҳакашӣ иштирок карданд. Ба корҳои сохтмонӣ зиёда аз 300 корхона аз ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҷалб шуд. Сохтмони сарбанд дар соли 1987 оғоз ёфт, ва то соли 1993 баландии он ба 40 метр расида, корҳои нақбкобӣ ба дарозии 21 километр ба анҷом расиданд.

Дар охири асри XX, дар таърихи халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ рӯйдодҳои муҳимми сиёсӣ ба амал омаданд, ки боиси фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ гардиданд. Ин фурӯпошӣ, инчунин оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, сабаби муваққатии қатъи сохтмон дар иншооти нодири энергетикӣ шуд.

Чӣ тавре қайд гардид, НБО-и Роғун барои дар оянда қонеъ гардонидани ниёзҳои Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна, бо дарназардошти неруи барқи истеҳсолшаванда ва ба нақша гирифташудаи Низоми энергетикӣ, сохта мешавад. Давраи аввали кори неругоҳ (солҳои

1985-1990) асосан барои низоми энергетикӣ ва обанбори он бошад барои танзими мавсимии ҷараёни об пешбинӣ шуда буд. Тибқи лоиҳа, аз соли 1990 обанбори НБО-и Роғун дар танзими дарозмуддати ҷараёни об иштирок намуда, низоми кории неругоҳ бошад ба обёрикунонӣ тобеъ карда мешавад.

Ҳамзамон, дар лоиҳаи мазкур бо назардошти афзудани истеъмоли қувваи барқ дар Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна дар давраи солҳои 1990-1995 имкони дар НБО-и Роғун насб кардани як ё ду чархаи дигар пешбинӣ шуда буд. Илова бар ин, дар лоиҳа бо мақсади зиёд намудани истифодаи барқи маҷрои об, ҳангоми истифодаи обанбори Роғун дар реҷаи обёрӣ имкони бунёди танзимкунанда дар болоби Ому низ баррасӣ шудааст. Тавре ки таҳқиқотҳо нишон доданд, зарурати сохтани чунин танзимкунандаҳои ҷараёни обро таметавон то соли 1995 баррасӣ кард.

Сохтмони НБО-и Роғун дар рушд ва дурнамои Комплекси саноатии Тоҷикистони Ҷанубӣ низ аҳаммияти аввалиндараҷа дошт. Бо ба истифода додани НБО-и Роғун ва пайвасти он ба Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна солона 400 ҳазор тонна сӯзишвории анъанавӣ ва 3,5 км$^3$ гази табии сарфа карда мешуд.

Тақсимоти неруи барқи истеҳсолшуда аз НБО-и Роғун ба 5 хатти баландшиддати интиқоли барқи 500 кв тақсим карда мешавад. Ду хатти интиқол ба низоми энергетикии Регар (ҳоло Турсунзода) - Душанбе, як хат ба ГРЭС-и Сирдарё, Фарғона ва қисмати зеристгоҳи Самарқанд-Бухорои Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна пайваст мегардад.

Муҳлати ба истифода додани НБО-и Роғун тибқи лоиҳаи мазкур, 11 сол муқаррар шуда, аз ба истифода додани чархаи якум то шашум шаш сол муқаррар гардид. Дар асоси қарори КМ ҲК Иттиҳоди Шуравӣ аз 24-уми июли соли 1970 №612, қарори шурои техникии Вазорати энергетика аз 5-уми июли соли 1970, №43 оғози корҳои тайёрӣ ва сохтмонӣ пас аз қариб ба анҷоми расидани корҳо дар НБО-и Норак, яъне охири соли 1974 ва аввали соли 1975 ва анҷоми сохтмони НБО-и Роғун бошад соли 1985 муқаррар гардид [3, л. 15].

Ҳамин тавр, соли 1976 корҳои сохтмонӣ дар НБО-и Роғун оғоз гардид. Ба корҳои сохтмон бояд 9600 нафар мутахассис, кормандони дигар ҷалб карда мешуданд. Асосноккунии техникӣ - иқтисодии НБО-и Роғун аз тарафи комиссияи санҷишӣ дар ҳайати д.и.т., профессор Гришин М. (раис) ва аъзои он - д.и.т., профессор Слиский С.М., д.и.т., профессор Гордиенко, доктори илмҳои геологӣ ва маъданшиносӣ, профессор Попов В.И., доктори илмҳои геологӣ ва маъданшиносӣ, профессор Горшков С.П., д.и.т., профессор Квятковский В.С., н.и.т. Куперман В.Л., д.и.т., профессор Тарановский С.В., н.и.т., Григорев Е.Е., н.и.т., Баранов В.А., н.и.т., Шимелмитс И.Я., муҳандисон Келми А.М., Куперман В.Л., Медведев П.А., Обрезков С.С., Севенард К.В. ва Давидов В.А. пешниҳод гардидааст.

10-уми июли соли 1972, чор моҳ қабл аз истифодаи аввалин чархаи НБО-и Норак, корҳои омодагӣ ва тайёрӣ дар НБО-и Роғун оғоз гардиданд.

Бо ҳамин, аввалин ҷаласаи тантанавӣ дар Роғун 27-уми сентябри соли 1976 бо иштироки котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов, вазири энергетика ва таъминоти барқи Иттиҳоди Шуравӣ - П.С. Непорожний баргузор гардид. Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов дар суханронии худ моҳияти қарори Анҷумани XXIV ҲКИШ - ро дар бораи сохтмони Комплекси гидроэнергетикии Роғун шарҳ дод. Пас аз ҷаласаи тантанавӣ корҳо дар сохтмон оғоз гардида, аввалин таркишҳои бунёдкорона садо доданд.

Бар асоси нақшаҳои пешбинишуда, маҷрои дарёи Вахш бояд соли 1987 баста мешуд, чархаи якуми неругоҳ соли 1989 ба кор медаромад, сохтмони шаҳри Роғун то соли 1990 анҷом меёфт ва Комплекси гидроэнергетикии Роғун то соли 1993 пурра ба истифода дода мешуд. Дар воқеъ, корҳои сохтмонӣ тибқи нақшаи лоиҳавӣ идома доштанд ва 27-28 декабри соли 1987 маҷрои дарёи Вахш баста шуд, об ба воситаи нақбҳои обпартои НБО-и Роғун равона гардид. Ҳамин тариқ, марҳилаи аввали корҳо то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар сохтмон 40 дарсад анҷом дода шуданд, 21 км нақбҳои сохтмонӣ, обпарто ва обовар канда шуданд. Дар толори мошинҳо 70 дарсади корҳо, дар

толори трансформаторҳо 80 дарсади корҳо, баландии сарбанд ба 40 метр расонида ва 53 дарсади сохтмони иншооти манзилӣ дар шаҳри Роғун омода буданд [88, с. 103].

Албатта пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд ва бо гузашти солҳо аксари қисматҳои сохтмонии иншоот корношоям ва пас аз расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ масъалаи аз нав бунёд намудани он пайдо шуд. Сохтмони лоиҳаи бузурги НБО-и Роғун, ки назираш дар Осиё Марказӣ набуд, аввалан, на танҳо барои истеҳсол ва таъмини хоҷагии халқи Тоҷикистон ба неруи барқ маҳсуб меёфт, балки неруи барқи истеҳсолшуда ба тамоми ҷумҳуриҳои дигари минтақа тариқи Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна интиқол дода шуда, барои рушди саноат ва хоҷагии халқи минтақа судманд буд. Сониян, обанбори неругоҳ барои обёрии заминҳои бекорхобидаи минтақаҳои поёноб фоидаовар мебошад. Сеюм, обанбор ҷараёни обро ба танзим даровварда, миқдори обро дар давраи зарурӣ таъмин менамояд. Чорум, обе, ки дар обанбор ҷамъоварӣ мешавад, оби ошомидании тоза буда, кишварҳои поёноб метавонанд дар ҳолати беобӣ ва хушксолӣ онро ба манфиати халқашон истифода баранд.

Баъди нисбатан ором шудани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ як рукни муҳимтарини фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон диққати ҷиддӣ додан ба рушди соҳаи энергетика, махсусан, гидроэнергетика дода шуда, тараққиёти онро ба яке аз масъалаҳои асосӣ, тараққиёти иқтисодиёт, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум арзёбӣ намуд. Ҳамин тавр, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳоӣ аз бuҳрони энергетикиро ба яке аз масъалаҳои асосии стратегияи давлатӣ табдил дод.

Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафт ва рушди устувори ҷумҳурӣ ҳадафҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти кишварро, аз ҷумла, истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръатро муайян кардааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ

Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамуданд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо неруи барқ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, барои истифодаи самараноки имкониятҳо ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди энергетика, ки яке аз асосҳои рушди иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад, бояд чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар даврони пасошуравӣ марҳилаи нави сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун дар шароити истиқлолияти нав ба даст овардаи кишварамон оғоз гардид. Барои як давлати тозатаъсис, ки аз оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва буҳрони амиқи иқтисодӣ ранҷ мебурд, шуруи чунин як лоиҳаи бузург тавассути имкониятҳои дохилии худ хеле мушкил ва дур аз воқеият буд. Дар чунин шароит Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) барои дастгирии моддӣ, техникӣ ва такмили сохтмони ин иншооти бузург муроҷиат намуд.

Федератсияи Русия ва ширкатҳои пешбари саноатии он аввалин шуда омодагии худро барои иҷрои ин лоиҳа изҳор карданд. Дар натиҷа, соли 2004 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати русии «Русал» созишнома ба имзо расид, ки тибқи он идомаи сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун ба роҳ монда мешуд. Ин як лаҳзаи муҳим дар ҳамкориҳо буд, зеро дониши мутахассисони корхонаҳои русӣ барои татбиқи ин лоиҳаи бузург муҳим арзёбӣ мешуд.

Баъд аз имзои созишнома, ширкати «Русал» дар якҷоягӣ бо вазоратҳо, корхонаҳо ва институтҳои тадқиқотии Тоҷикистон тадқиқоти муштаракро оғоз карданд. Мақсади ин тадқиқот муайян кардани параметрҳои асосии техникӣ, аз ҷумла, баландии сад ва шаклу усулҳои сохтмони он буд. Вале ихтилофҳо дар усулҳои кор ба зудӣ пайдо шуданд. Ширкати «Русал» бунёди садди бетонии 285-метраро пешниҳод кард, ки аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок нашуда буд. Илова бар ин, баҳсҳои тулонӣ дар бораи шакл ва усулҳои сохтмон ба миён омад, ки боиси ихтилофи назар байни ду ҷониб гардид.

Ҷониби Тоҷикистон пешниҳодҳои техникии «Русал» - ро бо диққат омӯхт, хусусан, дар бораи баландии сад ва усулҳои сохтмон. Баъд аз таҳлили ҳамаҷониба, ҳукумати Тоҷикистон ба хулосае омад, ки ин тарҳ бо манфиатҳои стратегии дарозмуддати лоиҳа мувофиқ нест ва талаботи сохториро қонеъ намекунад. Хусусан, тарҳи садди 285-метра нигарониҳоеро ба бор овард, зеро асоснокии илмии он нокифоя буд ва хатарҳои муҳитӣ ва муҳандисиро дар бар мегирифт.

Бояд хотирасон намоем, ки масъалаи баландии сарбанди НБО - и Роғун ҳанӯз солҳои 1989-1990 низ ба миён гузошта шуда буд. Мувофиқи маълумоти Вазорати энергетикаи ИҶШС, корҳои омодагӣ барои аз ҳудуди зери об мондани минтақаи аҳолинишин баровардани аҳолӣ ва ба кор андохтани чархаи якум, дар соли 1991, ки барои он сарбанди баландиаш 80 метр омода шуда буд, ба анҷом расонида шуда буд. Барои минбаъд пур кардани обанбор дар сатҳи аз ин ҳам баландтар, кӯчонидани аҳолӣ ва роҳи мошингарди Душанбе – Хоруғ аз минтақаи обанбор ба миён гузошта шуд. Барои анҷоми чунин корҳо маблағҳои зиёд лозим буд.

Дар соли 1990, бинобар сабаби кам гардидани ҳаҷми маблағгузорӣ дар соҳаҳои сохтмон ва саноат, аз ҷумла, ба рушди электроэнергетика, Вазорати энергетикаи ИҶШС имкон дод, ки барои сохтмони НБО – и Роғун 75 млн рубл ҷудо карда шавад. Аз ҷумла, 60 млн рубл барои корҳои сохтмонию монтажӣ, бе ҷудо гардидани маблағ барои омода кардани корҳои кӯчонидани аҳолӣ ва заминҳое, ки дар минтақаи обанбор зери об монда мешуданд. Чунин таклиф пешниҳод гардид, ки минтақаи зериобмонӣ аз ҳисоби ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон ва Тоҷикистон дар соли 1990 маблағгузорӣ карда шавад. Аммо ин пешниҳодро ҷумҳуриҳои номбурда тарафдорӣ накарданд. Намояндагони ҶШС Ӯзбекистон ва Туркманистон бо чунин далелҳо рад кардани пешниҳодро асоснок мекарданд: гӯё дар буҷаи худ маблағи иловагӣ надоранд, ба сохтмони НБО - и Роғун мароқ надоранд, сохтмони НБО - и Роғун ба кам

гардидани заминҳои кишт дар минтақаи баҳри Арал оварда мерасонад [3, лл. 1, 2]. Дар ҳоле, ки амалӣ намудани лоиҳаи мазкур нафақат мардуми Тоҷикистон, балки аҳолии минтақаро ба рушду пешрафти ҳама соҳаҳои зиндагӣ ноил мегардонад.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи ҳаҷм ва сарчашмаи маблағгузорӣ дар минтақаи азхудкунии сарбанд на танҳо бо сабабҳои маҳдуд будани маблағ, инчунин пешниҳод ва муроҷиати Вазорати энергетикаи ИҶШС ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз декабри соли 1988 ба Шурои Вазирони ИҶШС дар бораи паст кардани баландии сарбанди НБО – и Роғун ба 50 м буд. Ин пешниҳод боиси он мегардид, ки истеҳсоли неруи барқ 1,2 млн кВт/соат ва дар маҷмуъ, иқтидори истеҳсоли солонаи неруи барқ дар неругоҳ 3,6 млрд кВт/соат кам мегардад. Ҳамзамон, паст кардани сарбанди неругоҳ имконияти истифодаи обанборро барои обёрии заминҳои кишоварзии Тоҷикистон ва минтақа аз байн мебарад ва лоиҳаи мазкурро аз ҷиҳати манфиатҳои иқтисодӣ зери шубҳа мегузошт. Аммо, Кумитаи давлатии банақшагирӣ ва Кумитаи давлатии сохтмон ва сармоягузории ИҶШС ин пешниҳодро қобили қабул надониста, Вазорати энергетика ва электрификатсияи ИҶШС - ро супориш доданд, ки ҷиҳатҳои техникӣ - иқтисодии ин пешниҳодро аз нав омӯзанд. Пешниҳод гардид, ки рад кардани истифодабарии обанбори Роғун барои рушди кишоварзӣ ва обёрикунонии заминҳои ҶШС Ӯзбекистон ва ҶШС Туркманистон бояд бо тавсияҳо ва вариантҳои монанд асоснок ва бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шавад [3, л. 1-4].

Ҳамин тавр, моҳи июни соли 1989 Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, яктарафа дар бораи тағйири лоиҳаи НБО-и Роғун, ки Шурои Вазирони ИҶШС қабул кардааст ва паст кардани сарбанд ба 50м қарор қабул кард. Дар миёнаи соли 1989 чандин муассисаи Академияи илмҳои ИҶШС ба Кумитаи давлатии банақшагирии ИҶШС дар бораи

қатъи корҳои сохтмонӣ дар НБО-и Роғун муроҷиат намуда, паст кардани сатҳи баландии сарбанди онро аз 50-70 то 100 м ва ташхиси нави экологӣ, иқтисодӣ, асоснокунии заминларзаӣ, мустаҳкам ва боваринок набудани сарбанди сохташаванда ва ғайраҳо муроҷиат ва пешниҳодҳо намуданд [3, л. 1-4].

Ҳамин тавр, масъалаҳои пешниҳодгардида ва бамиёномада бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳоли худ гузошта шуданд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки тарҳи НБО-и Роғун дар охири солҳои 80-уми асри XX низ, яке аз масъалаҳои баҳснок дар воситаҳои ахбори оммаи ватаниву минтақавӣ ва хориҷӣ гардида буд [65, с. 90-101; 66, с. 30-39; 67, с. 45-49].

Бо сабаби ихтилофҳои ҳалношуда, дар моҳи сентябри соли 2007 Ҳукумати Тоҷикистон расман шартномаро бо ширкати «Русал» қатъ кард. Ин қарор нишони он буд, ки Тоҷикистон тасмим гирифтааст сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғунро тибқи талаботи илмии асоснок ва бо ҳифзи манфиатҳои техникӣ ва рушди устувори кишвар идома диҳад.

Ин саҳифа дар таърихи НБО-и Роғун баёнгари мураккабии робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва муҳандисӣ дар Осиёи Марказии пасошуравӣ мебошад, ки дар он давлатҳои навистиқлол дар шароити камбуди захираҳои дохилӣ ва иттифоқҳои тағйирёбандаи геополитикӣ ба мушкилоти рушди лоиҳаҳои бузург рӯ ба рӯ мешуданд [87].

Бо дарназардошти вазъи ба амаломада, роҳбарияти Тоҷикистон қарор кард, ки имконоти дохилии хешро ба назар гирифта, сохтмони НБО-и Роғунро мустақилона давом диҳад. Сохтмони ин иншооти беназири энергетикӣ дар даврони истиқлолият се марҳиларо дарбар мегирад. Дар марҳилаи аввал, ки аз соли 2004 то соли 2008 давом кардааст, асосан корҳои таҳқиқотӣ ва таъминоти техникӣ-молиявии лоиҳа ба анҷом расиданд.

Дар амалӣ гардидани таъмини истиқлолияти энергетикии ҷумҳурӣ сохтмон ва ба истифода додани НБО-и Роғун нақши ҳалкунанда дорад. Бо ҳамин мақсад аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри эҳёи НБО-и

Роғун кӯшишҳои зиёде карда шуд. Ҳамин тариқ, октябри соли 2002 Ширкати сохтмонии «Балтика»-и Федератсия Русия барои идомаи сохтмони НБО-и Роғун мароқ зоҳир намуд ва дар ин бора шартномае низ чун ҳусни тафоҳум ба имзо расид. Аммо аз шартнома фақат ҳуҷҷатҳо боқӣ монданду халос. Ин ширкат дигар ба Тоҷикистон барнагашт.

16-уми октябри соли 2004, ҳангоми ташрифи расмии Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартнома дар бораи тартиб ва шартҳои иштироки Русия дар сохтмони НБО-и Сангтӯда-1 ва Созишнома дар бораи ҳамкории дарозмуддат байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «РУСАЛ» ба имзо расид. Тибқи Созишнома, ҶСК «РУСАЛ» уҳдадор шуд, ки дар рушди соҳаи гидроэнергетика, коркарди филиззоти ранга, соҳаи кимиё ва омодасозии мутахассисони баландихтисос дар ин соҳаҳо фаъолона иштирок намояд [195, с. 235]. Мувофиқи шартномаи мазкур, ҶСК «РУСАЛ» сохтмони НБО-и Роғунро бо ҷалби 550 млн доллари амрикоӣ ва ба охир расонидани навбати аввали (ду чархаи) неругоҳ бо иқтидори 4 млрд кВт/соат то соли 2009 ба уҳдаи худ гирифт [201, с. 235]. Дар ин замина, 26-уми сентябри соли 2005 вазири саноат ва энергетикаи Федератсияи Русия В. Христенко ва раиси Шурои директорони ҶСК «РУСАЛ» О. Дерипаска ба минтақаи сохтмонии Роғун омода, аз мавзеи ҷойгиршавӣ ва ҳолати НБО-и Роғун дидан намуданд ва расман ба кори сохтмон низ оғоз бахшида буданд. Аммо бо сабаби он, ки аксари нишондоди техникии пешниҳоднамудаи ҶСК «РУСАЛ» хилофи лоиҳаи асосии сохтмон буд, ҳамкорӣ бо ин ширкат низ қатъ гардид. 31-уми августи соли 2007, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дод, ки Созишномаи ҳамкории дарозмуддат бо ҶСК «РУСАЛ», ки 16-уми октябри соли 2004 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида буд, бо сабаби иҷро нашудани уҳдадориҳои ҷониби ҶСК «РУСАЛ» бекор карда шавад [88, с. 103].

Пас аз ин, роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омад, ки минбаъд сохтмони НБО-и Роғунро бо қувваи худ идома медиҳад. Дар ин бора Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

суханронии худ дар Конференсияи дуюм оид ба фурӯши неруи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки моҳи октябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, хабар медиҳад. Қайд мекунад, ки: «Мо тасмим гирифтаем, ки аз соли 2007 сохтмони НБО-и Роғунро бо маблағи ҷумҳуриявӣ шуруъ намоем ва вусъат бахшем» [88, с. 110].

Дар ин замина, аз соли 2010 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қувваи худӣ ва сармояи дохилӣ корҳои сохтмониро дар НБО-и Роғун оғоз мебахшад ва бо Бонки умумиҷаҳонӣ дар бораи гузаронидаи санҷиши байналмилалии лоиҳаи НБО-и Роғун созишнома ба имзо мерасонад.

Новобаста аз он, ки НБО-и Роғун қиммати бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ барои тамоми Осиёи Марказӣ дошт, оғози сохтмони он баҳсҳои зиёдеро дар воситаи охбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ ба бор овард. Баҳси Роғун сатҳи ҷаҳонӣ пайдо карда, то ба минбари СММ мерасад [65, с. 90-101; 66, с. 30-39; 67, с. 45-49].

Дар ҳамин лаҳзаҳои мушкил, роҳбарияти вақтии Ӯзбекистон ба нақшаҳои ҷониби Тоҷикистон дар мавриди бунёди НБО-и Роғун дар рӯдхонаи Вахш, ки на танҳо метавонад Тоҷикистонро бо неруи барқ таъмин кунад, балки ҷумҳуриро ба содиркунандаи асосии минтақавии ин манобеъ табдил диҳад, шадидан мухолифат мекард. Назари Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов бар он буд, ки дар даврони Шуравӣ ва солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар доираи Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна Ӯзбакистон Тоҷикистонро бо неруи барқ таъмин мекард. Анҷоми сохтмони НБО-и Роғун ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки аз болои захираҳои обӣ, ки барои киштзорҳои хушки Ӯзбекистон хеле заруранд, назорат барад.

Пешниҳодҳои ҷониби Тошканд асосан дар атрофи масъалаи амният бунёд шуда буд ва онҳо бар он назар буданд, ки агар сарбанди неругоҳи

барқи обии Роғун канда шавад, бисёре аз манотиқи кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон осеб мебинанд.

Чунин мухолифати Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар сохтмони НБО Қамбарота-2 дар Ҷумҳурии Қирғизистон низ мушоҳида гардида буд. Сохтмони ин неругоҳ соли 1986 оғоз шуда, дар ибтидои солҳои 90-ум аз сабаби нарасидани маблағ корҳои сохтмонӣ қатъ гардида буданд. Дар соли 2008 Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон  мустақилона ба сохтмони НБО-и Қамбарота-2 (360МВт) оғоз мекунад. Моҳи октябри ҳамон сол зимни нишасти сарони давлатҳои ЕврАзЭС дар Бишкек, президентҳои Федератсияи Русия ва Қирғизистон Дмитрий Медведев ва Қ. Боқиев дар мавриди эҳёи лоиҳаи сохтмони НБО-и Қамбарота-1 (1900МВт) ба мувофиқа расида, моҳи феврали соли 2009 Созишномаи байниҳукуматӣ ба имзо мерасад. Аммо дар натиҷаи ихтилофоти минбаъда дар муносибатҳои ду давлат ва фоҷиаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ татбиқи лоиҳаи мазкур боздошта мешавад.

Пас аз чанд сол, имконияти баргаштан ба лоиҳаи сохтмони Қамбарота-1 пайдо мешавад. Дар нахустин ҷаласаи Комиссияи назди Президенти Федератсияи Русия оид ба комплекси сӯзишворию энергетикӣ дар моҳи июли соли 2012, Президенти тозаинтихоби Федератсияи Русия Владимир Путин муҳимтарин лоиҳаҳои сармоягузориро дар соҳаи энергетикаи Русия барои давраи миёнамуҳлат номбар ва таъкид менамояд, ки татбиқи Лоиҳаи сохтмони неругоҳи Қамбарота-1 дар Қирғизистон «манфиати стратегӣ барои Русия» мебошад. Пас аз чанд моҳ, дар ҷараёни сафари расмии Президенти Федератсияи Русия ба Қирғизистон 19-20 сентябри соли 2012 миёни Россия ва Қирғизистон созишномаи нав дар бораи сохтмони неругоҳи барқи обӣ ба имзо расид. Бар асоси шартҳои санади мазкур сохтмони нерӯгоҳро ширкати русии «Интер РАО ЕЭС» ва ширкати «Стансияҳои электрикӣ»-и қирғиз бо саҳмияҳои баробар ба зиммаи худ гирифтанд.

Хусусияти усулии шартномаи нав дар он буд, ки дар баробари иҷрои лоиҳаи сохтмони неругоҳ, инчунин, сохтмони ХИБ-и 500 кВ, аз ҷумла, дохилиҷумҳуриявӣ «Датка-Кемин», инчунин, хатҳои интиқоли барқӣ байнидавлатии «Қирғизистон- СУАР», «Кемин- Алмаато» ва «Датка-Хуҷанд»-ро дар назар дошт. Ин ҳолат на танҳо имкони васеъ барои ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя содир кардани қувваи барқи зиёдатӣ, балки дар доираи лоиҳаи CASA-1000 ба мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ (Афғонистон ва Покистон) низ мусоидат мекард.

Шиддати ҳамкориҳои Федератсияи Русия ва Қирғизистон дар масъалаи обӣ-энергетикӣ вокуниши сахт дар «кишварҳои поёноб», пеш аз ҳама Ӯзбекистонро ба бор овард. Ҳатто дар марҳалаи омодасозии созишнома Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов, ки бо як сафари расмӣ дар Қазоқистон қарор дошт, зидди сохтмони неругоҳи Қамбарота-1 дар Қирғизистон ва НБО-и Роғун дар Тоҷикистон шадидан изҳори назар карда буд. Ба гуфтаи Президенти Ӯзбекистон, ин лоиҳаҳо дар солҳои 1970 ва 1980, замоне таҳия шуда буданд, ки ИҶШС аз бузургманишӣ азият мекашид. Тасмим гирифта шуда буд, ки баландии сарбанди Қамбарота-1 275 ва НБО-и Роғун 350 метр, баландтарин сарбанд дар ҷаҳон, муайян карда шавад. Масъалаи аз ҳама муҳим, таъмини миллионҳо одам ба оби ошомидании тоза ва обёрии заминҳои ташналаб мерафт.

Дар хотимаи суханрониаш Ислом Каримов қайд мекунад, ки: «Агар ин сарбанд канда шавад ва боз 19 км$^3$ оби обанбори Тоқтағул ба он илова мешавад. Оқибати он чӣ мешуда бошад?, ки мавҷи баландии 50-100 м ба давлатҳои поёноб мерасад. Ин ҳолат метавонад то ҳадде муқовимат ва ҳатто ҷангро байни давлатҳо ба вуҷуд орад» [204].

Суханронии Ислом Каримовро Президенти вақтии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев дастгирӣ намуда, зарурати гузаронидани санҷиши мустақили байналмилалиро пеш аз оғози сохтмони ин иншооти азими минтақавӣ изҳор дошт. Президентҳо баён доштанд, ки шарти муҳимми

бунёди чунин лоиҳаҳои гидротехникӣ дар дарёҳои фаромарзӣ бояд бо «кишварҳои поёноб» тибқи эъломияҳои СММ[1] оид ба ҳифзи муҳити зист ҳамоҳангсоз карда шаванд [111, с. 8].

Назари Президенти вақтии Туркманистон бар он буд, ки: «Мо бояд кӯшиш намоем, ки мувозинати муносибати байни давлатҳои минтақаро риоя намоем» [65, с. 111].

Албатта, агар сухан на дар бораи сиёсисозии сунъии ин мавзуъ равад, нигаронихое ки онҳо баён мекунанд, пеш аз ҳама, ба сабабҳои иқтисодӣ ва қисман иҷтимоӣ асос ёфтааст. Умуман, ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ метавонад ба ҳалли мушкилоти обу энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат кунад. Чунин ба назар мерасад, ки танҳо дар чаҳорчӯби он механизмҳои самарабахши иқтисодии истифодаи муштарак ва оқилонаи захираҳои обу энергетикӣ ва аз ин рӯ, кафолати боэътимоди рушди устувори минтақаи Осиёи Марказӣ дар оянда имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун, яке аз бузургтарин лоиҳаҳои энергетикии миқёсан бузург дар Осиёи Марказӣ, яъне бунёди «Кохи нур» оғоз ёфт. Аз оғози ин лоиҳа, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар суханрониҳояш ҳам дар майдонҳои байналмилалӣ ва ҳам дар дохили кишвар, борҳо таъкид кардааст, ки ҳадафи асосии Тоҷикистон ташкили шабакаи ягонаи энергетикӣ ва ташаккули бозори устувори неруи барқ дар минтақа мебошад. Тибқи андешаҳои Президенти кишвар, Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки имкониятҳо ва ҳаҷми содироту воридоти неруи барқро ба таври бесобиқа зиёд намояд, ки ин, дар навбати худ, ба

[1] Дар ин ҷо сухан дар бораи Эъломияи СММ «Оид ба ҳифз ва истифодабарии обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ» (Хелсинки, 1992) ва Эъломияи СММ «Дар бораи ҳуқуқи истифодаи ғайрикиштиронӣ аз маҷрои обҳои байналмилалӣ» (Ню-Йорк, 1997) меравад. Ин ҳуҷҷатҳоро Қазоқистон ва Ӯзбакистон дастгирӣ мекунанд, зеро онҳо манфиатҳои истифодаи мавҷудаи обро дар маҷрои миёна ва поёни дарёҳои фаромарзӣ ба назар гирифта, ба он даъват мекунанд. Баръакси ин, Қирғизистон ва Тоҷикистон принсипҳоеро риоя мекунанд, ки дар конфронси Дублини СММ дар соли 1992 таҳия шуда, даъват мекунад, ки ба об ҳамчун моли иқтисодӣ муносибат карда шавад.

беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ, рушди иқтисодиёти кишварҳои минтақа ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандони онҳо мусоидат мекунад.

Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки сохтмони НБО-и Роғун ҳеҷ гоҳ ҳадафи расонидани зарар ба кишварҳои ҳамсоя тавассути маҳдуд кардани манбаъҳои обро надошт. Баръакс, лоиҳа манфиатҳои ҳамаи давлатҳои минтақаро дар назар мегирад. Дар суханрониҳояш Пешвои миллат махсусан таъкид кард, ки татбиқи ин лоиҳа бояд ҳамчун саҳми бештар дар манфиати умумии минтақа баррасӣ шавад, ки ба рушди устувор ва шукуфоии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Ӯ борҳо изҳор дошт, ки сохтмони неругоҳи Роғун набояд дар кишварҳое, ки дар поёноби дарё қарор доранд, нигаронӣ ба вуҷуд орад, зеро ин лоиҳа ба таъмини устувори таъминоти об ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкории иқтисодӣ, ки асоси ҳамзистии осоишта ва шарикии мутақобилан судманд дар минтақа мебошад, равона шудааст [88, с. 110].

Ҳамин тариқ, сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун на танҳо як қадами муҳимми истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон мебошад, балки як лоиҳаи стратегиест, ки ба таҳкими ҳамкории минтақавӣ мусоидат мекунад, заминаҳоро барои манфиати мутақобила ва рушди устувори ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ фароҳам меорад.

Илова бар ин, мехоҳам махсус таъкид намоям: вақте НБО-и Норак бунёд мешуд, ташаббус ва дастгирии роҳбарияти ҳамонвақтаи давлати ягона (ИҶШС) ва ҷумҳуриҳои минтақа барои таҳия ва сохтмони НБО-и Роғун пешбарӣ шуда буд. Онҳо бо бунёди обанбори Роғун, дар назар доштанд, ки зиёда аз 360 ҳазор га замини навро аз худ кунанд ва таъминоти обро барои беш аз чоруним миллион гектар заминҳои минтақа беҳтар намоянд» [88, с. 119-120].

Дар натиҷаи таҳқиқоте, ки мутахассисони СММ дар НБО-и Роғун гузарониданд, маълум гардид, ки:

- ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ айни ҳол дар давоми сол тақрибан 150 миллиард кВт/с қувваи барқро истифода мебаранд. Саҳми қувваи барқ дар

байни намудҳои дигари сӯзишворӣ дар давоми сол 29 фисадро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии захираҳои гидроэнергетикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳаҷми имрӯзаи истифодаи неруи барқ дар Осиёи Марказӣ чор баробар зиёд аст, дар ҳамин замина захираҳои гидроэнергетии Ҷумҳурии Тоҷикстон метавонад ба тамоми минтақа манфиатбахш бошад. Махсусан, неругоҳи сохташавандаи Роғун дар ин замина саҳми калон дорад;

- Роғун, дар якҷоягӣ бо обанбори Норак дар рӯди Вахш, бо ғунҷоиши умумии фоиданоки аз 18 то 19 км$^3$, танзими бисёрсолаи ҷараёни рӯди Омуро таъмин мекунад. Ин кафолати иловагии обёрии заминҳои кишоварзӣ дар ҳавзаи рӯди Ому, дар ҳаҷми 5,0–5,9 км$^3$, ки дар ҳудуди Ӯзбекистон ва Туркманистон ҷойгиранд, фароҳам меорад;

- имконияти минбаъдаи азхудкунии заминҳои нав тавассути истифодаи захираҳои обанбор пайдо мешавад, ки харҷи об барои обёриро ҷуброн мекунад. Тибқи лоиҳа, 360 ҳазор га замини нави корам инкишоф дода мешавад, ки масоҳати умумии шабакаҳои обёриро дар ҳавзаи дарёи Ому то 4,3 миллион га васеъ мекунад. Илова бар ин, ҷараёни танзимшуда ва мунтазами об аз обанбори Роғун барои наҷоти Арал истифода хоҳад шуд.

- дар фасли зимистон, интизор меравад, ки истеҳсоли неруи барқ 1,3 маротиба афзоиш ёфта, 50% ҳаҷми миёнаи солонаи истеҳсолро ташкил диҳад.

- дар мавсими зимистон истеҳсоли барқи иловагӣ ба қадри 2000 МВт кафолат дода мешавад, аз ҷумла, истеҳсоли неруи барқ дар силсилаи поёнии нерӯгоҳҳои дарёи Вахш ба миқдори 760 миллион кВт/соат меафзояд;

- ба кор андохтани НБО-и Роғун эҳтиёҷоти дохилии ҷумҳуриро бо барқ пурра қонеъ, истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин ва имконият фароҳам меорад, ки барқи зиёдати ба хориҷа интиқол дода шуда, ба миқдори зиёд газ ва дигар намудҳои сӯзишворӣ дар давлатҳои ҳамсоя сарфа гардад. Инчунин, он ба ҳифзи муҳити зист низ мусоидат менамояд. Чунки барои ҳар киловатт барқи дар истгоҳҳои гармӣ истеҳсолшуда ба атмосфера то 250-300 грамм гази карбон хориҷ мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷараёни корҳои сохтмониро зери назорати қатъии худ қарор дода, дар мулоқоти худ бо бунёдкорони НБО-и Роғун баён намуданд, ки «Агар дар оғози соли 2008 ба сохтмон ва корҳои азнавбарқароркунии НБО-и Роғун 635 нафар коргарону муҳандисон ва 46 адад техникаву механизмҳои сохтмонӣ ҷалб гардида бошанд, пас ин шумора дар соли 2016 ба 15 ҳазор нафар коргарону мутахассисон ва 2100 адад техника ва мошину механизмҳои нав расонида шудааст [88, с. 113-149].

Албатта, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 16-уми ноябри соли 2018, оғози ба истифода додани чархаи якуми НБО-и Роғун, ки дар он намояндагони воломақоми кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла Федератсияи Русия, Италия, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Белорус, Украина, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмиллалӣ иштирок доштанд, чунин қайд намуданд: «Неругоҳи Роғун танзими бисёрсолаи ҷараёни дарёи Вахшро таъмин намуда, на танҳо нерӯи барқро дар маҷмуъ афзоиш медиҳад, муҳимтар аз он имконият фароҳам меорад, то силсиланерӯгоҳҳои дарёи Вахш бо реҷаи имконпазир барқ истеҳсол намоянд, ки он на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва минтақа судбахш маҳсуб меёбад» [163, с. 15].

9-уми сентябри соли 2019 бошад, чархаи дуюми НБО-и Роғун ба истифода дода шуд. Бо ба истифода додани агрегати якум ва дуюми НБО-и Роғун 240 МВт иқтидорҳои нав тавлид гардида, ҳаҷми солонаи он ба беш аз 20 млрд кВт/соат расонида шуд [185, с. 214].

Бо дарназардошти таҳлили пешниҳодшуда, аҳаммияти НОБ-и Роғун барои Осиёи Марказӣ на танҳо ҳамчун як объекти калидии энергетикӣ, балки ҳамчун як ҷузъи стратегӣ дар таъмини амнияти обӣ ва озуқаворӣи минтақавӣ арзёбӣ мешавад. Тавре ки аз баррасиҳо бар меояд, таъсири ин неругоҳи барқи

обӣ аз доираи соҳаи энергетика фаротар рафта, ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои сиёсӣ байни кишварҳои минтақа таъсири амиқ мерасонад.

Пеш аз ҳама, неругоҳи Роғун ба Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя имкон медиҳад, ки вобастагии худро аз манбаъҳои воридотии энергия ба таври назаррас коҳиш диҳанд. Дар шароите, ки Осиёи Марказӣ бо афзоиши эҳтиёҷоти энергетикӣ рӯ ба рӯ мешавад, ин лоиҳа истеҳсоли устувори неруи баркро таъмин менамояд, ки ҳам барои истеъмоли дохилӣ ва ҳам барои содирот истифода мешавад. Ин махсусан, дар фасли зимистон муҳим аст, вақте ки талабот ба неруи барқ ба таври назаррас меафзояд ва манбаъҳои боэътимоди таъминоти энергия барои пешгирии буҳронҳои энергетикӣ аҳаммияти бузург доранд.

Аммо, аҳаммияти нерӯгоҳи Роғун танҳо ба соҳаи энергетика маҳдуд намешавад. Ба шарофати қобилияти танзими захираҳои обии дарёи Вахш, он дар таъмини амнияти обии минтақа нақши муҳим мебозад. Идоракунии ҷараёнҳои обӣ, ки тавассути неругоҳи Роғун имконпазир аст, ба тақсими мутавозини захираҳои об мусоидат мекунад, ки ин барои минтақаҳои кишоварзӣ, ки ба обёрӣ вобастаанд, муҳим мебошад. Ҳамин тариқ, неругоҳ ба устувории кишоварзӣ таъсири мустақим мерасонад, ки дар навбати худ бо амнияти озуқаворӣ ва суботи иқтисодии кишварҳои минтақа иртибот дорад.

Бояд қайд кард, ки Осиёи Марказӣ минтақаест, ки таърихан вобастагии зиёд ба захираҳои обӣ дорад. Дар шароити тағйирёбии иқлим ва афзоиши аҳолӣ, идоракунии захираҳои обӣ як масъалаи хеле мушкил мегардад. Дар ин замина, неругоҳи Роғун метавонад ҳамчун омили суботсозанда, ки ба кам кардани хатарҳои марбут ба хушксолӣ ва дигар аномалияҳои табиӣ мусоидат мекунад, баромад кунад. Инчунин, муҳим аст, то масъалаҳои обӣ аксар вақт манбаи таниш дар муносибатҳои байналмилалии кишварҳои Осиёи Марказӣ мегарданд. Дар ин маврид, НБО-и Роғун метавонад на танҳо як объекти энергетикӣ ва обӣ, балки як воситаи дипломатӣ барои мусоидат ба ҳамкориҳои созанда байни кишварҳои минтақа бошад.

Ғайр аз ин, зарур аст, ки паҳлуҳои экологӣ ва атрофии лоиҳа низ ба назар гирифта шаванд. НБО-и Роғун мисли дигар объекти бузурги гидроэнергетикӣ, ба муҳити зист таъсири назаррас мерасонад. Аммо бо шарофати технологияҳои муосир ва назорати қатъии экологӣ, метавон оқибатҳои манфиро коҳиш дод. Ҷанбаи муҳимми бехатарии экологӣ таъмини шароити мусоид барои нигоҳдории гуногунии биологӣ ва ҳифзи экосистемаи дарёи Вахш мебошад. Сохтмон ва ба истифодаи пурра додани чунин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, метавонад намуна барои дигар лоиҳаҳои минтақавӣ гардад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки НБО-и Роғун як лоиҳаи бисёрсоҳавӣ бо иқтидори бузург барои таъмини рушди устувори Осиёи Марказӣ мебошад. Аҳаммияти он аз манфиатҳои миллӣ ва маҳдуди Тоҷикистон фаротар рафта, ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти минтақа таъсир мерасонад - аз истиқлолияти энергетикӣ ва суботи иқтисодӣ то амнияти озуқаворӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ.

Дар оянда фаъолияти муваффақи НБО-и Роғун метавонад барои эҷоди як низоми энергетикии ҳамгирошуда ва устувортар дар Осиёи Марказӣ замина гузорад. Дар айни замон, бояд ба назар гирифт, ки барои расидан ба натиҷаҳои беҳтару бузургтар байни кишварҳои минтақа зарур аст, ки бар пояи фаҳмиш ва манфиати умумӣ ҳамкориҳои судманд роҳандозӣ шавад. Муҳим аст, дар ёд дошта бошем, ки НБО-и Роғун на танҳо як неругоҳи барқист, балки як иншооти стратегиест, ки метавонад ба як катализатори тағйироти мусбат дар минтақа табдил ёфта, ба рушди иқтисодӣ ва беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, бунёди НБО Роғун ҳалли масоили зеринро имконпазир мегардонад:

1. Ҳалли масъалаи расидан ба истиқлолияти пурраи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи дарозмуҳлат бо ба анҷоми сохтмони НБО-и Роғун зич алоқаманд аст. НБО-и Роғун дар навбати худ метавонад ба рӯшди босуръати дигар соҳаҳое, ки ба нерӯи барқ эҳтиёҷ доранд такони

ҷиддӣ бахшад. Маҳз таҳия ва тадбиқи чунин лоиҳаҳои минтақавӣ ҷиҳати ҳамгироии обӣ-энергетикӣ ва мелиоративӣ-ирригатсионӣ метавонад ҳамчун нақшаи бештар самаронок ва фишанги таъсирбахши таъмини мубодилаи муфиди байниҳамдигарӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, комёб шудан ба суръати баланди рушди экологӣ, иқтисодӣ, таҳким ва тақвияти низомӣ мавҷудаи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ баромад намоянд. Ҳамчунин, баъди қатъи созишнома бо ҶСК «РусАл» аз созишнома оид ба бунёди НБО-и «Роғун» масъалаи анҷоми сохтмони он хусусияти байнидавлатӣ, сиёсӣ ва ҳатто глобалӣ ба худ касб намуд.

2. Лозим ба қайд аст, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба анҷоми сохтмони НОБ-и Роғун ба риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи захираҳои об ва амнияти экологӣ асос ёфтааст. Ин қарор манфиатҳои на танҳо Тоҷикистон, балки давлатҳои Осиёи Марказиро ба назар мегирад. Яке аз ҷанбаҳои калидии ин қарор талоши Тоҷикистон барои риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ мебошад, ки ба ҷалби коршиносони созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Бонки ҷаҳонӣ ва Комиссияи Аврупо, барои гузаронидани арзёбиҳои мустақили устувории экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа равона шудааст. Ин ҳамчунин, ба кам кардани ҳар гуна таъсири эҳтимолии манфӣ ба муҳити зист ва захираҳои об, ки моликияти умумии кишварҳои минтақа мебошанд, нигаронида шудааст.

3. Дар айни замон, минтақаи Осиёи Марказӣ бо чандин мушкилот рӯ ба рӯ шудааст, ки ба афзоиши аҳолӣ, рақобати афзоянда барои захираҳои обию энергетикӣ ва мушкилоти идоракунии обанборҳо вобаста аст. Ин мушкилот бо зиддиятҳои байни манфиатҳои гидроэнергетика ва кишоварзии обёришаванда шадидтар мешавад, ки ин мустақиман ба рушди кишоварзии обёришаванда таъсир мерасонад. Илова бар ин, ифлосшавии фаромарзии обҳои рӯдхона ва таҳдиди афзоиши деградатсияи амудии заминҳо хавфҳои иловагӣ эҷод мекунанд, ки метавонанд дар оянда боиси ба вуҷуд омадан ва шиддат ёфтани муноқишаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва ҳатто сиёсӣ ҳам дар дохили давлатҳо ва ҳам дар сатҳи фаромарзӣ шаванд. Новобаста ба

мушкилиҳои овардашуда, масъалаҳои тақсимот ва истифодаи захираҳои обию энергетикӣ барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ дарозмуддати минтақа аҳаммияти калидӣ касб мекунанд. Идоракунии самараноки ин захираҳо ба омили муҳим табдил меёбад, ки сатҳи рушди устувори ҳамаи кишварҳои минтақа муайян мекунад. Зарурати ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи тарафҳо ва ҷалби созмонҳои байналмилалӣ ба ҳамкорӣ аҳаммияти талошҳои муштаракро барои идоракунии захираҳои обӣ боз ҳам бештар мекунад.

4. Меъёрҳои байналмилалӣ ба Тоҷикистон мустақилона ва тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ кардани захираҳои табии онро дар ҳудуди сарҳадҳои миллӣ барои некӯаҳволии аҳолӣ бемувофиқа бо мамлакатҳои ҳамсоя ва бе расонидани зарари ҷидди барои кишварҳои поёноб кафолат медиҳанд.

5. НБО-и Роғун сарчашмаи қувваи барқи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза буда, талаботи Тоҷикистон ва Афғонистону Покистонро низ қонеъ гардонида метавонад. Ин ҳолат гунаи нафъоваре барои кулли ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки ба таври ҷиддӣ ба қувваи барқ эҳтиёҷ доранд. Ҳамгироии бештар ҷиҳати истифодабарии стратегии захираҳои об дар пояи обанборҳои мушаххас сабабҳои тақсимоти беадолатона ва истифодабарии захираҳои бузурги обҳои Осиёи Марказиро бартараф намуда, барои ояндаи водии Фарғона ягон хел таҳдид пеш намеоварад.

6. Барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ва татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар нақши муассир гузорад;.

7. Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро бо энергияи сабз таъмин намуда, заминҳои ташналаби давлатҳои ҳаммарзро бо обӣ нӯшокӣ ва полезӣ таъмин намояд.

8. Мутахассисону муҳандисони маҳаллии соҳаи энергетикаро омода ва барои дар оянда бунёди дигар неругоҳҳои хурду бузург, мактаби маҳаллии таҷрибадидаро таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, ояндаи Осиёи Марказӣ то андозае аз он вобаста аст, ки кишварҳои минтақа то кадом андоза метавонанд иқтидори НОБ-и Роғунро истифода баранд. Агар он дуруст ба инфрасохтори минтақавӣ ҳамгиро карда шавад ва асосе барои ҳамкориҳои минбаъда гардад, таъсири он ба рушди босуботи минтақа метавонад воқеан бесобиқа гардад.

## ХУЛОСА

## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ БАДАСТОМАДАИ ТАҲҚИҚ

Соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва соҳаҳои гуногуни дигари ҷумҳуриро тадриҷан ва пайваста қонеъ мегардонад, балки дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ низ мақоми махсусро касб кардааст. Дар ин замина, Ҳукумати ҷумҳурӣ ин соҳаи ҳаётан муҳимми ҷомеаро ба яке аз самтҳои асосии стратегии давлатӣ табдил додааст.

Айни ҳол масъалаи энергетика, дар ҳақиқат, он қадар мураккаб гардидааст, ки тавозуни захираҳои табиӣ ва иқтидори энергетикии сайёраро дигаргун кардааст. Бо дарназардошти ин ҳолат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди мубориза алайҳи хатарҳои воқеӣ, ки метавонанд дар ҷараёни рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар монеа эҷод намоянд, омода ва таҳияи барномаву нақшаҳои нави энергетикӣ ва ҷалби сармоягузорони хориҷиро зарур донист.

Дар даврони истиқлол Ҳукумати ҷумҳурӣ барои боз ҳам зиёд кардани истеҳсол, содироту воридоти неруи барқ кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст. Дар натиҷа низоми куҳнашудаи энергетикии кишвар комилан нав карда шуда, дар асоси нақшаву барномаҳои нав неругоҳҳои барқии обии иқтидорашон миёна ва бузург, ба монанди Помир-1, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, Тоҷикистон, чархаҳои 1 ва 2-и НБО-и Роғун, зиёда аз 300 неругоҳи хурди барқи обӣ, МБГ-и Душанбе-2 бунёд ва ба истифода дода шуданд. Илова бар ин, захираҳои сӯзишвории кишвар, бахусус ангишт, мавриди истифода қарор гирифта, алакай таҷрибаи истифодаи энергияи офтоб низ роҳандозӣ шуда истодааст [4-М].

Маҳз аз худ намудани захираҳои нави энергетикӣ дар рушд ва тараққиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол, иқтидори истеҳсолӣ ва неруи инсонӣ манбаи бузурги сарвати миллии кишвар буда, нақши ҳалкунанда мебозад, зеро захираҳои табиӣ имкон медиҳанд, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои табиии минтақа ба яке аз ҷумҳуриҳои пешқадам табдил ёбад. Сохтмони иншооти нави гидроэнергетикии бузург, миёна ва хурд имкон фароҳам

меоранд, ки ба тараққиёт ва рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ заминаи боэътимод гузошта шавад.

Татбиқи чандин лоиҳаи муҳим дар самти рушди соҳаи энергетика гувоҳи саъю кӯшиши пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, ки дар натиҷаи он имрӯзҳо норасоии неруи барқ хеле коҳиш ёфтааст. Дар маҷмуъ, дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ истеҳсоли неруи барқ ба 22 млрд кВт/соат расонида шуда, ҷиҳати амалӣ намудани лоиҳаи CASA-1000, бунёди неругоҳҳои барқи обии Шӯроб, Санообод ва Чорсем ба нақша гирифта шудааст, ки ин имконият медиҳад Тоҷикистон соле қариб 10 млрд кВт/соат қувваи барқ содирот намояд. [3-М; 4-М; 5-М; 6-М].

Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дорои захираҳои бузурги сӯзишворию энергетикӣ, конҳои гуногуни маъдан, захираҳои зиёди меҳнатӣ ва бозори тавонои дохилии мол доранд. Дар баробари ин, ҷумҳуриҳо дар наздикии давлатҳои аз ҷиҳати иқтидор бузург, ба монанди Россия, Хитой ва Эрон ҷойгир шудаанд, ки дурнамои рушди тараққиёти иқтисодиёт ва афзоиши талаботи онҳоро бо неруи барқ таъмин мекунанд.

Мувофиқи маълумоти Барномаи СММ оид ба иқтисодиёти Осиёи Марказӣ - «Спека», иқтидори гидротехникии барқароршавандаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, дар як сол ба 460 млрд кВт/соат баробар мебошад, ки аз ин миқдор 10 дарсади он истифода мегардад. Захираҳои кашфшудаи нафт кариб 3 млрд тонна, ангишт (бидуни Туркманистон) — бештар аз 40 млрд тонна, газ бештар аз 6590 млд $м^3$-ро ташкил медиҳад. Гуфтан ба маврид аст, ки дар Осиёи Марказӣ зиёда аз 5 дарсади захираҳои гидроэнергетикии ҷаҳон ва зиёда аз 20 дарсади захираҳои ангишт ҷойгир шудааст [4-М].

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳаҷми захираҳои энергетикӣ, сохтори онҳо ва навъҳои интиқолдиҳандаи қувваи барқ дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ нобаробар тақсим шудааст. Масалан, агар иқтидори гидроэнергетикӣ асосан дар Тоҷикистон (тақрибан 70%) ва Қирғизистон (21%) ҷойгир шуда бошад, пас захираҳои ангишт дар Қазоқистон 85%, нафт -

94%, газ: дар Туркманистон - зиёда аз 40%, Ӯзбекистон - 30%, Қазоқистон - 28% мебошад.

Вазъияти мураккаби ҷойгиршавии иқтидори захираҳои энергетикӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, зарурати махсусгардонии ҳамкории судмандро дар коркарди захираҳо, истеҳсол ва ба бозори фурӯши барқ ба миён меорад [4-М].

Дар натиҷаи омӯзиши захираҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ маълум гардид, ки истеъмоли қувваи барқ ба сари аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар як сол қариб ба 2,5 ҳазор кВт/соат рост меояд. Аз ҷумла, дар Қазоқистон ин нишондиҳанда 1,5 баробар, дар Туркманистон 1,1 баробар, Тоҷикистон 1,02 баробар, дар Ӯзбекистон ва дар Қирғизистон ин нишондиҳанда камтар аст, мутаносибан 77 ва 64% [4-М].

Истеъмоли миёнаи солонаи неруи барқ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ қариб 140 млрд кВт/соатро ташкил медиҳад. Бузургтарин истеъмолкунанда Қазоқистон мебошад, ки 39%-и қувваи барқи истеҳсолшавандаро дар минтақа, истеъмол мекунад. Ӯзбекистон мутаносибан 35%, Тоҷикистон 11%, Туркманистон 9% ва Қирғизистон 6%.

Иншооти асосии энергетикӣ, аз ҷумла, неругоҳҳои барқи обӣ вазифаҳои танзимкунандаи об ва қувваи барқро иҷро намуда, талаб мекунанд, ки низоми ҳамоҳангшудаи кор байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, ҳамкории судманд дар самти аз худ намудани тақсимоти одилонаи об, истеҳсол, таъминоти барқ, муқаррар намудани эквиваленти ҷуброни талафоти неруи барқ дар давраи зимистон, пардохт барои хизматрасонии обанборҳои асосӣ, инчунин муқаррар намудани тарифҳо барои содироти неруи барқ аз ҷониби Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон роҳандозӣ гардад.

То пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ташаккул ва фаъолияти комплекси энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, дар заминаи ташаккули иқтидори захираҳои мувофиқ, афзоиши талабот, самараи истеҳсол, эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ба электроэнергетика асос ёфта буд.

Барои танзими самараноки истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, таъмини саривақтии истеъмолкунандагон бо неруи барқи баландсифат, татбиқи ҷараёнҳои он дар ҳама гуна низомҳои байни ҷумҳуриҳои минтақа низоми ягонаи энергетикӣ бо маркази идоракунии Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ таъсис дода шуда буд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва таъсис ёфтани ҷумҳуриҳои мустақил дар Осиёи Марказӣ, муқаррар намудани намудҳои гуногуни андоз, боҷҳо ва ғайраҳо ба вуҷуд омаданд, ки ин ҳолат ҷараёни танзими тақсими энергияи барқро байни ҷумҳуриҳо, самаранокии фаъолияти ин низомро коҳиш дод ва ба истеъмолкунандагони қувваи барқ, истифодаи иқтидорҳои тавлидшаванда ва хатҳои интиқоли барқи магистралии байнидавлатӣ таъсири манфӣ расонд [4-М].

Ҳатто неругоҳҳои барқи обие, ки дар замони шуравӣ дар Тоҷикистон сохта шуда буданд, на танҳо ба манфиати Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатовар буданд. Масалан, соли 1956 НБО-и Қайроққум пурра ба истифода дода шуд ва то соли 1974 корхонаҳои саноатии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз ин неругоҳ 10 млрд 25,5 млн кВт/соат неруи барқро истифода намудаанд. Обанбори он имкон медод, ки ҷараёни об мавсимӣ танзим карда шавад. Ҳамин тавр, соли 1960 НБО Қайроқум ба низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна пайваст гардид ва барои бо барқ таъмин намудани дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистони Ҷанубӣ хизмат мекард [2-М; 6-М].

Низоми энергетикии Вахш, ки аз НБО-и Сарбанд, Шаршара ва Марказӣ иборат буда, иқтидори умумиашон қариб 270 ҳазор кВт/соатро ташкил медод, ба низоми энергетикии Душанбе-Вахш пайваст карда шуд. Ин неругоҳҳо дар баробари корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе, ба вилояти Сурхандарёи ҶШС Ӯзбекистон низ барқ интиқол медоданд [2-М].

Неруи барқе, ки аз НБО-и Норак истеҳсол мегардид, ба Низоми ягонаи энергетикии Осиёи Миёна ва Қазоқистони Ҷанубӣ пайваст шуда, ба тараққиёт ва рушди хоҷагии халқи бисёр минтақаҳои Осиёи Миёна хизмат намудааст.

Таърих собит сохтааст, ки ҳадафи Ҳукумати Шуравӣ аз бунёдкориҳо дар Тоҷикистон аз он иборат будааст, ки кишварҳои Осиёи Марказиро ҳамчун пойгоҳи васеи истеҳсоли ашёи хом истифода барад. Ба ин хотир, дар минтақа низоми ягонаи истифодаи гидроэнергетикӣ созмон дод, ки асоси онро захираҳои обӣ – энергетикии Тоҷикистон ташкил медоданд. Бо истифода аз онҳо, дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон хоҷагиҳои зироаткорӣ, корхонаҳои саноатӣ, шаҳру шаҳрак ва деҳаҳои нав бунёд меёфтанд. Хоҷагиҳои кишоварзӣ аз захираҳои номбурда васеъ истифода мебурданд, аммо ба сарфа ва идораи обу барқ набуданд. Истифодаи бурдани об аз рӯи бемасъулиятӣ дар минтақа то ба ҳадде расида буд, ки дар мавсими кишту кори зироат, дарёҳои ҳавзаи Арал қисмати зиёди захираҳои оби худро дар биёбонҳои беоб гум мекарданд. Дар натиҷа, баҳри Арал ба хушкшавӣ мувоҷеҳ гардид ва экологияи минтақаро фоҷианок гардонд [2-М; 4-М].

Истифодаи захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмини рушди минтақа дар замони соҳибистиқлолӣ низ идома дорад, вале мазмуну мундариҷа ва шеваи истифодаи он тавассути ҳамкорӣ бо дарназардошти манфиати тарафайн куллан тағйир ёфтааст. Тағйироти бавуҷудомада манфиатҳои Тоҷикистон ва тамоми минтақаро дар истифодаи бемамониату самараноки захираҳои гидроэнергетика баробар ба назар гирифтааст. Бояд таъкид кард, ки ташаббускори шикасти низоми қаблии талафноки истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ, ба сиёсати дурбинонаву башардӯстона ва саъйу талошҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот дорад [4-М].

